**СОДИҚИ ЗАВҚӢ**

# МАРОМИ ЗИНДАГӢ



Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
З-27

Муҳаррир *Гурез Сафар*

З-27 **Содиқи Завқӣ. Мароми зиндагӣ** *(маҷмӯаи шеърҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2011, 336 саҳ.

Навои чашмаи Содиқи Завқӣ навои ҷонсӯзи мусофири ҷӯяндаи раҳму шафқат ва суруди дили пур аз муҳаббати ӯст.

*Ҳар кӣ мегирад раҳи лутфу сахо,*
*Дар паноҳи худ нигаҳ дораш Худо!*

ISBN 978-9947- 2-004-0

© Содиқи Завқӣ, 2011

## МУСОФИРИ ҶӮЯНДАИ РАҲМУ ШАФҚАТ

Роҳи кӯи фараҳ бе ғубори ғам нест. Тани девори ҳастӣ тиҳӣ аз нам нест. Шеъри тар ҳам нишонаи оҳи ашколуда аст, асари дили ғамолуда аст. Чашмаи шеъри Содиқи Завқӣ низ аз замини меҳр рӯ зада, гардҳои кинаро аз хоки кишвари ҳастӣ меравонад, сӯзиши ҷигари ташнаҷонҳои хоҳони оби ҳаётро фурӯ менишонад. Навои чашмаи шеъраш навои ҷонсӯзи мусофири ҷӯяндаи раҳму шафқат аст, суруди дили пур аз муҳаббат аст.

*Ҷафокорӣ ба олам рои мо нест,*
*Дар он раҳ ҷои нақши пои мо нест.*
*Ба кӯи бовафоён раҳ бигиред,*
*Ки кӯи бевафоён ҷои мо нест.*

Қалами ин мусофири роҳи эҷод хати роҳи осудагист, меҳрномаи фараҳбахши зиндагист. Умед аст, ки пайи қалам дар дафтари дили хонандагон мемонад ва ҳаводоронро ба олами шеъри дардолуди шоир мехонад.

***Муҳаммад ҒОИБ***

*Шоири халқии Тоҷикистон*


ҒАЗАЛҲО

* * *

Бар мардуми бенанг Ватан ҳайф аст,
Бар қавми беирода сухан ҳайф аст.

Гул дар назарат бе Ватанат хор аст,
Бар булбули бе Ватан чаман ҳайф аст.

Шукрона ба ҷой ор, ки бедардӣ,
Бе оҳи дили хеш будан ҳайф аст.

Марде, ки ба зан ҳеҷ надорад меҳр,
Роҳаш ба сарои дили зан ҳайф аст.

Пероҳани гӯр бошад анҷомам,
Бар мурдаи гандида кафан ҳайф аст,

Тори дили Содиқат гусаст аз ҳам,
Бар сӯзани бишкаста расан ҳайф аст.

* * *

Номи неки ту дар ин даҳр нишон мемонад,
Ин ҳама моли ҷаҳон бар дигарон мемонад.

Зиндагонӣ шиканад гардани кӯтаҳдастон,
Хоки ғирбол равад, санг бар он мемонад.

Ту ба сад меҳру ба нармӣ падаратро бинавоз.
Меҳри фарзанд зи пушти падарон мемонад.

Соҳибу ҳифзгари ганҷи худат бош мудом,
Дузд яктову ҳазорон ба гумон мемонад.

Ганҷи асрори суханро зи дили худ ёбем,
Ҳама асрори Худо лек ниҳон мемонад.

Бад маяндеш, шавӣ бад ту ба чашми дигарон,
Хуб бар дидаи арбоби ҷаҳон мемонад.

Ҷониби хуфта азизон нигаҳе кун, Содиқ,
Нигаҳи чашми ту бар раҳгузарон мемонад.

* * *

Зиӣ сад сол ҳам, ҷои ту дар зери замин бошад,
Нишони пирӣ аз рӯи хати пайдои чин бошад.

Ба зери ҳукми беандеша аз дунёбино ҳастем,
Ба ҳар базму тараб як ҷоҳиле болонишин бошад.

Наёбад қадри худ коре, ки бошад аз самар орӣ,
Ки қадру қимати замбӯр ҳам аз ангубин бошад.

Агар сарбозӣ, аз бадхоҳи худ андеша бояд кард,
Ба ғафлат монда бошад то туро, худ дар камин бошад.

Туӣ беқадр то он лаҳзае дар чашм метобӣ,
Пас аз тан рафтани ҷон кори мо оҳи ҳазин бошад.

Ба оби марг аз дунё бишӯӣ даст, эй Содиқ,
Умеди охирин дар як нигоҳи вопасин бошад.

* * *

Дар баҳори зиндагонӣ сарви армонам шикаст,
Аҳду паймон баста будам, аҳду паймонам шикаст.

Халқи гумроҳи ман аз хоби ҷаҳолат хез, хез!
Шишаи фаҳмам зи санги ҷаҳли нодонам шикаст.

Ҳар кӣ омад, хӯрд нон аз хони хуб ороста,
Ин чӣ меҳмон буд, ки аз дасташ намакдонам шикаст?!

Бе Самарқанду Бухоро гаштам аз макри адӯ,
Бори фандаш қомати қавми парешонам шикаст.

Кард ҷо халқи маро яздон сари кӯҳи баланд,
Боли парвози уқобе дар биёбонам шикаст.

Шӯру исён доштам дар хонаи ақлу хирад,
Рафт ганҷ аз каф, дари ошӯби исёнам шикаст.

Содиқо, кай кардааст андеша аз мо пайки марг,
Рӯи дастам дастаи тобути тифлонам шикаст.

* * *

Аз вуҷуд аждари нафс он ки зи худ дур кунад,
Шамъи пурдуди дили хеш пур аз нур кунад.

Дар ҷаҳон мешавад овоза ба бадномии худ,
Ханда он ки ба асо рафтани ҳар кӯр кунад.

Ман чӣ созам, ки худо дард ба ту кард ато,
Модари пир, маро оҳи ту ранҷур кунад.

Дасти одам ба дари ризқи ҳаром аст мудом.
Меҳнати поку ҳалоле ба даҳон мӯр кунад.

Содиқ имдод чӣ ҷӯӣ, ки бидонам фардо
Ба сарам соя фақат чӯби сари гӯр кунад.

* * *

Беқарорӣ бар кӣ омӯзам, қарори ман куҷост,
Ёри дар дунёи дил овозадори ман куҷост.

Ишқи дил то кай сароям дар сарои зиндагӣ,
Ишқи бепарвои бо худ монда зори ман куҷост.

Ғамгусори дард буд умре ба дарди одамон,
Нестам як лаҳза бе ғам, ғамгусори ман куҷост.

Аз шикебоӣ ба ҷисми тан мадоре нест, нест.
Рафта аз по қуввату дасти мадори ман куҷост.

Ғофил аз рӯзи видои ёри ҷонӣ будаам,
Рӯзгори ишқ хоҳам, рӯзгори ман куҷост.

Дар бағал, Содиқ, чаро гирӣ ту ҳар як санги роҳ,
Кас надонад ҷуз Худо санги мазори ман куҷост.

* * *

То дар ин кӯҳнасаро ному нишон хоҳад буд,
Ҳайбати наъраи шерони ҷаҳон хоҳад буд.

Аз чӣ ҷӯӣ ту зи асрори худо огоҳӣ?
Розу асрори худованд ниҳон хоҳад буд.

Нақши ҳастӣ зи азал кас нанамудаст дигар,
Он чунин буд, пасон низ ҳамон хоҳад буд.

Хуни ноҳақ зи сари Қобилу Ҳобил сар зад,
Ин ҷаҳолат зи ҳамон давру замон хоҳад буд.

Ҳарзагӯй аст сари минбару оқил хомӯш,
Ин нафас рафта, ки бар дида аён хоҳад буд.

Асари рӯи ман аз чӯби сари гӯрам бин,
Чашми Содиқ ба раҳи раҳгузарон хоҳад буд.

* * *

Одамӣ аз хоксорӣ хештанро кам назад,
Қурби ҳимматро ба ин рафтори худ барҳам назад.

Айшу нӯши зиндагӣ аз файзи дасти одам аст,
Бе ҳавас бар кори дунё дасти худ одам назад.

Сӯхтам дар оташи ишқаш, ки аз дасти нигоҳ
Аз каромат бехабар будаст, бар бодам назад.

Ганҷи ишқам дар дилу ғофил манам аз макри ишқ,
Дилбари худ дидаву ағёр бар ёдам назад.

Ҳар сари мӯ шеър будам гар ба маҷлиси сухан,
Марҳами рози дилам шуд байт, к-аз ӯ дам назад.

Дасти худ Содиқ ба ганҷи маърифат фармуд кор.
Даст бар ганҷинаҳои дигари олам назад.

* * *

Гар касеро рӯи хуш бошад, ба дилҳо ҷо шавад,
Аз нигаҳ асрори дил хонад, рафиқи мо шавад.

Зиндагонӣ хуш бувад ҳар лаҳза дар рӯи Замин,
Кас намехоҳад, ки ҷонаш сокини уқбо шавад.

Бин, ки Мӯсо ҷон надоду даст аз дунё нашуст,
Он ки меояд ба дунё, ошиқи дунё шавад.

Зинда то ҳастӣ, дари ишрат ба рӯи худ кушо,
Ҳар чӣ дар олам бувад, аз рӯи мо пайдо шавад.

Аллаи модар сароғози суруди зиндагист,
Аз ду-се ҳарфаш ба тан ҷони сухан эҳё шавад.

Ҳар ки ӯ зидди халқи хеш исён мекунад,
Оқибат нафратзада гардидаву расво шавад.

Содиқ аз роҳи дарози хоксорӣ кун гузар,
Аз камоли хоксорӣ номи ту боло шавад.

* * *

Ризқи одам гарчи дар олам фароҳам будааст,
Моли дунё доштан худ марги одам будааст.

Хоксорӣ пеша кун, хок аст чун арзи вуҷуд,
Беди маҷнун з-ин амал як умр сархам будааст.

Одамиро марг месозад асири хоки тар,
Оқибат анҷоми он андӯҳу мотам будааст.

Ҳар кӣ мекӯшад бари итмоми фикри хештан,
Сад сухан гуфтем, фикри нотамомам будааст.

Саъй кун Содиқ пайи афкори волои сухан,
Пухтафаҳмиҳо куҷо? Афкори хомам будааст.

* * *

То даме ки дар барам он ёри ҳамдам будааст,
Зиндагонӣ дар хаёли ман чи беғам будааст.

Пири ларзон, ки асои худ қатори по кашад,
Пирияш қоматхамиданҳои Одам будааст.

Дасти пур ҳар ҷо қадам мондам, шудам бологузар,
Айби муфлис дасти холию сари хам будааст.

Ҳар чи додам, дур мондам аз нигоҳи эътибор,
Дар саховат низ файзи дасти мо кам будааст.

Гиряи талхи азодорон диламро хун кунад,
Аз ҳама мушкил бароям рӯзи мотам будааст.

То Самарқанду Бухоромон набуд аз мо ҷудо,
Содиқо, ин давлати тоҷик маҳкам будааст.

Тоҷи шоҳиро пас аз даҳ қарн мондам бар сарам,
Шоҳи хубе лоиқи Сомониён ҳам будааст.

* * *

То чанд шиҳа мекашад аспи савори мо,
Монад ба шом субҳи дили бебарори мо.

Ғам лона кардааст ба боми дили ғариб,
Ғам дида рафт аз бари мову қатори мо.

Сайри баҳори умр намоем лаҳзае –
Хобе кӣ дид сурати тарҳи баҳори мо.

Дар роҳи умр ҳосили илму амал бигир,
Рӯзи ҳисоб марг бигардад дучори мо.

Он рӯз рафтаем зи дунёи бенасиб,
Дар ҷои ёр хок шавад ҳамканори мо.

Як дам барои Содиқи ошиқ дуо кунед,
Ҳар гаҳ гузар кунед шумо аз мазори мо.

* * *

Мо ба ҳар пайроҳа рӯи мӯр помонӣ кунем,
Ин амал даниста ё аз рӯи нодонӣ кунем.

Мехӯрад як умр халқи мо ғами бегонагон,
Марди мансабдорро шоҳона меҳмонӣ кунем.

Хун чакад аз дасти бас қотил, намебинем мо,
Бегуноҳе камбағалро бурда зиндонӣ кунем.

Оқиле созад хато аз ҳоли зори зиндагӣ,
Даст орад пеши бар, мо дастафшонӣ кунем.

Дур аз панду насиҳатҳои пирон гаштаем,
Гӯш бар панди хирадмандони нуронӣ кунем.

«Аз куҷоӣ?» нест мегардад, агар мо хешие
Бо Бадахшиву Ҳисориву Зарафшонӣ кунем.

То ҷаҳон бар миллати Содиқ шавад дардошно
Тоҷикему ифтихори Тоҷикистонӣ кунем.

* * *

Вақти мавҷафкании баҳр ба соҳил бошем,
Хуб не дар назари халқ чу қотил бошем.

Чӣ яҳудию чӣ ҳиндуву чӣ насронӣ якем,
Гар набошад амале нек, муқобил бошем.

Умр бинем агар боз дусад соли дигар,
Бемуҳобо, ба дили хок кафи гил бошем.

Қадри арбоби сафо ҷой нагирад дар дил,
Мо ҳама дар чамани қурб чу ҷоҳил бошем.

Шоҳи маҳфил бишавад ёру дили мо хоҳад,
Шамъи рахшандаи дилсӯз ба маҳфил бошем.

Раҳи бад номи касеро накунад ҳеҷ эҳё,
Кош як умр чу Содиқ ба раҳи дил бошем.

* * *

Бехабар аз макру иллатҳои дунё будаам,
Бо ғаму дарди дилам бар даҳр пайдо будаам.

Нақши осори ғами дунёст рӯи дидаҳо,
Дар замири даҳр ё дар кунҷи саҳро будаам.

Ҳар қадар парвозҳо сӯи баландӣ кардаам,
Аз баландӣ дидаам, хоки таҳи по будаам.

Ҷо мақоми пастро аз хоксорӣ кардаам,
Дар баландиҳо ба боли мурғи Анқо будаам.

Аз раҳи шеъру сухан як шоире пайдо шавад,
Дар раҳи ҷӯи диле оҳанги дарё будаам.

Рӯзи марг аз дидаҳо резанд мардум ашки ғам,
Аз кароматҳои худ бар дидаҳо ҷо будаам.

Номи Содиқ гар шавад вирди забон дар анҷуман,
Дар дили имрӯзи умрам байти фардо будаам.

* * *

Дар ҷаҳони бетамизӣ чора беимконӣ аст,
Ин ҳама ошӯбҳо аз дасти беирфонӣ аст.

Оламу одамфурӯшӣ нест дар аҷзои мо,
Олами бетиннатӣ дунёи бевиҷдонӣ аст.

Мекунад чун одамӣ сабре ба дунёи ғамаш,
Сабр дар дунёи ғамҳо одати инсонӣ аст.

Дидаам ҳакдорро ноҳақ ба дунёи ҳақаш,
Аз гуноҳи дасти нодории худ зиндонӣ аст.

Дасти соил норизо Содиқ ба ҳоли худ намон,
Обрӯ дар зиндагӣ аз дасти пурэҳсонӣ аст.

* * *

Аз сӯзу дарди умр агарчи фиғон кунем,
Осудаҳол зиндагӣ аз обу нон кунем.

Аз барфи рӯзгор шавад мӯи мо сафед,
Баҳри чӣ пир хеш ба умри ҷавон кунем?!

Тобад ҷаҳон ба чашми мо ашки фироқу ғам,
То доду вой бар сари теғи забон кунем.

Бар кӯрдил нишони ҳамин даҳр бенишон,
Дарди дилу гузаштаи худро ниҳон кунем.

Аз чоҳи фақр ҳеҷ натонад баромадан,
Дар кори рӯзгор чӣ худ бе миён кунем?!

Содиқ, ба роҳи ишқ бубахшӣ ҳаёти худ,
Ту кори хайр кардаву мо низ он кунем.

* * *

Мо ба пои хеш мерӯбем роҳи мӯрро,
Бо ҳама бинои шогирдем гӯи кӯрро.

Гардани бечорае аз як гуноҳаш бишканем,
Гоҳ нодида шикастанҳои дасти зӯрро.

Бо рамузи зиндагӣ маҷбур тоқат мекунӣ,
Дар биёбон ташнаҷон менӯшад оби шӯрро.

Май агар нӯшам ба маҳфил, по ба домони ҳаёст,
Хуб донам охири кайфияти ангурро,

Зиндагиро дар нигоҳи якдигар дидан накӯст,
Мешавам ғамхор, бинам ҳолати ранҷурро.

Содиқо, андеша аз пирӣ намо айни шабоб,
Пирият гирад зи дунёи ҷавонӣ нурро.

* * *

Дар рӯзгори хеш чӣ менолӣ аз камӣ,
Дорад туро худо нигаҳ аз рӯзи сархамӣ.

З-анҷоми ҷузъи даҳр шикоят дигар макун,
То лаҳзае, ки ҳамдами ёрони ҳамдамӣ.

Имрӯз агар ба лоф бувад ҳиммати баланд,
Кам лек бар димоғ расад бӯи ҳотамӣ.

Дарде ба дил надорию дилсард гаштаӣ,
Ҳайрони рафъи дард дар ин рӯзи мотамӣ.

Қалби сағонаҳо набувад ҷои мурдаҳо,
Танҳо ба зери хок бувад ҷои одамӣ.

Содиқ, ҳазар бикун, ки кафолат ба ҷаҳл нест,
Ғофил зи макри нокасу найранги оламӣ.

* * *

Рӯзе ба рӯи дида шавад хок боми мо,
Дасти дуои хайр намо ту ба номи мо.

Монад нишонаҳо ба сухан дар саҳифаҳо
Ногуфта ҳарфҳои забону каломи мо.

Ҳар кас, ки дар забон бубарад номи ман ба бад,
З-ин пухта мешавад ҳамагӣ фикри хоми мо.

Рӯзирасони соилу то дасти ҳиммат аст,
Ширин чу шаҳд заҳр бигардад ба коми мо.

Содиқ зи роҳи кӯи хамӯшон гузар кунӣ,
Бар соликони хуфта расонӣ саломи мо.

* * *

Аз кучо ёбам чавоби «чист рамзи зиндагӣ?»,
Ҳосили ин зиндагонӣ ҳаст охир бандагӣ.

Бандҳои мушкили пуруқдаро бикшодаам,
Лек дармондам ба қайди уқдаҳои кандагӣ?

Саъй бинмо баҳри авло гаштани аҳволи худ
Қадри худ кай ёфт одам аз либоси чандагӣ?!

Ҳар кучо гӯем ҳарф аз одаму олам мудом,
Эй Худо, дорам нигаҳ аз лаҳзаи шармандагӣ.

Содиқ аз тори сухан бофам матои шеърро,
Шукр меорам, агар дастам диҳад бофандагӣ.

* * *

***Имрӯз пайи ному нишон чанд давидан,***
***Фардо, ки гузаштед, на онед, на инед.***
***Бедил***

Фардо, ки гузаштем, зи мо ном бимонад,
З-оғоз ҳама кор ба анҷом бимонад.

Аз боми сипеҳр аст ба олам нигаҳи ҳақ,
Аз марг манолед, асари бом бимонад.

Як умр лаби ҷом насиби дигарон аст,
Не базм бимонад, на лаби ҷом бимонад.

Сарсахт ҳамоне, ки сараш бохт ба зудӣ,
Бадбахт ҳамон фард, ки ноком бимонад.

Сайёд хабар медиҳад аз макр ба доне,
Баъди сари ту ҳалқаи ин дом бимонад.

Ҳастӣ ки надорад ба адам меҳр, чу Содиқ,
Пас аз нафаси субҳ ба мо шом бимонад.

* * *

З-ин кӯҳнасаро аҷаб пурармон рафтем,
Нохӯрда ба серӣ зи сари хон, рафтем.

Дар хонаи ақли на ҳама ганҷи хирад,
Аз макри замону ҷаҳли нодон рафтем.

Сад дарс агар зи худшиносӣ хондем,
Имрӯз пайи як-ду қумондон рафтем.

Эй ҳамватанон, баҳри Ватан ҷон бозед,
Ҷон баҳри Ватан додаву бе ҷон рафтем.

Дар кӯи ҳаёти худ ба ғафлат монда,
Дар ҳасрати рӯи гули хандон рафтем.

Асрори азал нест касеро маълум,
Бо дидаи чору чашми гирён рафтем.

Тар дидаи Содиқ аст чун чашми саҳар,
Аз рӯи замин чу оби борон рафтем.

*1993*

* * *

Чӣ душвор аст кардан тарк ин дунёи фониро,
Ба ёд орем вақти бандагӣ мо зиндагониро.

Чӣ менозӣ ба умри кӯтаҳу ҷоҳу ҷалоли хеш,
Ба ин дунё бимонӣ тоҷу тахти коваёниро.

Ба сад кибру ғурурат мешавӣ мафтуни ҳусни хеш,
Ба пирӣ чун расӣ, фарёд месозӣ ҷавониро.

Қаноат мекунад мурғи ҳумо бар устухони хушк,
Ба хӯрдан кас намебинад нишоту шодмониро.

Ниҳон аз чашм он чӣ ҳаст, бошад пардаи иффат,
Чӣ дорӣ саъй хоҳӣ фош асрори ниҳониро?

Ба ғафлат зӣ, аё Содиқ, дар ин зулматсаро чанде,
Худо донад ҳаёти мову марги ногаҳониро.

* * *

Одамӣ ҳамнафаси ҷаҳли замон мемонад,
Дида то рӯзи қиёмат нигарон мемонад.

Пир бо дарду ғами хеш зи дунё биравад,
Ғами дунё ба дили марди ҷавон мемонад.

Рӯҳ бар сӯи фалак роҳи сафар боз кунад,
Ба сарои дили мо хоби гарон мемонад.

Гузарад фасли баҳор аз бари дунёи дилам,
Чӣ хӯрӣ ғам, бари мо фасли хазон мемонад.

Бӯи хун то ки биёяд ба машом аз кафане,
Тир оғушта ба хун, тоза камон мемонад.

Ба қатори дили оташнафасон месӯзам,
Асари чашми дили сӯхтагон мемонад.

Ба сарои куҳане ҷумла кашокаш чӣ кунем?!
Аз пайи Содиқи мо шеъри равон мемонад.

* * *

Рӯзгори мушкилам аз саъй осон гаштааст,
Рӯзи некам чашми бадбин дида, ҳайрон гаштааст.

Айши як соат бадал кӣ сохт бо сад соли ғам?!
Лаҳзае дар айш овезам, ки меҳмон гаштааст.

Нола аз ёру ҷафои даҳр мо кардем агар,
Ёри худсар рафт аз мову пушаймон гаштааст.

Ганҷи қорундор муфлис гашт аз дарёдилӣ,
Доманам холӣ зи дасти ҷӯду эҳсон гаштааст.

Авҷи қурбам рафтааст аз хоксории зиёд,
Гарди хоки пои ёрон рӯи чашмон гаштааст.

Оқиле аз даст ҷояш дод дар базми сухан,
Дур Содиқ аз нигоҳи ҷаҳли нодон гаштааст.

* * *

Олам ба ҳукми ҷаҳл, ки ҷои нишаст нест,
Бар рӯзгори хеш нигар, бе шикаст нест.

Аз фикри рӯзгор шуда мӯи сар сафед,
Дунё ҳамехӯрем, вале дида маст нест.

Дар водие, ки панҷаи ҳасрат ҳамегазем,
Ин рӯзгор ғайри баландиву паст нест.

Он кас, ки ҷои хеш надонад ба қадри ҳол,
Гар даст бар само бубарад, рӯи даст нест.

Рӯзи сиёҳ чоки гиребон бас аст, ёр,
Бар корвони умр дари банду баст нест.

Ин шоҳроҳи умр, ки бар бандагӣ барад,
Содиқ туро зи рӯзи аҷал ҷои раст нест.

* * *

Ба мастӣ бишканӣ паймонаҳои гашта холиро,
Ба ҷонат хуш пазирӣ хотири ошуфтаҳолиро.

Ба кӯи тиннатат з-осори покӣ нест бунёде,
Ки хӯрдан ту намехоҳӣ фақат нони ҳалолеро.

Ҷафо аз ҳад зиёд охир ба ҳар як нотавон дорӣ,
Раҳоят кай Худо созад, ки то дони ваболеро?

Ту дар ёди дилам ҳастӣ, агарчи дур мегардӣ,
Надонӣ дарди мову ҳоли зори дилкашолиро.

Ҷудо аз ҳам намекардӣ дар ин дунё Худо, эй кош,
На Мағрибро, на Машриқро, Ҷанубе аз Шимолеро,

Суханҳоят сипар бошад ба зарби ханҷари қотил,
Намоӣ пеша гар Содиқ ту роҳи бемалолиро.

* * *

Гар оташи забоназанӣ, фикри хас макун,
Ҳар лаҳза майли хонаи ободи кас макун.

Вайронии ҷаҳон агар аз ҷаҳли одам аст,
Зинҳор ҷаҳд ҳеҷ ба кори абас макун.

Аз рӯзгори хеш чу розист андалеб,
Ту орзӯи зиндагии як нафас макун.

Бо гулрухони даҳр, ки ҳастем ҳамнишин,
Дар айшу нӯши ишрати беҷо ҳавас макун.

Хоҳӣ шудан ту соҳиби ҷоҳу ҷалоли хеш,
Фикри ҳаёти бешу каму пешу пас макун.

Хоҳӣ агар ки вирди забони ҳама шавӣ,
Содиқ, сахо намудани худ ҳеҷ бас макун.

* * *

Ба боли мурғи илҳомам намесозам сарафрозӣ,
Агар байте зи ман монад, шавам аз хештан розӣ.

Зи хасми худ наменолам, ки бар чашмам аён бошад,
Зи тан ҷонам равад, ёрон, чу мебинам маҳалбозӣ.

Сафои рӯзгори беҳ ҳама дорад ба ғайри мо,
Қафо мондем дар дунё зи ноҷӯриву носозӣ.

Ба чашми кас наметобем, нақши худ намеёбем,
Ҷудо созем агар умре зарафшониву дарвозӣ.

Надодам маслиҳат дилро, ки аз ёрон чудо бошам,
Маро, эй шеъри оламгири ман, як умр анбозӣ.

Кушоӣ то дари дунё, суботи корро дарёб,
Ба анҷомат нигаҳ дорам ҳамебинам, ки оғозӣ.

Пас аз як ҳафта хоки пои худ бӯсанд ин гулҳо,
Ба дунёи дилам то кай ба ҳусни худ ту менозӣ?

Ҳамехоҳам, ки ҳар маҳрӯ зи даргоҳи худо хоҳад,
Маро дар оташи ишқи дили Содиқ ту бигдозӣ.

* * *

Кароматҳои мо рафтаст бар кӯи гадо охир,
Набитвонам қафо гардам ман аз роҳи сахо охир.

Қатори мардумони даҳр агар ҳастем мо озод,
Ба расми хеш побандем бо банди ҳаё охир.

Набитвон фош сирри ҳақ намудан дар дили ҳастӣ,
Калидам ҷо намегирад ба қуфли ин саро охир.

Ҳама бегона ҷо ёбад ба мулки офтобиям,
Ки аз рӯзи азал бошад раҳи бегонаҳо охир.

Ба сар гар салла гардонӣ, ба китфат калла гардонӣ,
Туро то кай бигардонам зи кори носазо охир.

Нанолад оби ҷӯ дигар ба оҳанги дили ошиқ,
Ки меҳраш чун дили одам саропо шуд адо охир.

Чароғи ишқ месӯзад ба гулгашти хаёли ман,
Ба ҳусни хеш менозад, ки месозад хато охир.

Давоҷӯёни бисёре давои худ намеёбанд,
Суханҳои дили Содиқ намонад бе даво охир.

* * *

Дар фикри кору қофилаи рӯзгор бош,
Аз коргоҳи бесамаре дар канор бош.

Дар роҳи лутфу аҳли мулук нест офият,
Фарзонарӯ ба бодияи эътибор бош.

Аз як нигоҳи сурати ҳақ мерамӣ ҳанӯз,
Кӣ гуфта буд саманди акобирсавор бош?!

Анҷоми рӯзгори дили мо, ки мотам аст,
Бо хандаҳову гиряи хешу табор бош.

Аз роҳи ҳақ ба олами мақсуд мерасӣ,
Дар дидаи сабоҳ чу нур ошкор бош.

Содиқ, зи хайри беш расӣ бар ҳудуди ганҷ,
Якро ба сад расонию садро ҳазор бош.

* * *

Руунат сар занад, бе ҳукми давлатдор мемонӣ,
Ба мулки хештан як фарди нодаркор мемонӣ.

Агар хизмат намоӣ бар диёру халқи худ умре,
Аз ин дунё равӣ, бар сояи девор мемонӣ.

Агар як лаҳза бошӣ фориғ аз дунёи ёронат,
Ба гулгашти хаёли хеш бе гулзор мемонӣ.

Ба қадри ёр мебояд расӣ дар зиндагӣ, эй дӯст,
Вагарна дар раҳи ишқат ту бе дидор мемонӣ.

Ҷавон астӣ, паноҳи лаҳзаҳои умри ширин бош,
Ба пирӣ чун расидӣ, бар сарат дастор мемонӣ.

Ба саррофӣ бидеҳ анҷом рӯзи хешро Содиқ,
Ба дунёи сахо афтӣ агар, нодор мемонӣ.

* * *

Дилҳои порагаштаи худро ба ҳам кунем,
Рӯзи насибгаштаи худ ёди ғам кунем.

Осори нек гум шуда чун нақши пои мо,
Нақши бадӣ ба роҳи дили хеш кам кунем.

Бар қуллаи умед бигӯ аз куҷо расем?
Умре ба ҷони хастаи мардум ситам кунем.

Қалби васеву дасти расо кори саҳл нест,
Аз ҳад зиёд харҷ ба қасди карам кунем.

Аз умр баҳра гир ту имрӯз Содиқӣ,
Фардо, ки кӯи хеш ба роҳи адам кунем.

* * *

Хонем дуоеву надонем дуо чист,
Гӯем ҳаё, лек надонем ҳаё чист.

Аз роҳи саховат қадами хеш кашидем,
Эй ганҷи кафи даст, бигӯ дасти гадо чист?

Аз роҳи худо бар ҳама мақсад бирасидем,
Як умр гунаҳ карда надонем ҷазо чист.

Аз ёр вафо дидаву дар шиква чароем,
Як умр ҷафо карда надонем вафо чист.

Бар даҳрягон бандаи бе саҳву хато нест,
Аз роҳи хато рафта надонем хато чист.

Содиқ, ту бимон номи дили хеш ба некӣ,
Донӣ, ки пас аз фавт ҳама дори фано чист.

* * *

Бар хатокорон сухан бе парда мегӯем мо,
Дасти худ бо собуни ҳақдор мешӯем мо.

Тухми меҳри синаи моро агар оташ зананд,
Аз дили пуроташи ҷонсӯхта рӯем мо.

Фориғ аз бӯи гулему навбаҳорон бигзарад,
Сад гули бебӯйро он лаҳза мебӯем мо.

Зӯрбозуҳо ба ҳар ҷо дастболо гаштаанд,
Аз Худо танҳо амони хеш меҷӯем мо.

* * *

Дар раҳи сидқу вафо ёри вафодоре набуд,
Ғам даруни сина сокин буд, ғамхоре набуд.

Хори ғамҳо мехалад бар сина чун мижгони ёр,
Аз ҷафои ёр моро аз ғам озоре набуд.

Аз баландиҳову пасти зиндагӣ ғофил манам,
Аз куҷо донам, ки бе нам ҳеҷ деворе набуд.

Нақши пои некмардон монд дар дунёи мо,
Бад ҳама мебуд агар, аз нек осоре набуд.

Содиқо, бӯи вафо н-овард бод аз кӯи ишқ,
Сирати меҳру вафо дар тинати ёре набуд.

* * *

Эй бод, бар саломи диламро ба ёри ман,
Танҳо маро ниҳодаву рафт аз канори ман.

Айёми ишқварзию фасли баҳор буд,
Бо ёди ӯ гузашт ҳама навбаҳори ман.

Бинвохтам ба меҳр сару рӯи дилкашаш,
Нанвохт тифли ишқи дили бебарори ман.

Аз даст гавҳари дили ноёб додаам,
Сӯзад дилам барои ғами бешумори ман.

Шаб то ба рӯз бори ғами ӯ ҳамекашам,
Набвад ба мисли Содиқи шабзиндадори ман.

* * *

Валвала дар роҳи ишқ, ёр, ба мастӣ макун,
Умр, ки як лаҳзаест, ҷилва ба ҳастӣ макун.

Аз раҳи дилҳо гузар дорӣ ба шебу фароз,
Пеши раҳи хешро дида аластӣ макун.

Даст бимон пеши бар вақти саломат мудом,
Назди кӯҳансолтар пеш ту дастӣ макун.

Хоки раҳат, Содиқо, ҷои нишасти ман аст,
То туӣ болонишин, хона ба пастӣ макун.

* * *

Роҳи қадамниҳода надонам чӣ роҳ буд,
Дидам ба субҳи хеш ҳама шомгоҳ буд.

З-ин даҳр меравем ба уқбо, ки ҷои мост,
Мардони шердил чу дар ин хонақоҳ буд.

Дар мулки бенавои худ афтодаем зор,
Ёрон ҳама асир ба рӯзи сиёҳ буд.

Дар ин гузашти умр надонам куҷо равам,
Дар мулки ёр раъй маро подшоҳ буд.

Асрори даҳр монд ба хилватнигоҳи хеш,
Дар шишаи нигоҳи ӯ олам паноҳ буд.

Содиқ, макун суол чӣ дидӣ ба умри худ,
Аз ҳастии ту то аҷалат як нигоҳ буд.

* * *

Дил аз теғи ҷафои даҳр умре чок мемонад,
Ба дунё номи неке марди боидрок мемонад.

Ба меҳмони хуморӣ ҳарчӣ пеш орӣ, бувад ҳеҷаш,
Зи меҳмонӣ ба ӯ кайфияти тарёк мемонад.

Тарак бастан барои қад кашиданҳои токам нест,
Ки садҳо хӯшаи ангур зери ток мемонад.

Аз ин дайри куҳан садҳо ҳазорон бенишон рафтанд,
Зи мо хайру сахо дар зери ин афлок мемонад.

Пас аз фавти худ, эй Содиқ, нишонатро чӣ меҷӯӣ?
Нишони устухони мо фақат дар хок мемонад.

* * *

Гандуми покизаро то рӯз хирман мекунӣ,
Ганҷи дунёро ба ин корат чӣ аз ман мекунӣ?

Аз раҳи саррофӣ андар рӯзгорат кун гузар,
Ҷамъ моли даҳрро бо нӯги сӯзан мекунӣ.

Заҳмати аз ҳад зиёдеро раво дорӣ ба худ,
Кору бори бесуботе то ба мурдан мекунӣ.

Раҳ ба раҳ майнӯшиву озор додан кори ту,
Аз Худо шарме магар дар рӯзи равшан мекунӣ?

З-оташе, ки сӯхт чандин дафъа ҷангалзори мо,
Ту ба дашти пурпахоле аз чӣ гулхан мекунӣ?

Айби бенангӣ туро аз хони мардум дур кард,
Ту бурути хешро баҳри чӣ равған мекунӣ?

Зӯри бозу мезанӣ, Содиқ, ба ин кӯҳи гарон,
Бӯса зан кӯҳи гарон, зӯрӣ ба оҳан мекунӣ.

* * *

Бубинам ноҳақӣ, аз синаи ман ҷӯи хун ояд,
Ки мавқеи таайюн аз дили мо ҳам бурун ояд.

Зи рӯи ақл ошиқро шиносам дар ҳама ҳолат,
Дили афсурдаи ошиқ зи саҳрои ҷунун ояд.

Ба ҳар як гуфтаи бетинатон бовар чӣ медорӣ,
Ки аз лаъли лабони ҳарзагӯён сад фусун ояд.

Зи ҷабри ёри хушгил мо басо фарёдҳо дорем,
Магар аз ин сияҳчашмон ба мо раҳми фузун ояд?!

Ба сарвақти дилам ёрам наомад гарчи, эй Содиқ,
Ба сад уммед мепоям ба роҳаш, то кунун ояд.

* * *

Ёр, бар кӯи дилат як умр фарёдам бикун,
Бандии кӯи ғамам, ин лаҳза озодам бикун.

Нест роҳе ҷуз раҳи мактаб, раҳи дилҳо куҷо?
Ғофил аз таҳлили шеъру дарси устодам бикун.

Мурғи дил фарёд месозад, ба имдодам бирас,
Бандҳои по раҳо аз дасти сайёдам бикун.

Аз бари Содиқ пайи анҷоми таҳсилат равӣ,
Ҳар куҷо бошӣ агар, аз тахти дил ёдам бикун.

* * *

Ба рӯи даҳр агарчи одамони хуб кам бошад,
Ба дунёи дили мардум кафи дасти карам бошад.

Зи ҳақ рӯ тобаду бо бад кушояд рӯи хуш фарде,
Ба рӯзи бандагӣ охир туро роҳи адам бошад.

Зи бешармии афроде нигаҳ дорад Худо моро,
Дили худ мехӯрам аз ғам, сари боло чу хам бошад.

Занад санги маломатро ба пушти ҳамдигар мардум,
Кашокашҳо ба носозӣ ҳама нақши алам бошад.

Ба созиш бош, эй Содиқ, ба неку бад тавонӣ гар,
Ки бе таззодҳо дунё ҳама бе зеру бам бошад.

* * *

Бубинам дар ҷабинам нақши ҳар чинам, шавам дилхун,
Бирезад ашки чашмам рӯи болинам, шавам дилхун.

Фақире аз барои бурдаи нон беталаб монад,
Ба ҳоли рӯзгори бори сангинам шавам дилхун.

Касе, ки кина меварзад, ба ҳолаш аз чӣ бигзорем,
Барои рафъи ҳодисоту такминам, шавам дилхун.

Ба қадри лаҳзаи умри равон бояд расид имрӯз,
Ба ҳар як лаҳза рафти умри ширинам шавам дилхун.

Ба дашти яъсу навмедӣ чароғи дида чун бинад
Саманди адлро бе қошу бе зинам, шавам дилхун.

Халоиқ карда Ҳақ, Содиқ, ҳама мавҷуди оламро,
Барои фориғ аз дунёи бединам шавам дилхун.

* * *

Ба ҳар ҷое, ки бошам, эй Худо, дур аз хатар бошам,
Ба дунёи дилам бо мардуми аҳли ҳунар бошам.

Ки то ҷонам даме аз ранҷи дунёӣ биосояд,
Дар оғӯши нигоҳи ёри дерин то саҳар бошам.

Ба мулки офият бо кору бори зиндагӣ бандам,
Суботи кори худро ёбаму бе дарди сар бошам.

Ҷудоӣ байни пайвандон биёрад бебарориҳо,
Ки то он рӯз дар қайди ҳаётам, бо падар бошам.

Раво донанд фарде зулмро бар бепарасторон,
Надорам қудрати ҳифзу вале хунинҷигар бошам.

Зи нахли бесамар дар боғи мо будан надорад суд,
Ҷудо аз решаам созед, агар ки бесамар бошам.

Барои рӯзгори беҳтарини мардумон кӯшам,
Сари халқи худ, эй Содиқ, агар ман роҳбар бошам.

* * *

Ба вақти мастӣ аҳволам лаби паймона медонад,
Ҳавасҳои дили моро фақат ҷонона медонад.

Аҷаб дорам, ки ҳушёрон нигаҳ бар мо намесозанд,
Ғаму дарди дили моро ҳамин девона медонад.

Ба ғафлат гарчи мегардем гирди шамъи рӯи ёр,
Ки парвози хаёли мо пари парвона медонад.

Касе хомӯш биншинад, зи ҳолаш кай шавӣ огаҳ,
Нигоҳи хандаборамро ҳама дар хона медонад.

Зи оби меҳр нӯшида ҳама авлоду аҷдодам,
Дили ғамхори Содиқро ҳама бегона медонад.

* * *

Зиндагӣ ҳаммаслаки ашхоси доро будааст,
Синамои зиндагонӣ дидаи мо будааст.

Гар ба маҳфил муфлиси озода бикшояд сухан,
Ҳар ҳиҷоюю ҳарфи ӯ бисёр ноҷо будааст.

Аз хато аблаҳ бихондам ҷоҳили корозмуд,
Баъд фаҳмидам ба кори хеш доно будааст.

Рӯзгори сахтро кардаст чӯпон ихтиёр,
Ихтиёри хештан дар кунҷи саҳро будааст.

Бо ғаму дарди дили дунё ҳамовозӣ кунед,
Неку бад аз ибтидо побанди дунё будааст.

Рӯзи пасти дӯстони хеш умре Содиқӣ,
Дар ҳама рӯзи ғами ёрон ба дилҳо будааст.

* * *

Қадри одам доштан дар мол нест,
Пухтагии мо ба синну сол нест.

Хонаи обод вайрон мешавад,
Ҳар кӣ дар фикри зану атфол нест.

Назди раммоле марав аз баҳри фол,
Равнақи ин зиндагӣ дар фол нест.

Эй, ки дар корат надидам ростӣ,
Кору бори мо бад-ин минвол нест.

Дода ту ашхоси оламро фиреб,
Ҷуз дурӯғат душмани қаттол нест.

Нестӣ як лаҳза бе ёди диёр,
Содиқам бе ёди рӯи Ёл нест.

* * *

Дили бекину беозор дорам,
Ба дунёи ғами худ кор дорам.

Зи дасти боварӣ аз худ фитодам,
Ки дар дил кулфати бисёр дорам.

Ба каф ганҷи дили худро биёрам,
Зи дасту панҷаи нодор дорам.

Фароғат мекунад дар шаҳр ҷонам,
Агарчи майл бар кӯҳсор дорам.

Дилам аз яъсу навмедӣ наболад,
Ба роҳам дилбари ночор дорам.

Расам бар қадри ҳоли зиндагонӣ,
Ки бар кӯи дилам ғамхор дорам,

Зи Содиқ мешавам розӣ, ки умре
Ба дунёи дили худ ор дорам.

* * *

Умри ширинам агар сад ранг буд,
Дар диёри нозанинам ҷанг буд.

Хотири ҷамъам куҷо ёбам дигар,
Шишаи фаҳми дилам бар санг буд,

По намондам ман бурун аз роҳи ҳақ,
Зиндагониам пур аз найранг буд.

Роз мехондам ба оҳанги диле,
Ки маро бегона он оҳанг буд.

Сер аз дунё намешуд ҳеҷ гоҳ,
Чашми носерам аз он ки танг буд.

Як сару гардан бувад то ки баланд,
Содиқи деҳотӣ ҳам бонанг буд.

* * *

Ҳар кучое ҳурмату одоб буд,
Ганҷ рӯи даст нону об буд.

Рӯзагириву таробеву намоз
Бо дуои пир дар меҳроб буд.

Ҳар саҳар мехестам аз хоби ноз,
Мурғакони хонаам бехоб буд.

Зиндагӣ худ саҳнаву бозии мо
Нақшбозиҳои беасбоб буд.

Шеъри худро Содиқ аз дил месуруд,
Садри маҷлисхонаи аҳбоб буд.

* * *

Ғофил аз он, ки равад умри ту, эй дӯст, ба хоб,
Ҳосили ҳар нафаси зиндагиатро дарёб.

Ҳама солик ба раҳи ишқ агар буд чу мо,
Мисли мо ҳеҷ касе хеш намедод азоб.

Шӯрангезии фарде чӣ биёвард ба мо?
Мӯҳташам хеш намудаст, вале даҳр хароб.

Он ки аз рӯзи азал қисмати мо дарҷ намуд,
Хоби ваҳми шаби худро ту чӣ гӯӣ бар об?!

Ба куҷо нури нигоҳи ту, Худо, дида бидӯхт,
Назаре соз ба ҳоли дили мо баҳри савоб.

Содиқо, кош замини дили арбоби сафо
Шавад аз чашмаи фаҳму хиради ту шодоб.

* * *

Баҳори ман, ки хазон мешавад бе рӯи ту, ёр,
Биё, биё, ки зор гаштаам ба мӯи ту, ёр.

Чу сар ниҳам сари болин, қарору хобам нест,
Биё, биё, ки хоб мекунам ба бӯи ту, ёр.

Тамоми зиндагиам бе ту ҳаст бемаънӣ,
Димоғи ишқ, ки саршори гуфтугӯи ту, ёр.

Марав зи ман, ки ҷудоӣ харобиҳо дорад,
Қасам ба чашми сиёҳу дили накӯи ту, ёр.

Дили Содиқ ба дард асту ҳама дам гӯяд,
Ҳама як сӯю маро дил кашад ба сӯи ту, ёр.

* * *

Чашм бар роҳ кушо, то ту ба дидор расӣ,
Ғамгусори ҳама шав, то ту ба ғамхор расӣ.

Чашми муфлис бихӯрад ганҷи кафи дастатро,
То ба қадру самари қимати нодор расӣ.

Ба танат дард худованд аз он мебахшад,
То ту бар оҳи дилу ғуссаи бемор расӣ.

Хори роҳи ту начидему ба поят зад хор,
То ба қадри аламу иллати озор расӣ.

Роҳ бар кӯи дили ёр фақат пеш бигир,
То ки бар манзили иқболу дари ёр расӣ.

Гом неҳ аз пайи афкори баланд, эй Содиқ,
То ки рӯзе ба сари қуллаи афкор расӣ.

* * *

Ишқи туро, эй ёри ҷон, дар синаам ҷо мекунам,
Ширин ғами дунёи худ аз ишқ пайдо мекунам,

Эй бехабар аз дарди ишқ, бе дарду дармон нестам,
Дарду давои хешро бар даҳр барпо мекунам.

Дур аз ғами дунё мабош, бе шӯру бе савдо мабош,
Дар роҳи ишқу ошиқӣ сад шӯру ғавғо мекунам.

Дарёи ишқам сар зада худро ба ҳар соҳил зада,
Дарёи ишқи ман туӣ, оҳанги дарё мекунам.

Аз мушкилоти зиндагӣ аз чӣ сабаб тарсидаӣ?
Банде, ки дорад сад гиреҳ дар зиндагӣ, во мекунам.

Дар ин ҷаҳони гирудор дунёи ишқи ман туӣ,
Аз ман равӣ, дунёи ман, ман тарки дунё мекунам.

Аз ишқи Содиқ то нишон монад ба дунё ҷовидон,
Атши дили худро баланд имрӯзу фардо мекунам.

* * *

Ту наомадӣ ба наздам, кӣ дар ин миёна бошад?
Ҳама ин хилофи аҳду раҳи ошиқона бошад.

Ба нигоҳи бевафоӣ дили мо ту дур созӣ,
Бари якдигар набудан ҳама ин фасона бошад.

Ба диёри бенишонӣ чу нишони худ бимонем,
Ба сарои некхоҳӣ раҳи мо нишона бошад.

Чӣ кунам ба роҳи зорӣ, ки ту рӯ ба ман надорӣ,
Ҳаваси дили ману ту ба муроди мо набошад.

Ба раҳи вафо нарафта зи раҳи ҷафо бирафтӣ,
Ба вафои Содиқи худ ҳама ин баҳона бошад.

* * *

Мунаввар кун дили моро ба зебоӣ, ту яктоӣ,
Сухангӯю сухандонӣ, ки шамъи маҳфилороӣ.

Қасам бар рӯи зебою ҳамон чашмони шаҳлоят,
Зи хубони ҳама олам басо хубиву барноӣ,

«Маро аз дидани рӯят фурӯ бастаст гӯёӣ»,
Набошӣ гар дар оғӯшам, ба кунҷи дил вале ҷоӣ.

Кӣ мегирад дар оғӯшат, кӣ бӯсад аз баногӯшат,
Худо бахтат диҳад рӯзе, ки пеши Содиқат оӣ.

* * *

Зи бадкирдорҳо, эй одамон, дар дил алам дорам,
Ман аз гаҳвора то тобут дунёи карам дорам.

Ба рӯзи талхи мотамдорҳо гӯяд дилам бар ман,
Барои рӯзи сахти одамӣ дар дида нам дорам.

Бубинам ноҳақиро, чашму абрӯям шавад беҷо,
Ман аз ҷаҳли замон чашмону абрӯвон ба ҳам дорам.

Ба ҷуз ин ахтари шаб нест розе аз бароят фош,
Дар ин мулки фанои хеш асрори адам дорам.

Агарчи ханда мерезад зи тарҳи барги рӯи ман,
Мабин як рӯзи шодӣ, боз ман сад рӯзи ғам дорам.

Шавад вирди забони халқ то шеъри дилам, Содиқ,
Ман аз шабзиндадориҳои худ бар дил ситам дорам.

* * *

Қавс намудӣ Малакулмавт зишт,
Хома зи некӣ ба лаҳад менавишт.

Кош зи нав боз худои ҷамил
Бори дигар қолаби одам сиришт.

Аз чӣ ту нозӣ ба ду-серӯза даҳр,
Лой бирезанд бидон рӯи хишт.

Умр ба шодӣ гузарон, як дамем,
Нола макун ҳеҷ ту аз сарнавишт.

Бозрасон, ёр, ту худро ба ман,
Содиқи ту Ёлию меҳрат ба Кишт.

* * *

Он қадар дидӣ азоҳо, оҳи хомӯшат бас аст,
Бори нанги ҷоҳилон як умр бар дӯшат бас аст.

Монда шуд пероҳани шаб аз худу андоми мо,
Пераҳан дигар бикун, рамзи сияпӯшат бас аст.

Ҳилаи Судобаю тарфанди Ковусат чӣ шуд?!
Рафтану қурбон шуданҳои Сиёвушат бас аст.

Ман тани аз дил ҷудою китфи аз дастон ҷудо,
Он Самарқанду Бухорои фаромӯшат бас аст.

Содиқ, акнун ту ба истиқлоли худ соҳиб шудӣ,
Асрҳо занҷир дар по, ҳалқа бар гӯшат бас аст.

* * *

Аз гудози ишқ то сад шӯъла дар ҷони ман аст,
Бенишон гарди сиёҳӣ аз шабистони ман аст.

Хомушӣ дар маҳфили ёрон намоям ихтиёр,
Душманӣ баски ниҳон дар байни ёрони ман аст.

Баҳри айши базми мардум об мегардад дилам,
Дар сабӯи дида ашкам оби эҳсони ман аст.

Оҳи ҳасрат гар муродеро зи дил берун кашад,
Оҳу дарди сарди ӯ аз оҳу афғони ман аст.

Моҳрӯёнро ба кӯи хеш меҳмон кардаам,
Қаҳ-қаҳи мастонаи ёре аз айвони ман аст.

Бахти мо, Содиқ, ба дарди зиндагӣ ёрӣ накард,
Интизори роҳи ту як умр чашмони ман аст.

* * *

Ҷовид ба гулзори ҷаҳон хор намонад,
Даврони азо рафта азодор намонад,

Аз ҳар кӣ ҷафо мерасадат, ҳузн набояд,
Гар сабр кунӣ, ҷаври ҷафокор намонад.

Аз ҷайб агар дасти саховат бадар орӣ,
Осори гадои сари бозор намонад.

Шукрона кун, аз роҳи талу теппа равонӣ,
То рӯзи қиёмат раҳи ҳамвор намонад.

Мастӣ ту ба овози хушу давлати бедор,
Умре ба чаман булбули гулзор намонад.

Содиқ нашавад то ту зи дороӣ бинозӣ,
Бар дайри куҳан ҳеҷ чӣ подор намонад.

* * *

Як замон дар зиндагӣ бо мо равуо доштӣ,
Нест осоре аз он меҳре, ки бо мо доштӣ.

Сад зиён бар ман расондӣ, боз бахшидам туро,
З-он ки дар кӯи дилам як умр маъво доштӣ.

Ноз кардӣ бо бузургиат, надида ҷои худ,
Хешро дар маҳфили хурдон ту расво доштӣ.

Аз пайи рӯзӣ шитобад рӯзу шаб бечорае,
Эй сафодор, аз ҷафокашҳо чӣ парво доштӣ.

Муфлисон бо як лаби ноне қаноат мекунанд,
Дасти нокас рӯи зар бо шӯру ғавғо доштӣ.

Содиқо, бигзашт хуш рӯзат, зи ҳад шодӣ макун,
Хотирам хуш мешавад имрӯзу фардо доштӣ.

* * *

Дар рӯи санги сахти ту този Ватан кунам,
Аз тарҳи роҳ мисраи шеъру сухан кунам.

Мерос аз гузаштаӣ, эй Ёл, баҳри ман,
Имрӯз вақти он бувад эҳё куҳан кунам.

Ҳар гаҳ, ки дур меравам аз остони ёр,
Ман ёди рӯи деҳкада, ёди Хутан кунам.

Бо умри хеш гарчи сухан қадр кардаам,
Содиқ суханварӣ на ба ҳар анҷуман кунам.

* * *

Дар замони кӯдакӣ аз ғам раҳо будем мо,
Ғофил аз макри дилу роҳи хато будем мо.

Дар сари мо ҳеҷ гаҳ фикри ҷудоиҳо набуд,
Дар диёри ишқи худ аз ҳам ҷудо будем мо.

Ту накардӣ қадр он меҳру навозишҳои ман,
Бехабар аз он ки аз аҳли вафо будем мо.

Ошиқон бар дарди ишқи худ давое ёфтанд,
Аз азал маҳрум оё аз даво будем мо?!

Сабз аз ҷӯи вафо бошад дарахти зиндагӣ,
Кӣ ҳамегӯяд, ки бе баргу наво будем мо?

Содиқо, аз роҳи иффат то тавонӣ гом зан,
Гир дар хотир, ки аз кӯи ҳаё будем мо.

* * *

Дар зиндагият ёд кун аз марг як нафас,
Дар олами кушод чу мурғем дар қафас.

Он ки ба даҳр дод зи даст обрӯи хеш,
Боло чӣ шинад, аст мақомаш ба рӯи хас.

Рӯзе ки фоқагӣ ба дарат панҷа мезанад,
Бо дасти хеш панҷа мазан бар сарои кас.

Он рӯз рафтаем аз ин даҳр ноумед,
Ёде зи умри рафта наёрем бо ҳавас.

Эй сорбон, чу роҳи диле гум намудаем,
Имдод шаб талаб бикун аз нолаи ҷарас.

Ёрон ба қадри шеъри дили мо расидаанд,
Бар қадри шеъри Содиқи Ёлӣ ту ҳам бирас.

* * *

Хешро мо аз миёни коми оташ ёфтем,
Шеъри дилро аз рухи он ёри маҳваш ёфтем.

Аз даме ки дода дил бар дилбари болоназар,
Чашмаи меҳру вафои софу беғаш ёфтем.

Гар сияҳпӯш аст шаб, аз ӯ шикоятҳо макун,
Равшанӣ аз пардаи рӯи сиёҳаш ёфтем.

Қудрати дасти бузургонро зи мулки Ёли худ
Аз қудури аслу сангу обу хокаш ёфтем.

Мушкилат Содиқ фақат аз сайъ осон мешавад,
Зиндагиро бо талошу бо кашокаш ёфтем.

* * *

Нигоҳи меҳр сӯям буд, оҳанги вафо кардам,
Диламро дар раҳи ишқи ту ман обу адо кардам.

Ба роҳи умр то дар зиндагӣ як ҷо қадам монем,
Қасам хурдам ба ишқи покаму сад илтиҷо кардам.

Маро бо ту расонад то худои яккаву танҳо,
Ба назди ҳар мазори зодгоҳи худ дуо кардам.

Накардам сарф вақти хешро бар донишомӯзӣ,
Ки умри қиматамро сарфи ёри бевафо кардам.

Накардӣ раҳм бар ҳоли дили бечораи зорам,
Ба ту дил додаму дар роҳи ишқи худ хато кардам.

Ба фарёди дили Содиқ накарда гӯш, рафтӣ ту,
Зи байни моҳрӯён ман туро охир садо кардам.

* * *

Рози худ ногуфта аз кӯи ту рафтам ноумед,
Гарчи кардӣ дилсиёҳам, хоҳамат роҳи сафед.

Мо қадам якҷоя мемондем андар зиндагӣ,
Ҳар саҳар бедор мекардам туро бо нури шед.

Кӣ ҳамегӯяд, ки андар роҳи ишқ, эй бевафо,
Шишаи оинаро бар санги дил ноҷо занед.

Бесамар Содиқ дарахти бедро ҳаргиз магӯ,
Оқибат созанд тобути туро аз чӯби бед.

* * *

Ишқи ёри бевафо дар хонаи дил ҷо гирифт,
Ин ҳама хубу дили ман ёри бепарво гирифт.

Гӯ насиби мо чӣ буд дар ин ҷаҳони гирудор?
Моҳи оламгири моро дигаре аз мо гирифт.

Дар ҷаҳони пир кас ҷонаш ба осонӣ надод,
Дида бар дунё намуда, меҳр аз дунё гирифт.

Дар хаёлам ишқи он дилбар барои ман бас аст,
Моҳрӯе омаду роҳи дили шайдо гирифт.

Ишқи ёри худсарам аз роҳи дил нозида рафт,
Дар замирам, Содиқо, ганҷи сухан маъво гирифт.

* * *

Ёри аз худ рафтаро, ёрон, ҳамекобам ҳанӯз,
Аз фироқи рӯи ӯ аз дард нотобам ҳанӯз.

То зи лафзи шаккарин пайдо кунад шеъри дилам,
То саҳар дар ҷустуҷӯи ганҷи ноёбам ҳанӯз.

Одамон андар талоши зиндагӣ овораанд,
Нафси худро кушта ман дар гӯши фил хобам ҳанӯз.

Беадаб гаштаст имрӯз аз ҳама болонишин,
Ин ҳама рафтор маълуму баодобам ҳанӯз.

Хушк мебошад даҳони Ҷоми Ҷамшедам кунун,
Чорае ку, эй Худо, зори майи нобам ҳанӯз.

То даме аз хуни Ҳобил лола рӯяд дар Замин,
Содиқо, тарсам зи макри аҳли қассобам ҳанӯз.

* * *

Дари майхона кушо, соғари мо мемонад,
Ҳама аз мо гузарад, ғам бари мо мемонад.

Ба сарои куҳанат ҷилва ба нохун дорӣ,
Асари ҷилваи ту бар дари мо мемонад.

Дилбаре ғамзакунон аз раҳи дилҳо бигузашт,
Аз куҷо сурати он дилбари мо мемонад.

Дари дилро ту бари ҳақназарон боз намо,
Ин ҳама моли ҷаҳон аз сари мо мемонад.

Назанад чашми дилам мижа чу ахтар ҳар шаб,
Гарчи аз даҳр равем, ахтари мо мемонад.

То даме дар сафари роҳи дил астӣ, Содиқ,
Ғами дунё ба дили модари мо мемонад.

* * *

Нест кун аз кишвари дилҳо ту тухми кинаро,
Суд ҳаргиз нест аз хӯрдан ғами боринаро.

Хандаро дар барги рӯ пинҳон намудан метавон,
Лек натвон кард пинҳон ғуссаи деринаро.

Аз куҷо донам маро тобут мегардад насиб?
Дидаам сад мурда бе тобуту ҳам бе зинаро.

Ҷоҳилон дуранд аз дарду ғами дунёи мо,
Дардманд эҳсос созад дардҳои синаро.

Ғам махӯр, ки барнамегардад ҳаёти рафтаат,
Нест имкон бозгардондан нишоти динаро.

Шеър шуд, Содиқ, ба дунёи дилам ганҷи вафо,
Шукр меорам, ки дар дил дорам ин ганҷинаро.

* * *

Одамӣ гар аз камоли умр меёбад самар,
Ҳайфи умре бигзарад аз олами мо бехабар.

Дур оқил мешавад аз маҳфили худношинос,
То тавонӣ хеш аз кӯи ҷаҳолат кун бадар.

Аз баду неки ҷаҳон хоҳӣ ту эмин зистан,
Аз хусуматҳои номардони олам кун ҳазар.

Ман-маниҳои ману ту як-ду рӯзе беш нест,
Аз чунин рафтор дар дунё намемонад асар.

Пири барҷомондае мегуфт бар фарзанди худ:
Бурда хокам соз, эй фарзанд, дар назди падар,

Хоҳӣ аз файзи саҳар кори ту гардад бобарор,
Хез, эй Содиқ, ту пеш аз субҳ аз хоби саҳар.

* * *

*(Аз номи силоҳбадасти тоҷик)*

Теғ бар ҳалқам кашидам, қаҳрамонам кардаанд,
Қаҳрамони номии давру замонам кардаанд.

Нест кардам тухми меҳри насли худ аз мулки дил,
Хомабардастони хомаш достонам кардаанд.

Дар тавоноӣ маро вақте касе ёро набуд,
Дар замони нотавонӣ пуштибонам кардаанд.

Аз сиёсат як сухан дар хонаи ақлам набуд,
Ҳар қадар куштор аз теғи забонам кардаанд.

Ин ҳама тавсифҳо оғозу анҷоми ман аст,
Ё худо, шармандаи ҳарду ҷаҳонам кардаанд.

Содиқо, пайванди халқи хеш гардидем мо,
Лоиқе бар давлати Сомониёнам кардаанд.

* * *

Бе дӯст роҳи ҳастӣ моро раҳи ҳалок аст,
Ҳар ҷо ки дӯст бошад, аз душманам чӣ бок аст?

Гар роҳи дил биҷӯед, оед бар дари мо,
Зеро ки манзили мо фардо сарои хок аст.

Дур аз канори ёрем, аз дида ашк борем,
Дарёи оби дида аз чашмаҳои пок аст.

Бе зан сафо надорад ҳарчанд зиндагонӣ,
Дар маҳфили занона чӣ ҷои иштирок аст?

Дар роҳи мақсади худ дасти талаб набардор,
Оҳиста хон ба гӯшаш, он ёр шармнок аст.

Бар ёри ман расонед аҳволи зори Содиқ,
Аз теғи рози пинҳон дил решу сина чок аст.

* * *

Дар кӯи харобот касе беҳавасе нест,
Дар дида сиришки ғаму як ҳамнафасе нест.

Шомам шуда назре, ки чароғи нигаҳе ку,
Раҳ дуру дароз аст садои ҷарасе нест.

Даҳри куҳан, озурдаам аз бурду барорат,
Ман шефтаи оламаму ёри касе нест.

Озод ту поят ба пасу пеш гузорӣ,
Дайри куҳанат ғайри мақоми қафасе нест.

Доде мазану оҳи дили хеш фурӯ бар,
Содиқ, ба ҷуз аз дард туро додрасе нест.

* * *

Ҷони одам бар фалак бинҳод рӯю монд тан,
Ҳамраҳу ҳамхонагиаш мешавад охир кафан.

Мурда хомӯш асту мегӯяд ба рамзи хештан,
Мерасад рӯзе асири хок мегардӣ чу ман.

Ин замин серӣ надорад ҳеҷ гоҳ аз одамӣ,
Сӯзадам обилаҳои дастҳои гӯркан.

Ҳар куҷо монем поро, нақши рӯи одам аст,
Эй ки меҷӯӣ ба умри хеш асрори куҳан.

Хонаи ақлат зи шамъи илм равшан мешавад,
Нақши асрори азал бо ақл бин дар илму фан.

Уқдаи накшудаеро бозгар пайдо нашуд,
Уқда нопайдо бувад, ҷӯёӣ оғози расан.

То ки дар мулки сухан як умр монӣ бошукӯҳ,
Гир панде, Содиқо, ҳар дам ту аз шоҳи Яман.

* * *

Ба ҳусни хеш мафтун гашта, Содиқро намедидӣ,
Тапиданҳои набзи қалби ошиқро намедидӣ.

Барои ин дили ман як нигоҳат, ёр, кофӣ буд,
Фиреби дидаи аҳли мунофиқро намедидӣ.

Маро имрӯз мехоҳӣ, туро дигар намехоҳам,
Ба мулки ишқи ман Узрову Вомиқро намедидӣ.

Куҷо дилдодагоне, ки туро мехостанд аз дил,
Табиби дардманду ёри ҳозиқро намедидӣ.

Сухан то субҳдам мебофт дил ҳар шаб барои ишқ,
Суханҳои барои ишқ лоиқро намедидӣ.

* * *

Дар роҳи ишқ чашми дилам интизор буд,
Роз аз нигоҳи кардаи ман ошкор буд.

Дурӣ насиб буда, ки мо дур гаштаем,
Айёми ишқварзию фасли баҳор буд.

Осори меҳр гарчи набуд дар ҷафои ёр,
Майли дилам ба ёр вале сад ҳазор буд.

Гарчи накард ҷустуҷӯ ишқи дили маро,
Дар мулки ишқ ганҷи дилам бурдбор буд.

Умре ба роҳи ҳақ, ки назар карда рафтаам,
Тадриси роҳи тарбиятам ҳақгузор буд.

Бо сӯзу сози ишқ, ки масрур гаштаам,
Ганҷи худои ишқ дар ин рӯзгор буд.

Бе бӯсаи гирифтаву бе ишқ рафт ёр,
Содиқ вале муаттали бӯсу канор буд.

* * *

То чанд шиҳа мекашад аспи савори мо,
Монад ба шом субҳи дили бебарори мо.

Ғам лона кардааст ба боми дили ғариб,
Ғам дида рафт аз бари мову қатори мо.

Сайри баҳори умр намоем лаҳзае,
Хобе ки дид сурати тарҳи баҳори мо.

Дар роҳи умр ҳосили илму амал бигир,
Рӯзи ҳисоб марг бигардад дучори мо.

Он рӯз рафтаем зи дунёи бенасиб,
Дар ҷои ёр хок шавад ҳамканори мо.

Як дам барои Содиқи ошиқ дуо кунед,
Ҳар гаҳ гузар кунед шумо аз мазори мо.

* * *

Хоксорӣ пеша кардам, аз пайи номам ҳанӯз,
Пухтафаҳмиҳо куҷо, дар зиндагӣ хомам ҳанӯз.

Сарфи кашфи оламу одам намуда умри худ,
Нест пайдо пеши рӯ оғозу анҷомам ҳанӯз.

Мавҷи дарёи дилам сад ранг туғён кард, лек
Ман ба чашми одамон дарёи оромам ҳанӯз.

Ёри ман дар кунҷи узлат мекашад дарди фироқ,
Дар забони қосидам ногуфта пайғомам ҳанӯз.

Дил ба моли ин ҷаҳон чун дигарон Содиқ набаст,
Аз пайи шеъри равону завқи илҳомам ҳанӯз.

* * *

Эй худписанд, ҳамдами аҳли вафо шудӣ,
Аз дард дур будию дардошно шудӣ.

Мурғи дилат, ки дур буд аз осмони ишқ,
Охир дар осмони дилам мубтало шудӣ.

Аз он даме қадам зи суроғи ту кандаам,
Аз фитнаҳои мардуми олам раҳо шудӣ.

Дунболи ишқ рафтаму навмед гаштаам,
Дар роҳи ишқ оқибат он ёри мо шудӣ.

Аз меҳр қуфли бахти туро гаштаам калид,
Эй бахт пеши позада, ту хоки по шудӣ.

Гулчини гулшани рухат ағёр ҳаст, лек
Дар кунҷи қалби Содиқи ошиқ баҷо шудӣ.

* * *

Ба дунё мекашад сад ҷабр оқил,
Зи ҳарфу аз надоматҳои ҷоҳил.

Ба сад харсанг печад мавҷи дарё,
Зи дарди мавҷ огаҳ нест соҳил.

Ба Одам мушкил аз ҷо хестан буд,
Ду пои худ агар медид аз гил.

Зиёдат кун, Худо, моли сахиро,
Саховатманд гирад дасти соил!

Чу маркаб дар ҷаҳон хизматрасон нест,
Ки бори соҳибаш орад ба манзил.

Ба қадри кас расӣ дар зиндагонӣ,
Пас аз фавтида ғам хӯрдан чӣ ҳосил?!

Дилам хоҳад ба рӯзи марг бошад
Сари болини Содиқ ёри ҳамдил.

* * *

Забони хомаам ҷони калом аст,
Сухан аз дардҳои нотамом аст.

Маҷӯ осори меҳр аз қалби ҷоҳил,
Ки хас аз шӯрфорияш ба бом аст.

Надидам ҳеҷ ғамхоре ба ҷонам,
Ки ҳар ғамхор бар ҷонам ба ном аст.

Чӣ кас бошад ҷавони ҳарзагӯе,
Ба деги ақл нури дида хом аст.

Нигоҳи ҳасратомезат нигаҳ дор,
Ба моли кас назар кардан ҳаром аст.

Ба олам одамӣ сад давр гашта,
Ҳалолашро намедонам кадом аст.

Аз ин дунё бубандад рахт Содиқ,
Ба ӯ аз қосиди умр ин паём аст.

* * *

«Эй сорбон, оҳиста рон» ёрам нигаҳ дорад ба роҳ,
Дар ин биёбони алам моро худо дорад нигоҳ.

Ин нимашаб дар зери по хори мағелон мехалад,
Эй осмонам, гӯ, ба ман кай мекушояд рӯй моҳ?

Эй солики роҳи хато роҳи хатои ман маҷӯ,
З-он ки намебошад касе дар олами мо бегуноҳ.

Гӯянд кӯтоҳ аст, ёр, умри дурӯғу фанди ту,
Аз фандкарданҳои худ ҳар фард гардад рӯсиёҳ.

Оби равон аз худ нишон монад рахе дар рӯи санг,
Аз кӯфтагандумҳои мо танҳо бимонад барги коҳ.

Пур кӯчаҳо шуд аз гадо, мушкил шумораш ёфтан,
Содиқ, намегирад хабар аз бенавое ҳеҷ шоҳ.

* * *

То даме дар сина оҳ аст,
Одамӣ чун хоки роҳ аст.

Саъй кун дар зиндагонӣ,
Ҳақтаоллоҳ подшоҳ аст.

Дар гунаҳ ғарқам агарчи,
Хандаҳоям бегуноҳ аст.

Ин шаби маҳтобии мо
Равшанӣ аз рӯи моҳ аст.

Саҷда бинмою маяндеш,
Рӯз шуд, айни сабоҳ аст.

Содиқо ҳақ бинад охир,
Олами мо дидгоҳ аст.

* * *

Нигоҳи меҳр аз лутфи нигор аст,
Ғаму дарди дили ман бешумор аст.

Хабар аз рӯзи васли ёр оред,
Дили дардошноям беқарор аст.

Фитодам пеши пои ёри худсар,
Ки бо ақли расо овозадор аст.

Намо бо меҳр сӯи ман нигоҳе,
Дилам ошиқ ба чашмони хумор аст.

Саманди адлро бинмо саворӣ,
Дар ин даҳрӯза дун чандин савор аст.

Ба хешон чора чӯ дар зиндагонӣ,
Ба маргу зиндаат хешу табор аст.

Ба рӯзи сахт ёрон ҷамъ гардаданд,
Дили озурдаамро бахт ёр аст.

Чӣ сон хобам ба кӯи хеш Содиқ,
Чароғи дидаам шабзиндадор аст.

* * *

Ишқи дили маро набувад ҳеҷ сарҳисоб,
Аз рӯи хеш чашми диламро бидеҳ ту об.

Эй он ки меравӣ ба раҳи ишқ бо умед,
З-ин дайри бенасиб равӣ бар мақоми хоб.

Нашнохтӣ марову будӣ бехабар зи ишқ,
Ҳарфи вафои дидаи мо хонӣ аз китоб.

Аз дасти ишқи дилбари Кӯлоб Содиқо,
Бошад туро зи он дами дилдоданат азоб.

* * *

Ба даргоҳи ту пеш аз субҳдам ҳозир дуоям буд,
Диламро дӯхтам бо риштаи ғам, хандаҳоям буд.

Қаноат пеша кардам, гар раво дидӣ ҷафо бар ман,
Худоё, сархуш аз онам, ки ҷабри ту равоям буд.

Аз он рӯзе зи ҷоми ишқ ман як ҷуръа нӯшидам,
Ҳазорон бор гуфтам шукр ин обу ҳавоям буд.

Гуноҳ аз мо чӣ буд, ки ёр бар мо рӯ намеорад,
Даруни сина доим хонаи меҳру вафоям буд.

Зи мастӣ гоҳ шоду гоҳ тар домони ман аз ғам,
Ба ҳар суде зиёни бар сарам ҳукми қазоям буд.

Набошад одаме дар зиндагонӣ бехато ҳаргиз,
Ба роҳи зиндагӣ дар ҳар қадам садҳо хатоям буд.

Кафи дасти гадои кӯчаю бозор мегӯяд:
Ки эй Содиқ ҳамин дасти дуо дасти сахоям буд.

* * *

Ту ки аз лаҳзаи маргӣ ғофил,
Дорад андеша зи маргаш оқил.

Баҳр дар дил чу талотум дорад,
Боз худро бизанад бар соҳил.

Аз чӣ ғофил туӣ дар олами шар,
Эй хирадманд, зи макри ҷоҳил.

Умри мо аз бари мо мегузарад,
Монад осор зи марди комил.

Содиқ, аз мартабаат даст бишӯй,
То даме мартаба дорад қотил.

* * *

Умрам гузарад, аз ин ҷаҳон хоҳам рафт,
Аз ҷаҳли замона нотавон хоҳам рафт.

Бо душмани ман дӯст кунун ёр шудаст,
Хуни дилам аз дида равон хоҳам рафт.

Дар айни ғиреви гулу айёми баҳор,
Дар фасли баҳорам ба хазон хоҳам рафт.

Мардони шуҷоъанд ба хун оғушта,
Аз дастаи дасти бокамон хоҳам рафт.

Гар шеър шавад давоми ояндаи ман,
Тарсам ман аз он ки ноаён хоҳам рафт.

Содиқ, ғазале нишона бигзор зи худ,
Чун хома ба дасти дигарон хоҳам рафт.

* * *

Ҳар кӣ дар зулматсаро торик имонаш кунад,
Нафс ӯро мезанад зину ба фармонаш кунад.

Зинда бошад дар сухан, Эзид агар лутфе кунад,
Ҳар киро, ки дӯст медорад, сухандонаш кунад.

Роҳи хубӣ пеша бинмо з-он, ки олам бебақост,
Хубро рӯзе Худо бар дида меҳмонаш кунад.

Мурда мебинад ба вақти ғусл кавни хешро,
З-он ки рӯҳашро фаришта рӯи чашмонаш кунад.

Мурдашӯро гӯиё мегӯяд ӯ оҳиста шӯ,
То назар як лаҳза бар хешу таборонаш кунад.

То сари гӯр «алвидоъ» бошад суханҳои дилаш,
Содиқ ин дам хона аз хоки хамӯшонаш кунад.

* * *

Гарчи дар олам ҳама махмур нест,
Бе шароб асло ба дунё сур нест.

Дардмандонро давое мерасад,
Ҳеҷ дард аз дарди ҳиҷрон зӯр нест.

Такягоҳи пир мегардад асо,
Дон асо танҳо насиби кӯр нест.

Зиндагониро баќо аз меҳнат аст,
Ҳеҷ меҳнаткаш ба ранги мӯр нест.

Тори дилро то тавонӣ ҷӯр соз,
Торҳои зидагонӣ ҷӯр нест.

Гир ҳар як лаҳза аз Содиқ хабар,
«Хонаи мо он қадар ҳам дур нест»[1].

---

[1] Мисраъ аз Мирзо Турсунзода аст.

* * *

То ранги матои дили моро нашиносӣ,
Сад ҷома бипӯшӣ, ту ҳаёро нашиносӣ.

Сад бор назар бар ту намудем, надидӣ,
Чун кӯрдиле дидаи моро нашиносӣ.

Ҳастем бародар ҳама, ту шӯр маяндоз,
Ҳам Одаму ҳам мома Ҳаворо нашиносӣ.

Як рӯз аз ин дайри куҳан рахт бубандем,
Худро нашиносиву худоро нашиносӣ.

Побастаи занҷир дар ин кӯи харобот,
Занҷири пур аз ҳалқаи поро нашиносӣ.

Ҳар ҷо, ки будам, бӯи Ватан буд ба машомам,
Бӯи Ватану бӯи вафоро нашиносӣ.

Аз даҳр ба ман ҳар чӣ расад, шод бувад ҷон,
Содиқ чӣ бигӯяд, ки ту ӯро нашиносӣ?!

* * *

Хоксорӣ пеша кардам, хоксорам зодаанд,
Дар сарои зиндагонӣ бобарорам зодаанд.

Гарчи дар дасти ман аст амволи ҳастии ҷаҳон,
Ман надонам фандро, сармоядорам зодаанд.

Кардаам ганҷи суханро ҷой дар сандуқи дил,
Шоири беномаму овозадорам зодаанд.

Вақти субҳи содиқам тавлид аз модар шудам,
Дар ҳамин даҳрӯза дун шабзиндадорам зодаанд.

Ҳар куҷо Содиқ равад, як ҷо намегирад қарор,
Зери ин чархи баринам беқарорам зодаанд.

* * *

Дар танӯри синаам хокистар ахгар мешавад,
Ёди чашмат дар шаби умрам чу ахтар мешавад.

Аз пайи хубон давад он ки зи шавқи шаҳваташ
Хор гашта, оқибат бехонаю дар мешавад.

Бишнавам аз кас чу ношоистагӣ андар сухан,
Гӯшҳо аз фарти бемаънигарӣ кар мешавад.

Хулқи бад бинӣ агар дар хилқати фарзанди кас,
Дон, ки ин рафтор аз хӯи падар сар мешавад.

Назди модар меравам, ҳар рӯз мегӯяд ба ман:
Эй писар, ҳар гаҳ ки боз оӣ, дилам тар мешавад.

Дасти кӯре гар бигирам ман ба роҳи рӯзгор,
Гӯиё кафҳои дастонам пур аз зар мешавад.

Ошиқон бисёру ҳар ошиқ вале содиқ нашуд,
Содиқӣ аз оташи сӯзони дил сар мешавад.

* * *

Эй кош ки зи хирмани меҳраш сахо кунад,
Бахше ба мӯр ёр зи дони вафо кунад.

Эй дӯст, гӯй ҳоли ману ғам чӣ мешавад,
Ағёру ёр ҳарду чу бар ман ҷафо кунад?

Аз банду дори фитна дигар шикваам намонд,
Занҷирҳои баста зи поям раҳо кунад.

Аз назду дури мо ҳама кас ҳарф мезанад,
То лаҳзае ғаму маро аз ҳам ҷудо кунад.

Он ошиқе, ки майли ту дорад, баробар аст,
Ба он ки майли дидани рӯи Худо кунад.

* * *

Аз дили ман хотири болидаам дорад хабар,
Тозагулҳои зи гулшан чидаам дорад хабар.

Аз ману шӯридагиям ҳолати ҷонро маҷӯ,
Ҷоми дастам аз дили шӯридаам дорад хабар.

Ҳоли зорамро, насими субҳ, бар ёрам магӯ,
З-он ки аз ҳолам гули ранҷидаам дорад хабар.

Аз хазони ранги рӯям дар гулистони умед
Дастаи гулҳои нобахшидаам дорад хабар.

Тарк кардам бо лаби пурханда гарчи хонааш,
Аз ғамам танҳо лаби хандидаам дорад хабар.

Аз гудозу нолаҳои ишқи байни мову ёр
Ашки ғамҳои ба рӯ хушкидаам, дорад хабар.

Содиқ, аз ҳоли дили бераҳму бепарвои ёр
Тифли ишқи з-ин ҷаҳон фавтидаам дорад хабар.

* * *

Имрӯз ҳаст чашми сиёҳат ба сӯи ман,
Эй кош, бахт ханда намояд ба рӯи ман.

Фардо ҷавоби талх диҳӣ пеши одамон,
Гардад сафед аз ғаму дарди ту мӯи ман.

Ҳар шом хешро бирасонам ба кӯи ту,
Кай мерасад шабе, ки биёӣ ба кӯи ман?!

Тарсам, маро раҳо бикунӣ баъд аз ин, нигор,
Бинмуда умр сарф ту дар ҷустуҷӯи ман.

Содиқ, ба ёди ишқ ҳаме комронӣ кард,
Ояд ғиреви марг зи умқи сабӯи ман.

* * *

Чу аз бемеҳриҳоят бар ту бо сад меҳр дил додам,
Маро маълум гардид аз азал, аз хоки ғам зодам.

Ба сарвақтам расу бин ҳоли дунёи ҷавониям,
Ки вайрон аст аз ҷаври замона кӯи ободам.

Задам қуфли хамӯшӣ бар лабонам, дил фиғон дорад,
Ман он як шоири беноми ин дунёи озодам.

Агарчи дар танӯри сина муште ахгарам мондаст,
Аз он тарсам, ки месозад насими марг барбодам.

Ба назди халқи олам сархаму шарманда гардидам,
Ҳазорон пок хонам хешро, гӯянд ҷаллодам.

Набошад беш аз ин бадбахтие бар миллати тоҷик,
Манора кард гӯӣ ҳамчу Темур аз сари Одам.

Ба фарёди дили Содиқ насозад гӯш агар мардум,
Худоё, хуб донам, гӯш медорӣ ту фарёдам.

* * *

Ба зебоӣ ба чашмам мулки Ёл аст,
Даме бе ёди ӯ будан муҳол аст.

Даруни сина меҳраш ҷо гирифта,
Маро бар ӯ муҳаббат бемисол аст.

Қадам монам ба сӯи дашту ҳомун,
Раҳораҳ пистаю хучу зилол аст.

Миёни кӯҳу пушта арча раста,
Зарангу урғаю фарку бушол аст.

Бубин Мулёбу Чуску деҳи Парвор,
Ба бар кардаст китфонаш – чу бол аст.

Сари кӯҳи Лашан аз кони ангишт
Суи Панҷи равон доманкашол аст.

Умеди ман ба фардояш чуноне
Умеди боғбон бар навниҳол аст.

* * *

То фитнагариҳои замон мебинам,
Хуни дилам аз дида равон мебинам.

Аз душману дӯстам надорам шиква,
Ҳарчанд ба ҳар суд зиён мебинам.

Кай мерасад он рӯз, ки худро бо ту
Ҳамроҳ ба боғи ошиқон мебинам.

Гумкардараҳе ба манзили худ нарасад,
Худро ба раҳи гумшудагон мебинам.

Эй марди сафар, шитоб дар роҳ макун,
Садпора дили сели давон мебинам.

Марде ки тавонои замон буд, кунун
Дилхастаю зору нотавон мебинам.

Аз ҳар хати пайдошудаи чеҳраи ёр
Ман қисмати умри гузарон мебинам.

Аз чархи фалак шиква ба гетӣ кӣ накард?
Худро ба қатори дигарон мебинам.

* * *

Ба зери гунбади даввор чун қотил шавад одам,
Ба коми хок чун дарёи бесоҳил шавад одам.

Ба равшанфикрҳо гар эътимоде нест мардумро,
Аз ин беэътиқодии худаш ҷоҳил шавад одам.

Шавад чун канда як барги тараҳҳум аз дарахти меҳр,
Бародар кушта дар банди ғами мушкил шавад одам.

Наёбад тору пӯди рағзаи умру ҳаёташро,
Агар аз риштаҳои дӯстӣ ғофил шавад одам.

Шавад осуда ин дунё, Замину Осмони мо,
Ба монанди Замин-Модар агар якдил шавад одам.

* * *

Рӯи чашмони базебу гесувонаш гард буд,
З-ин сабаб аз лаҳзаҳои умри худ дилсард буд.

Аз ғурури дилбари бераҳму бепарвои ман
Ранги рӯи тифли ишқам дар баҳорон зард буд.

Гар намебуд модари покизакорам дардманд,
Тифли шеъри зодаи ман аз дили бедард буд.

Гар наям ҳамхонаю ҳамсояи кӯи дилаш,
Лек гӯяд: Содиқам дар роҳи ишқаш мард буд.

* * *

Аз ҳамин рӯзи сиёҳам шаби маҳтоб хуш аст,
Ашк дар ҳалқаи ин наргиси ноёб хуш аст.

Гарчи дилхаста зи дарду ғами дунё шудаам,
Ба сиҳатмандии ман модари нотоб хуш аст.

Ташнаи чашмаи чашмони дили ёр шудам,
Дидани ташналабе кӯзаи пуроб хуш аст...

Дилбаре гӯш намояд ба суханбозиям,
Ки дар ин давру замон баччаи дилёб хуш аст.

То дами субҳ набурдаст маро хоб, вале
Ёр гӯяд, ки зи ғам дида маро хоб хуш аст.

Шеър гӯ Содиқи ошиқ ту барои дили ман,
Сухани пуршакару дидани Кӯлоб хуш аст.

* * *

Эй боди сабо, аз чӣ зи ёрам хабаре нест,
Ё ин ки туро ҷониби кӯяш гузаре нест.

Ҳаргиз нагузорам ба раҳи каҷ қадами хеш,
Ҳарчанд ба сӯям нигаҳи ҳақназаре нест.

Гӯянд маро ошиқи халқу ватани хеш,
Болам, ки чу ман ошиқи соҳибгуҳаре нест.

Аз раҳбаладам шоҳраҳи ишқ напурсам,
Ҷуз ишқ дар ин роҳ ба ман роҳбаре нест.

Содиқ, зи ҳама ёри навин ёри куҳан беҳ,
Гӯё ки ҳамин ҷабр ба ёри дигаре нест.

* * *

Рози дил бар ёр ҳар дам гуфтаем,
Дил ба ангушташ чу хотам гуфтаем.

Ин саҳар мо ашки чашмони варо
Қатраҳои ашки шабнам гуфтаем.

Ҳар чӣ гуфтем аз дил охир бар ҳадар,
Ёри худ аз хоки беғам гуфтаем.

Аз ҳамон вақте ки худ бишнохтем,
Даҳрро бо зеру бо бам гуфтаем.

* * *

Гӯяндаҳои назм гузашта зи суннатам,
В-ин корвони умр равону ба ғафлатам.

То ҳаст ҳалқи хомаам аз ҷӯи шеър тар,
Гӯям, ки шеър дораму шахси бадавлатам.

Қисматнавис қисматам бинвишт гар чунин,
Эй айбҷӯй, айб чӣ гирӣ ба қисматам.

Аз роҳи шеъри лутфнавозам, ки гашта дур,
Лутфе зи ман махоҳ, надонӣ ту қиматам.

Содиқ, ки гашта ошиқи ёри хаёлият,
Ку шеъри обдор, ки дар кунҷи хилватам?!

* * *

То даме девони Ҳофиз бо ман аст,
Мулки шеъри дил саросар гулшан аст.

Гарчи боде мебарад хокистарам,
Дар танӯри синаи ман гулхан аст.

Ту чӣ дурӣ ҷӯӣ аз баҳри висол?!
Айни ханда кардану рақсидан аст.

Ёр, аз чашми дилам дурӣ маҷӯ,
Дар диёри ишқи Содиқ шеван аст.

* * *

Дар дидагони оинарангам ғубор нест,
Гарчи ғами муҳаббатат дур аз канор нест.

Бар рӯи хок ин дили афтода зор гуфт:
Дар гумбади сипеҳр чу ту хоксор нест.

Дар баҳри тунд киштии умрам равона аст,
З-он сон, ки чархи зиндагии ман қарор нест.

Фасли баҳори умраму моҳи баҳори сол,
Афсӯс мехӯрам, ки ба наздам нигор нест.

Дар гулшани умед ту будӣ умеди ман,
Чашми дили рамидаам уммедвор нест.

Содиқ нагуфт қиссаи дил, рафтӣ аз бараш,
Дилро дигар ба пушту паноҳи ту кор нест.

* * *

Чашмони ту монанд ба чашмони ғизол аст,
Аз дидаи ту чашм гирифтан чӣ муҳол аст.

Боз-о, ки бароят дари дил боз намудам,
Оё ту намедонӣ, ки айёми висол аст?

Гӯянд: тани одамӣ аз хок сириштанд,
Аз хоки сияҳ не, танат аз хоки кулол аст.

Дар доми муҳаббат дили афтодаи Содиқ
Афтода ба хоки дари он дилбари Ёл аст.

* * *

Эй Ёли ман, ту манзили шеъру таронаӣ,
Дар олами хаёли ман пур аз фасонаӣ.

Гуфтам ба оби ҷӯй ту пайғоми дил расон,
Бар водии муҳаббати дилҳо равонаӣ.

Ошиқ шудам ба чашми дили ёр, з-он ки ту
Илҳомбахши савти хуши ошиқонаӣ.

Аз дур хоку оби туро ёд мекунам,
Зеро ки тифли ишқи диламро ту хонаӣ.

* * *

Дарк кардам аз нигоҳи ёри худ
Бебароригҳои ишқи хори худ.

Мурғи дилро кардаам шабзиндадор
Аз садои нолаҳои зори худ.

Хаставу афгор гаштам з-он, ки ӯ
Аҳди ёрӣ баста бо ағёри худ.

Дар либоси шеър пинҳон чун кунам
Дардҳои ин дили бемори худ?

Аз бари ман рафт гарчи беасос,
Сад пушаймон мешавад аз кори худ.

Содиқо, то ғарқи дарёи ғамӣ,
Шикваҳо асло макун аз ёри худ.

* * *

Гули рӯи ту то вақте базеб аст,
Дар ин гулшан навои андалеб аст.

Ба рӯи роҳи абрӯи ту дидам,
Баландиҳои бисёру нишеб аст.

Пас аз оворагӣ донист Содиқ,
Нигоҳат хонаи макру фиреб аст.

* * *

Дарду ғамҳои ҷаҳон дар синаи инсон будаст,
Одамӣ бероҳа кардан иллати шайтон будаст.

Одами ғамдидаро дидам, ки пурчин гаштааст,
Рӯзгори хуби кас андар лаби хандон будаст.

Шод рафт аз хони хуб ороста меҳмони ман,
Рӯйсурхиҳои ман аз файзи дастархон будаст.

Вақти ҷамъоӣ шунидам аз забони модарам,
Луқмаи ширини ман бо ҷамъи фарзандон будаст.

Аз ҷафои дӯст андар зиндагӣ Содиқ маранҷ,
Дар насиби ту фақат ёрони бепаймон будаст.

* * *

Ба коми худ аҷал аз тан равони беш мегирад,
Надорад раҳм чун гурге, ба саҳро меш мегирад.

Набошад дар насиби ту ба дунё рӯзгори хуб,
Худовандам зи рӯят нурро бар хеш мегирад.

Ба аввал нанг дорад нанг маҳкам дасти соилро,
Ба охир одати бенангие дарвеш мегирад.

Надорад аз чӣ рӯ ҷони азизи хештанро ҳифз,
Ба ҳангоми газидан ҷони орӯ  неш мегирад.

Саманди адлро парварданам баҳри саворӣ нест,
Лаҷоми сарвариро мардуми дилреш мегирад.

Ба ҳар носозӣ Содиқ гуфтанат хубӣ намеорад,
Раҳи осудагиро марди дурандеш мегирад.

* * *

Зиндагӣ дар олами ҳастӣ муаммо будааст,
Шоми умрам қисмати уммеди фардо будааст.

Кас зи надорӣ намегардад, яқин, болоназар,
Сарбаландӣ ҳам насиби шахси доро будааст.

Аз ҳавасбозӣ иноии ихтиёр аз даст рафт,
Ё ба мулки ҳусн айби дидаи мо будааст.

Одамӣ аз чӣ, надонам, ҷои озодии ҷон
Худ ғуломисози хешу банд дар по будааст.

Аз гиребони хушиҳо дор умре Содиқӣ
Одамӣ як лаҳзае дар чашми дунё будааст.

* * *

Рав, гӯ аҷалро, ки равад аз назди кӯям бемалол,
Начшидаям қадри тавон аз шаҳди умрам то ба ҳол!

Чӣ номаи умри маро пур мекунӣ қисматнавис?!
Аз зиндагӣ дил канданам то бандагӣ бошад маҳол.

Булбул ба умри кӯтаҳаш аз даҳр розӣ меравад,
Норозӣ аз дунё равам, умрам агар бошад чу сол.

То ки ба коми рӯзгор н-афтам ба рӯзи бемадор,
Дар шохи нахли рӯзгор як умр дорам худ кашол.

Кӣ мехӯрад нони ҳалол, осон ба даст ояд ҳаром?!
Ояд гаронам зиндагӣ бо луқмаи нони ҳалол.

Дар байни ҳар хешу табор имрӯз хешие намонд,
Тори муҳаббат канда шуд аз чӣ надонам бо аёл.

Шодӣ ба дунё «омадан», «рафтан» зи олам мотам аст,
Умре азобам медиҳад дар зиндагиам ин савол.

Рӯзе ки аз дунё равам, шустан ба кӣ гардад насиб?
Ғуслам ба оби дидагон бинмой, эй ғассоли ҳол.

Бо риштаҳои дил танам, Содиқ, суханҳои дилам,
З-ин рӯст ашъори дилам асло намеёбад завол.

* * *

Зиндагӣ доно намуд, эй дӯст, ҳар як фардро,
Мекунад эҳсос пои мо хироми гардро.

Дар талоши зиндагонӣ саъй мебояд намуд,
З-он ки он бар дӯш мебардорад охир мардро.

Қисмати дарди диламро во намоям бар табиб,
Аз танам з-он ки ҳамехоҳам барорам дардро.

Нахли умри пир моил мешавад бар заъф зуд,
Менахоҳад одамӣ бар хеш ранги зардро.

Ахгари ишқат бизад хирман ба чагдони дилам,
Дар танӯри синаам кӣ рехт оби сардро.

Бар сари роҳаш ҳар он чӣ ҳаст, сел орад ба худ,
Мардуми деҳ кард, Содиқ, ҷамъ селовардро.

* * *

Нишони ишқ аз дунёи ман ҷӯ, ганҷи ноёб аст,
Ки ишқам соф мисли чашмаи поёни Мулёб аст.

Навозишҳои гарми меҳрборамро ба ёд овар,
Ҳавасҳои дили мо дар лаби дарёи Варзоб аст.

Чӣ ширин буд вақти роз гуфтанҳо ба ҳам будан,
Ҳамон ашки ғаму шодии мо дар чашми асҳоб аст.

Зи бемеҳрӣ нагардад сабз охир нахли ишқи мо,
Бихушкад сабзаи тар дар биёбоне, ки беоб аст.

Ба назди дӯстон андеша рон вақти сухан кардан,
Ба ғафлат мондаӣ сад душманат дар байни аҳбоб аст.

Машав аз гарму сарди зиндагӣ ғофил ту, эй Содиқ,
Нафас дар лаҳзаҳои охиринам ҳамдами хоб аст.

* * *

Гаштӣ аз ман ту ҷудо, аҳду вафоро чӣ кунам?
Ҳама чӣ дораму ин доди Худоро чӣ кунам?

Ёди он ишқ садоям ҳама дам карда ба хеш,
Роҳ дар пешу вале акси садоро чӣ кунам?

Ба шаби ишқ даровехтанам субҳи сафост,
Раҳи тақдир ба як сӯву сафоро чӣ кунам?

Ин чӣ ишқ аст, маро бо раҳи расво бибарад,
Даст бар ӯ бидиҳам, ақли расоро чӣ кунам?

Ишқ дар роҳи дили хеш раҳомӯзам кард,
Ба вафо такя занам, ҷабру ҷафоро чӣ кунам?

Чашми бадбин, ки нигоҳам бикунад аз пастӣ,
Боли парвози ҳама мурғи ҳуморо чӣ кунам?

Чанг то кай бизанад умқи диламро қаҳтӣ?
Бо сабурӣ биравам, фанду риёро чӣ кунам?

Содиқ аз даст туро доду хато кард, хато,
Ба дил афсӯс хӯрад, роҳи хаторо чӣ кунам?

* * *

Дар бисоти зиндагӣ ҳаммаслаки дардем мо,
Об дода нахли умру лек рӯзардем мо.

Хирмани оташ шавад таслим бар бунёди хеш,
Ҷисми мо ҳам оламею накҳати гардем мо.

Зиндагӣ дар рӯ ба рӯи мо чу мард истодааст.
Ҷои тангӣ пеш ояд, сахт номардем мо.

То расидан дар баёзи сархати нанги Ватан.
Ишқро дар кӯи дил як умр парвардем мо.

Дар тавоноӣ буда мо дастгири одамон,
Дар нигоҳи кас натобид он чӣ мекардем мо.

Аз ниҳодам то нагардам ҳамчу Содиқ ноумед,
Хешро ғам дода, бар кас рӯ наёвардем мо.

* * *

То нахл сабз гардад, бар реша об бояд,
Бар дида то ту тобӣ, нури шаҳоб бояд.

Гардуни бемурувват раҳме ба мо надорад,
Дар зиндагонӣ моро чун химча тоб бояд.

Аз вақт пеш бошем, эй дӯст, дар раҳи умр,
Бар худ расем фардо, моро шитоб бояд.

Шарму ҳаё ниқобест пӯшида нуқси касро,
То обрӯ нарезад, занро ниқоб бояд.

Шӯру шарар нахезад бе май ба рӯзи тӯят,
Ҷое, ки лозим ояд, моро шароб бояд.

То оби раҳм шӯяд, Содиқ, гуноҳи моро,
Дар роҳи зиндагонӣ кори савоб бояд.

* * *

Қуфли ҷаҳони орзуям бекалид шуд,
Сад кори будмешудаи мо нашид шуд.

Аз субҳ сӯи шом равонем мо ҳама,
Дилсард ҳар равандаи субҳи умед шуд.

Бо оби нанг дасти дили хеш шустаем,
Бояд ба қалби мардуми худ нури шед шуд.

Рӯзе танам фасурда, дил аз кори хеш монд,
То хоки гур такягарам чӯби бед шуд.

Содиқ, ба хуни дил шавад оғушта хоки мо,
Дар чанд ҷои даҳр чу сарвар палид шуд.

* * *

Бурун аз канда о, ки кандаро гарданда мебинам,
Ба рӯзи паст афтам, хешро шарманда мебинам.

Лиҳози ҷангу ҷанҷоли ҷаҳонро умр кӯтоҳ аст,
Дарахти дӯстӣ дар хоки ғам поянда мебинам.

Гунаҳкорони давр аз мӯи сар ҳам бештар гаштанд,
Хаёли зиндагониро ба ҳар парванда мебинам.

Ба мулки назм даъвие ба шеъру шоириям нест,
Ки ҷони дар сухан бахшидаам арзанда мебинам.

Даме, ки аз саманди зиндагӣ бар хок афтидам,
Сари болои Содиқро ба хок афканда мебинам.

* * *

Худо дастам диҳад, тақдирро такбир мекардам,
Ба хоки офият кошонаам таъмир мекардам.

Зи сар то нӯги дун афсонаи таърихро хондам,
Ҳама ин зинданомонро ба по занҷир мекардам.

Зи дасту панҷаҳои қаҳрамонон хун чакад як умр,
Ба дарси гуфтаи худ хешро таҳқир мекардам.

Куҷо охир, намедонам, худои мо нигаҳ дорад,
Шикасту рехтро товони як тақдир мекардам.

Шитоби умр, Содиқ, менигар то домани хок аст,
Ҳама корам ба сомон зуду бетаъхир мекардам.

* * *

Дар дилу ҳам дар нигоҳам бош,
Дар диёри ишқ шоҳам бош.

Дар ҳама шебу фарози умр
Ҳамраҳу пушту паноҳам бош.

Зиндагӣ ҷангу ҷадал дорад,
Бегуноҳӣ, узрхоҳам бош.

Рӯзи шодӣ ҷамъ ёронанд,
Бо ғаму бо дарду оҳам бош.

Хоб ҳастӣ гар дар оғӯшам,
Имшабам то субҳгоҳам бош.

То расӣ, Содиқ, ба қадри ёр,
Гаҳ-гоҳе хоки роҳам бош.

* * *

Аз хишти дурӯғат асари хонаи мо аст,
Нодида ҳама дидаи фарзонаи мо аст.

Дар коми дили чоҳи ҳама гандуму ҷав рехт,
Норӯида аз хоки сияҳ донаи мо аст.

То арш чӣ суд аст агар хона бисозем?!
Дар боми риё новаки шоҳонаи мо аст.

Анҷомкаши сурати фоҷиа шуда мо,
Болонишин аз ҳама бегонаи мо аст.

Дар як нафаси шавқ даромез чу соқӣ,
Ранҷу алами даҳр ба паймонаи мо аст.

Мӯри аламам кашола дорад рӯзӣ,
Кулфатзадае қимати моҳонаи мо аст.

Содиқ, чу даридаст зане либси ҳаёяш,
Пӯшида ҳаё ҷомаи мардонаи мо аст.

* * *

Мевазад боди ғарибӣ дар самои мулки ғайр,
Зард созад барги умрамро ҳавои мулки ғайр.

Рӯи хокаш бо ҳазар оҳиста по монӣ, вале
Нестат роҳи халосӣ аз ҷазои мулки ғайр.

Дар Ватан сад рӯз бо ғам будан осон бигзарад
Аз ҳамин як лаҳзаи созу навои мулки ғайр.

Хуб парвар нахли ишқу меҳр дар хоки дилат,
Хом бошад меваи меҳру вафои мулки ғайр

Дар Ватан болонишинӣ аз нигоҳи эътибор,
Паст метобӣ ба боми дидаҳои мулки ғайр.

Қадри шоҳу давлату хоки Ватан доред азиз,
Мезанад рӯзе ба сангат як гадои мулки ғайр.

Риштаи хешиву расму дину оинат мабур,
Худбуридан хуб не андар баҳои мулки ғайр.

То ба кай мо ройгон худро ба меҳнат мезанем,
Мулки худ обод кун, Содиқ, ба ҷои мулки ғайр.

* * *

Хомтинат хеш бар роҳи аластӣ мебарад,
Марди беандеша худ бар тангдастӣ мебарад.

Бе нигоҳи хеш мардумро бимонад подшоҳ,
Хешро бар олами шӯҳратпарастӣ мебарад.

Зиндагӣ бо хоксорӣ карданам хуб аст, лек.
Олами камбуд инсонро ба пастӣ мебарад.

Орзуҳои диле бар хеш хонад хоки гӯр,
Мубталои моли дун рӯъёи ҳастӣ мебарад.

Ихтиёри рӯзгорашро диҳад аз даст зуд,
Ҳар кӣ ин умри азизашро ба мастӣ мебарад.

* * *

Суд нанмояд чу рӯи хеш ҷурми шоҳ нест,
Даҳрро кобӣ агар, як синае беоҳ нест.

Дил расад бар кӯи васл аз зуҳри имони қавӣ,
Мавҷи дарё ҳам ба тоби хештан бе роҳ нест.

Софдил кай мекушояд лаб зи софиҳои хеш,
Ончуноне ки аён дар рӯзи равшан моҳ нест.

Рӯи каф дилро наорем ар ба сӯи Ҳақ, бидон,
Бар дари кӯи ману ту омади арвоҳ нест.

Мурдани одам ба марги хеш, Содиқ, давлат аст,
Ҷуз Худо аз рӯзи марги мо касе огоҳ нест.

* * *

Агар рӯзе набинам рӯи ту, он рӯз рӯзам нест,
Намедонам чаро парво туро аз оҳу сӯзам нест.

Танӯри зиндагӣ гардад сафед аз хирмани оташ,
Маро бе оташи чакдони ишқи ту фурӯзон нест.

Аҷаб дорам, ки бархе бо рамузи зиндагӣ хубанд,
Чу тифли софтинат бар дурӯғ асло рамузам нест.

Навозишҳои оҳанги дили Содиқ барои туст,
Вале сидқу вафоят аз чӣ рӯ, ки то ҳанӯзам нест.



# ДУНЁИ МЕҲР

## ТУ ХУШБАХТӢ, АЁ МОДАР

Ту хушбахтӣ, аё модар!
Ҳама фарзандҳо дар гирди ту ҷамъанд,
Ту моҳи осмони арши бахти хеш мебошӣ.
Ва мо фарзандҳо дар гирди ту чун ахтари субҳем,
Агарчи зиндагӣ дар меҳвари оғозу
анҷоми дили хеш аст.
Ки ҳар фарзанди ту андар ҳавои
кору бори зиндагӣ банд аст,
Пас аз ин рафтуои зиндагонӣ ман яқин кардам:
Убур аз роҳи қисмат кардан эҳсони Худованд аст,
Агарчи ҳар якемон хонаву дар,
бачаву маҳпайкаре дорем,
Вале дар иззату икрому иқболи ту
дар по рост меистем.
Пайи амволи дунёӣ набояд буд,
Агар фардо туро аз даст мо бидҳем,
На аз рӯи замин на аз само ҳарчанд мо кобем,
туро дигар намеёбем.
Чу Хуршеди ба пушти абр бе ту хира метобем,
Ҳаёту зиндагиро дар замини меҳр мо
нашъунамо донем,
Муҳайё мо гули уммедро бар ту раво донем.
Ҳама хешу таборон дар умеди хизматат бошад,
Дуо додан ба онҳо раҳматеву ҳимматат бошад.

Дигар кай бошадат андешаи борону сели деҳ,
Ба ин умри фароғат ҳам расидан қисматат бошад.

Ҳаме аз ҷумлаи фарзандҳои ту
яке шоир,
дигар олим,
Ки ин дониш зи мо нею,
ту худ пурҳикматӣ модар!
Дар ин дунё ҳама амволи дунё арзише дорад,
Барои мо ту аз ҷон қиматӣ модар.
Ба дунёи сахою ҳам вафои хеш
Ту худ боҳимматӣ, Модар!
Ту худ сад давлатӣ, Модар!

## ЗИНДАГӢ

Модари ғамхори пирам,
Вақти тифлӣ дод ширам.
То дар ин дунёи фонӣ
Зиндагиро сахт гирам.

Зиндагӣ аспи давон аст,
Човандозаш фитонад.
Асп тозад аз раҳи умр,
Қимати умрам надонад.

Зиндагӣ сайёди бераҳм,
Сайди дар бандам намудаст.
Ӯ ба доми пур зи донаш
Борҳо фандам намудаст.

Зиндагӣ ҳам фанд дорад,
Зиндагӣ ҳам панд дорад.
Як гиреҳ хоҳӣ кушоӣ,
Боз садҳо банд дорад...

## МОДАР

Қатори ахтарони шаб
Накардӣ хоб, эй модар.
Ба сони тифлиям эй кош,
Дар оғӯши ту монам сар.

Дили саршори меҳратро
Ба ҷонам хуш пазирам ман.
Ба дунёи вафои ту
Ҳамеша роҳ гирам ман.

Қатори ахтарони шаб
Накардӣ хоб, эй модар.
Ба сони тифлиям эй кош,
Дар оғӯши ту монам сар.

Ба дунё то даме ҳастӣ,
Ба гирдам ғам намегардад.
Раҳи умрам ба паймудан,
Ту бошӣ, кам намегардад.

Қатори ахтарони шаб
Накардӣ хоб, эй модар.
Ба сони тифлиям эй кош,
Дар оғӯши ту монам сар.

* * *

Маро ту дар сафар зодӣ, ки доим дар сафар бошам,
Дуоям деҳ аё модар, ки то дур аз хатар бошам.

Бимонад кош дар дунё нишони номи нек аз ман,
Ба олам номбардоре ба монанди падар бошам,

Намудам сар ба номи ту суруду шеърҳоямро,
Бароят шеър мехонам, ки аз аҳли назар бошам.

Намояд хонаи пастат бароям аз ҳама боло,
Сутуни хонаат гардам, кафили бому дар бошам.

Чӣ бандам рахт аз дунё, ки бемеҳрист бунёдаш,
Ба дунё меҳр мебандам, ки то рӯзи дигар бошам.

Басо барвақт мехезӣ мудом аз хоби ширинат,
Ба рӯи шаб ҳамехоҳам, ки чун чашми саҳар бошам.

Ба Содиқ дида медӯзӣ, Худоро сачда меорӣ,
Ба рӯи дидаи дунёи ту нури басар бошам.

## ИН ЗАМОНАМ БА ЁДИ ТУ ПОБАНД

Ман расидам ба қадри ту, модар,
Баъд аз оне, ки ёфтам фарзанд.
Ба дил аз хандаат фараҳ мерехт,
Ин замонам ба ёди ту побанд.

Оядам ёд рӯзи боронӣ,
Мардуми деҳа буд саргардон.
Мечакид оби боми хонаи мо,
Дасти ту буду санги новардон.

Дасткӯтоҳ он замон будем,
Шифти кошонамон будӣ аз лой.
Буд он хона лек хонаи меҳр,
Баҳри хурду калон дар он буд ҷой.

Мақсади зиндагии мо буд як,
Тоқа як луқма мо намехӯрдем.
Ҳавлии мо кушод аз олам,
Ғами дунёву ҷо намехӯрдем.

Рӯзҳо рафту мо калон гаштем,
Аз пайи рӯзгори хеш шудем.
Дил чӣ бандем бар ҷаҳони дигар?!
Аз ғами ту, ки синареш шудем.

Бе ту аз ҳамдигар ҷудо моем,
Ҳама дар фикру зикри хонаи худ.
Мо ҳама чораҷӯ ба роҳи умр,
Ҳама дар ҳалқаи баҳонаи худ.

Зиндагӣ довари ҳаёти мост,
Бо каму беши хеш тоб орем.
То нагардем пеши кас мӯҳтоҷ,
Домани нанг мисли ту дорем.

* * *

Як умр натвонам шумурд меҳру вафоят, модарам,
Дидам фақат бо хосу ом дидадароят, модарам.

Доим ба ёди кӯдакӣ дастогиребон мешавам,
Лекин наёмезам дигар бар аллаҳоят, модарам.

Аз меҳри беандозаат бероҳа гардад боди марг,
Дорад паноҳам аз бало файзи дуоят, модарам.

Аз дил намуда илтиҷо умре шабу рӯз аз Худо,
Бар даҳр солим будани фарзандҳоят, модарам.

Чун ахгари зери танӯр дар оташи ғам сӯхтӣ,
Бо ҷамъгаштан мекунем аз ғам раҳоят, модарам.

Фарзанддориям маро бар қадри ғамҳоят расонд,
Шеъри дилам бо ҷону дил бахшам бароят, модарам.

* * *

Зи дарди худ нанолад модарам, ҳарчанд ранҷур аст,
Ҳама ҳушу хаёлаш сӯи фарзандони раҳдур аст.

Ба ҳар вақте ки ҷамъ оем мо дар гирди дастархон,
Бигӯяд хонаам аз рӯи фарзандон пур аз нур аст.

Нагардед аз пайи ғамҳо, набошед аз ғам аммо дур,
Ҳамин садрангии дунё нишони гиряву сур аст.

Ба ҳар як соати шаб мурғакон фарёд месозанд,
Агар бар дидаи дилҳои мо ду чашми шаб кӯр аст.

Пас аз ман қадри ҳамдигар ҳама донед дар дунё,
Ки умри ман ба сар рафтаст, поям дар лаби гӯр аст.

## МОМИ ДУО БУДӢ

Калону хурдро дода дуо, моми дуо будӣ,
Дар ин дунёи бемеҳру вафо пур аз вафо будӣ.
Зи нурат муғчаи умри дилам ҳар рӯз гул мекард,
Ту чун Хуршед дар дунёи ҳастиам зиё будӣ.

Дигар ҳар рӯз чун Хуршед дар чашмам наметобӣ,
Туро андар навори ёдҳои хеш мебинам.
Нигаҳдорӣ туро Модар агар дар зиндагӣ кардам,
Дили садпораамро ман ба ёдат реш мебинам.

Калону хурдро дода дуо, моми дуо будӣ,
Дар ин дунёи бемеҳру вафо пур аз вафо будӣ.
Зи нурат муғчаи умри дилам ҳар рӯз гул мекард,
Ту чун Хуршед дар дунёи ҳастиам зиё будӣ.

Ниҳон аз сад бало гаштам ба умрам дар паноҳи ту,
Ба кӯям нурҳо мерехт аз ҳар як нигоҳи ту.
Дилам бар дард меомад ба вақти оҳи ҷонкоҳат,
Дигар н-ояд ба гӯши ман садои дарду оҳи ту.

Калону хурдро дода дуо, моми дуо будӣ,
Дар ин дунёи бемеҳру вафо пур аз вафо будӣ.
Зи нурат муғчаи умри дилам ҳар рӯз гул мекард,
Ту чун Хуршед дар дунёи ҳастиам зиё будӣ.

## ХОНААМ БЕ ТУ
## ДАР НАЗАР ПАСТ АСТ

Аз лаби ҷӯйбори ҳавлии худ
Зӯфу пӯдина модарам мечид.
Бо нишебу фароз дунёро,
Бо дили ақл модарам медид.

Ӯ нахонда китоби илми тиб,
Буд аммо давогари сад дард.
Дардманде к-аз ӯ даво меёфт,
Бо муҳаббат нигаҳ ба мо мекард.

К-аз ҷаҳон рафту номи некаш монд,
Луқмаи мо чу талхбодом аст.
Боғи умрам агарчи сарсабз аст,
Пухта не, меваҳои он хом аст.

Боз бар мулки мо баҳор омад,
Ҳар дарахту гиёҳ гул бастаст.
Лек бар дида боми ман бе ӯ
Бо ҳама он баландиаш паст аст.

Косаи даври бахти мо будаст,
Шустани косаҳош дар лаби об.
Нақши кораш бубинам аз ин пас
Дар навори хаёлу гаҳ дар хоб.

Гуфтаи ӯ ба номам омад рост,
Баччаи дилкушоду дилсофам.
Баъди ӯ ман матои шеърамро
Фақат аз тору пуди ғам бофам.

* * *

Ҳамдаму ҷону дилам дар ин саро гум кардаам,
Хешро дар тори Ёлу Якбаро[1] гум кардаам.

Дар диёри меҳр будам то даме буд модарам,
Дар ҷаҳони орзӯ меҳру вафо гум кардаам.

Дарди худ нодида бигрифту ғами мо хӯрда рафт,
Ку шифоҷӯю шифобахшам, даво гум кардаам.

Торҳои ин дили шӯридаи ман ҷӯр буд,
Канда гашта торҳо, савту наво гум кардаам.

Мушкили худро раво дар кӯи мо медоштанд,
Хона дар ҷою вале мушкилкушо гум кардаам.

Дар нигоҳи Содиқат нақши хаёли кӯдакист,
Давраҳои кӯдакиамро куҷо гум кардаам?!

[1] Ишора бар он, ки дар болои деҳи Ёл ва Якбаро қабристон аст (яъне гузаштагонамонро падару бобоҳоямонро барвақт он ҷо гӯронидаем, зиндагӣ ҳамин аст)

## ОХИРИН ДИДОР БО МОДАР

Ба бемории ту модар,
Ба сӯзишҳои дарду оҳи ҷонкоҳат
Саропои вуҷудам, ҳам тану ҷону дилу
обу гилам месӯхт,
Ба рӯи хоки сарди гӯр вақти мондани ту
ман яқин кардам,
Ки бо сад печутоби хеш дар умқи гулӯ
оҳи дилам месӯхт,
Балки манзилам месӯхт.
Пас аз ту тухми ғам дар хоки умри хеш ман корам,
Ба дунёи хаёли кӯдакӣ бо ёди ту
аз дидаҳо борони ғам борам,
Ҳамон шаб ҷон ба ҳақ таслим медодӣ.
Давидам ман ба сӯи ҷои хоби ту,
Гумон кардам, ки хобиву ба вақти субҳ чун Хуршед
Ба рӯям боз аз нав ту шуои бахт метобӣ.
Вале ин дам туро дидам, ки дар хоби абад худ
кардаӣ мадфун,
Ба дил гуфтам аё Содиқ,
зи каф ту модари худ додаӣ акнун.

Кунун ман хоки рӯи гӯри ту оғӯш мегирам,
Вале аз зери қабри ту садо н-ояд,
Садои модари дилсӯзи бомеҳру вафо н-ояд.
Агарчи даҳр сар то по шуда аз зулм домангир,
Зи дасти Содиқат асло риё н-ояд,
Ба ҷуз як каф дуо аз сӯи фарзандони ту
ҳукми ҷафо н-ояд.
Надонистам,
надонистам, дареғо, дарду ҳасратҳои дунёям,
Тапиданҳою дарду сӯзи қалби модари
хубу тавоноям,
Ки зори дидани фарзандҳои хеш буд умре.
Куҷо ӯ аз дигар сӯзад мисоли ахгаре андар
танӯри синаи ғамҳо,
Ба дӯши хештан бори ғами фарзандҳо бар қуллаи
уммедҳо мебурд,
Агар бар кӯи як фарзанд дасти хеш ғам мебурд,
дунёи дилаш мехӯрд,
Ба рӯзи шодии фарзандҳо сар бар фалак мебурд.
Вале шукрона аз назри Худо мекард,
Ки то бошем дур аз офати дунё,
Ба ашки шашқатор ӯ илтиҷо мекард.
Барои мо ба рӯи ҷонамози худ дуо мекард.
Кунун ман бе дуогӯеву ғамдорам,
Ба мисли кӯдаки дар пушти дар зорам.

Агар дунё шавад аз ман, валекин бе ту танҳоям,
Кушояд рӯи шодӣ даҳр бар рӯям,
вале бе рӯи ту дар кӯи ғамҳоям.
Ман акнун хуб донистам, ки озодӣ маро
аз будани ту буда, эй модар,
Ман акнун хуб донистам, ки ободӣ маро
аз файзи дуо, аз будани ту буда, эй модар.
Ғами дунёи худ хӯрдан, зи баъди рафтани ту буда,
эй модар.
Ғами дунёи худ хӯрдан, зи баъди рафтани ту буда,
эй модар!

* * *

Ту нерӯбахши дил будиву ҳам пушту паноҳи ман,
Аз ин пас кӣ ба мислат мерасад бар дарду оҳи ман?!

Ба ҳар ҷое, ки дар азми сафар будам, аё модар,
Зи файзи ҳар дуоят бехатар мегашт роҳи ман.

Агар то буданат шаҳзодаи мулки вафо будам,
Ба дунёи вафои хештан будӣ ту шоҳи ман.

Туро аз кӯдакиям сарбаланду сурхрӯ дидам,
Тӯӣ, ҷон модарам, дар сақфи нангу ор моҳи ман.

Ту будӣ, дар хаёлам, то ба фардо зинда мемонам,
Ки рӯи ҷонамозат илтиҷоят буд пагоҳи ман.

Ба рӯи марқадат, Модар, барад дасти дуо Содиқ,
Ба ҷуз сӯят дигар сӯе намедонад нигоҳи ман.

* * *

Ҷонам фидои шеваву ҳарфу ҳиҷоят, модарам,
Бар гӯш орад, эй Худо, боре садоят, модарам.

Нахли дили ман хӯрда буд аз чашмаи меҳри ту об,
Аз хеш меҷӯям кунун меҳру вафоят, модарам.

Бе рӯи ту бар даҳр ман дилмондаи дунё шудам,
Гаштам зи шавқи рӯи ту обу адоят, модарам.

Дар роҳи сахти зиндагӣ дармонда будам бе ту ман,
Африштаҳои қудс буд ё раҳнамоят, модарам.

Аз марги ту омад хабар, дунё бароям танг шуд,
Дигар намебинам касе андар баҳоят, модарам.

Рафтӣ ба зери хок ту, армони ман ҳам хок шуд,
Бодо биҳишти ҷовидон як умр ҷоят, модарам!

Рӯҳи ту мебинад абад лахту ҷигархунии ман,
Дар хеш Содиқ гашта гум рӯзи азоят, модарам.

## ТУӢ ШЕЪРИ РАВОНИ МАН

Туӣ шеъри равони ман, модар,
Қиссаву достони ман, модар.
Бе ту дар ин ҷаҳон чӣ мекардам?!
Туӣ охир ҷаҳони ман, модар.

Ҳалқи дил тар будӣ аз оби нишот,
Лек имрӯз заҳри ғам дорад.
Буданат буд навҷавониям,
Бе ту пирӣ ба ман ситам дорад.

Абр ашки фараҳ ба дил мерехт,
Падарам ҳаққи ҳамсарият дошт.
Дурӣ меҷуст дарду ғам аз ман,
Эҳтироме ба модарият дошт.

Умри худ бишмарад шабонрӯзӣ,
Падарам бе ту зору ғамгин аст.
Зери об аст вазни санг охир,
Бори санги ҷудоӣ вазнин аст.

Ханда мекард аз ту дунёям,
Пур лабони ту аз табассум буд.
Хубиҳои ту васф чун созам?
Меҳр дар оразат таҷассум буд.

## ЭЙ ГАВҲАРИ НОЁБИ МАН

Эй гавҳари ноёби ман,
Бин дидаи пуроби ман.
Серӣ надидам рӯи ту,
Боре даро дар хоби ман.

Ҳаққо ба номат модарӣ,
Дарди маро дармонгарӣ.
То ту будӣ дар ин ҷаҳон,
Ғамҳо ҳама буд сар-сарӣ.

Бо меҳр хоки турбатат
Бар дида мемолам кунун.
Бо гиряҳои зори худ
Дорам ғами ҳолам кунун.

Бому дари умри туро
Борони ғам тар карда буд.
Акнун гули уммеди ту
Бар қадкашӣ сар карда буд.

Барвақт рафтӣ аз ҷаҳон,
Серӣ надидам рӯи ту.
Умре, ки боқӣ мондаам,
Орам ба ҷустуҷӯи ту.

* * *

Дари дилро ту бари ҳақназарон боз намо,
Ин ҳама моли ҷаҳон аз сари мо мемонад.
То даме дар сафари роҳи дил астӣ, Содиқ,
Ғами дунё ба дили модари мо мемонад.

* * *

Чизе намондааст дар ин даҳр ҷуз ҷафо,
Роҳу равиши тарбияти худ дигар кунем.
То дидаи барор шавад боз сӯи умр,
Мо хоки пои модари худ тоҷи сар кунем.

* * *

Хулқи бад бинӣ агар дар хилқати фарзанди кас,
Дон, ки ин рафтор аз хӯи падар сар мешавад.
Назди модар меравам, ҳар рӯз мегӯяд ба ман,
Эй писар! Ҳар гаҳ, ки бозоӣ, дилам тар мешавад.

* * *

Ман чӣ созам, ки Худо дард ба ту кард ато,
Модари пир, маро оҳи ту ранҷӯр кунад.
Содиқ имдод чӣ ҷӯӣ, ки бидонам фардо
Ба сарам соя фақат чӯби сари гӯр кунад.

## ЁДИ ПАДАР

Ба мулки ғайраму ҳӯшам ба Ёл аст,
Ҳама хешу табор аз ман малол аст.
Ҳама хешу таборам як сӯ истад,
Падарҷонам надонам дар чӣ ҳол аст?!

Ғами мо карда беморат, падарҷон,
Ба кӯи ғам гирифторат, падарҷон.
Агарчи дур рафтем аз бари ту,
Худо бошад мададгорат, падарҷон.

Худоҷонам, табиби ман ту бошӣ
Ба мулки ғам қариби ман ту бошӣ,
Сиҳат гардон падарҷони маро ту,
Агар ёру ҳабиби ман ту бошӣ.

Ба ҳар як оҳи бодардат бигирям,
Барои бахти номардат бигирям.
Надидам бар касе бад карда бошӣ,
Ба ранги чеҳраи зардат бигирям.

Бисӯзам ман ба ҳар як дарду оҳат,
Ба назди дард дидам бепаноҳат.
Пур аз хор аст роҳи зиндагонӣ,
Бипошам гул, падарҷонам, ба роҳат.

# АРСАИ ЭЪТИҚОД

***Вақти ба ҷои манзалат расидан Шайх Муҳаммад Амони Валӣ ин чор мисраъро гуфтааст:***

*Дам ҳеҷ гаҳе пеши муқаддам назанед,*
*Сарриштаи кори хеш барҳам назанед*
*Худро назанед пеши оташнафасон*
*Эшон, ки нафас кашад, дигар дам назанед.*

## I
## САНҶИШ

Зиндаеро мурда гуфта дар кафан печондаанд,
Он валиро бар ҷаноза кардани ӯ хондаанд.

Гар нафаҳмад гуфтаанд, аз мулк дураш мекунем,
Дур не, ғолиб агар гардем, кӯраш мекунем.

Он валӣ омад, даромад пеши халқи бевафо
Бо ишоратҳо мазоқаш менамуданд аз қафо.

Ӯ ҷаноза карда гуфто: «Зинда мурд аз дастатон»,
Шӯхии ноҷо нишон бошад зи фаҳми пастатон.

Он ҳама нобоварон тобутро бикшодаанд,
Мурда дида зиндаро бар он валӣ тан додаанд...

## II
## ҲАЗРАТ ВА ДУЗД
*(Ривоят дар бораи шайх Муҳаммад Амони Валӣ)*

Бо умеде, ки нагардад дастгир,
Рафт дузде нимашаб бар кӯи пир.

Мақсадаш говони ҳазратро барад,
Бурда бифрӯшад, ба худ ҳар чӣ харад.

Кард тарсу ваҳмро аз дил бурун,
Говҳоро кард аз оғил бурун.

Лек вақти рафтанаш дар баста шуд,
Аз хаёли ҳифзи ҷонаш хаста шуд.

Субҳдам «Марди Худо» аз хоб хест,
Гуфт берун шав дигар дар баста нест,

Ту машав аз ман малол, эй бебарор,
Баст бар рӯят дарамро Кирдгор.

Мақсадат буд бурдани ду моли ман,
Бад намегардад аз ин аҳволи ман.

Ноумед аз даргаҳам ҳаргиз марав,
Бар ҳамин ду говро, осуда шав.

Ин сухан бишнида дузди номурод,
Эътиқодаш гашт бар ҳазрат зиёд.

Зуд шуд аз ҳамраҳони худ ҷудо,
Баст дил бар некмардони Худо.

## III
## ДАР ЗИЁРАТИ ШАЙХ МУҲАММАД АМОНИ ВАЛӢ

Бо амри эътиқод дуо кардан омадем,
Дилҳои дардманд даво кардан омадем.
Кардаст лона мурғи ғаме дар ниҳоли дил,
З-ин лона нахли хеш раҳо кардан омадем.
Хоки пайи туро, ки гаронӣ наоварад,
Рӯи хаси ду чашм ба ҷо кардан омадем.

## IV
## ПОРВОР

Эй Порвор, мисли ту мулке надидаам.
Гарчи диёри хуб зи ҳар кӣ шунидаам.
Бӯи гули ту кай биравад аз димоғи ман,
Бӯи гули баҳори туро ошамидаам.
З-оромҷои пири ту ҳар гаҳ гузар кунам,
Гарди пайи ниҳодаат орам ба дидаам.
Аз марқади Амон Валиии Анвари Ризо,
Ояд садо, зи рӯи ту ман қад кашидаам.
Аз гулшани умеди туву пуштаҳои дил
Гулдастаи сапед бари ёр чидаам.
Содиқ, ба назди пири Муҳаммад Валӣ Амон,
Истода бо ду дасти дуо, сархамидаам.

# ВАСФИ
# ВАТАН



## УМЕД

Бо дили садпораам бо тахти Сомон зиндаам,
Бо Зарафшону Ҳисору бо Бадахшон зиндаам.
Бо суруду нағмаи ширини Хатлон зиндаам,
Дар диёри кӯҳнатаърихам ба ёрон зиндаам,
Тоҷи Ховар бар сарам, бо Тоҷикистон зиндаам.

Дар дили авроқи дунё нақши осори ман аст,
Аз ҳама боло ба мулки назм афкори ман аст.
Гавҳари пурҳикмати лаҳни Ватандори ман аст,
Ҳар кӣ халқамро ситоиш мекунад, ёри ман аст,
Дарди миллат дар дилам, бо фикри дармон зиндаам.

Нори меҳрам сӯзад охир тухми кин аз решаам,
Номи неки хеш мондан буд умре пешаам.
Об овардам ба садҳо ташналаб бо тешаам,
Бад гирифт осон диёрам дида некандешаам,
Бо Самарқанду Бухороям ба армон зиндаам.

Мешиносад хеш рӯзе миллати ҳайрони мо,
Ҷумла ёрон ҷамъ гардад гирди дастархони мо.
Шод гашта меравад аз хонамон меҳмони мо,
Гӯш бидҳад панди мо з-ин баъд фарзандони мо,
Ман ба шеъри Содиқу панди бузургон зиндаам.

## ВАТАН

Зи қалби гоҳвора то ба доми марг
Ту роҳи аввалину охирини ман.
Чу кӯҳи сар ба осмон,
Насиби ту сари баланд,
Бимонӣ то ту бегазанд,
Ба ҷони ман баробарӣ,
Ба даҳр тоҷи ховарӣ.
Самои ман
    Замини ман,
        Ватан, эй Ватан,
        Ватан, эй Ватан!
Нахуфтаам, нахуфтаам
Барои ҳифзи ҷони ту.
Нагуфтаам, нагуфтаам
Ба ғайри достони ту.
Тани маро чу ҷони ман
Ту ҷо диҳӣ ба синаат.
Ҷаҳони ҷовидони ман,
Замину Осмони ман.
Диёри ман, биҳишти ман,
Замину обу кишти ман.
Ҳаёту сарнавишти ман,
Ҳамеша дар сиришти ман,
        Ватан, эй Ватан,
        Ватан, эй Ватан!

## ДУШАНБЕ

Эй Душанбе, шаҳри ишқу меҳрбори ман туӣ,
Маскани бахту ҷаҳони ифтихори ман туӣ.
Беқарорам бе ту, дунёи қарори ман туӣ,
Бо ту сарсабзам, бақои рӯзгори ман туӣ.

Бе ту беморам, ба дарди ман даво ғайри ту нест,
Бе ту мирам, аз нафастангӣ ҳаво ғайри ту нест.
Норавониҳои умрамро раво ғайри ту нест,
Дар бисоти сози иқболам наво ғайри ту нест.

Номдорам, бо ту ҳастам соҳиби ному насаб,
Бо ту умрам бигзарад бо шодию базму тараб.
Мекунам шукронаи бешу каматро рӯзу шаб,
Ҷовидонӣ ҳастиатро аз Худо дорам талаб.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон модари ман, меҳанам,
Зиндаам бо ту, тӯӣ ҷону танам,
Боғи ҳуснатро тамошо мекунам,
Кай тавонам аз тамошо дил канам.

Зиндаам, бо шӯҳрату шон зиндаам,
Ман ба номи Оли Сомон зиндаам.
Дар сафар бошам агар дур аз Ватан,
Бо хаёлат, Тоҷикистон, зиндаам.

Тоҷикистон модари ман, меҳанам,
Зиндаам бо ту, тӯӣ ҷону танам,
Боғи ҳуснатро тамошо мекунам,
Кай тавонам аз тамошо дил канам.

Сарбаландам бо Бадахшон, сарбаланд,
Бо ғурури рӯҳи Хатлон, сарбаланд,
Сарбаланд астам чу як фарзанди ту,
Ман ба Рашту бо Зарафшон сарбаланд.

Тоҷикистон модари ман, меҳанам,
Зиндаам бо ту, тӯӣ ҷону танам,
Боғи ҳуснатро тамошо мекунам,
Кай тавонам аз тамошо дил канам.

## СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Соҳибистиқлол гаштӣ.
Эй нишон аз Оли Сомон,
Соҳиби иқбол гаштӣ.

Баъди ҳаҷру интизорӣ
Боз бахти рафта баргашт.
Шоҳи худро ёфтӣ ту,
Тоҷу тахти рафта баргашт.

Аз ливоят дил биболад,
Фахр дорем аз нишонат.
Зери бори нангу орем
Баҳри номи ҷовидонат.

Бо ту, эй дунёи уммед,
Розӣ аз тақдир ҳастем.
Бо ту машҳури ҷаҳонем,
Бо ту оламгир ҳастем.

## БА РӮИ ДИДА МОЛАД ХОКУ ЧАНГАТ

Калон гаштам ба роҳи хоку чангат,
Ба зери сар пари қӯ ҳаст сангат.
Кушад охир маро нанги ватандор,
Фидо ҷон бар фидокори банангат.
Ватанхоҳу ватандори банангат
Ба рӯи дида молад хоку чангат.

Расидан то ба қадри обу хокат,
Расидан то ба қадри хеш бошад.
Расидан то ба қадри зиндагонӣ,
Шаҳи дур аз Ватан дарвеш бошад.
Ватанхоҳу ватандори банангат
Ба рӯи дида молад хоку чангат.

Ҳама гирад ба дил нанги дили ман,
Шавад ҳамдарду ҳамранги дили ман.
Набитвонад, ки созад сел беҷо
Зи ҷои хештан санги дили ман.
Ватанхоҳу ватандори банангат
Ба рӯи дида молад хоку чангат.

## АРЗИ МЕҲР

Ҳамефахрам ба мардони кабират,
Нигаҳдорам дуои марди пират.
Набошад чун ту зебое ба олам,
Бихонам мулки хубу беназират.

Надорам ғам агарчи нест қасрат,
Вале ғамгинам аз беэътиборӣ.
Ҳама донад, ки дар хоки Бухоро
Зи тоҷик монд садҳо ёдгорӣ.

Агар он қасрҳо будӣ ба Хуҷанд,
Агар он қасрҳо будӣ ба Хатлон.
Ягон мулке набуд дар рӯи олам,
Ба зебоӣ ба мисли Тоҷикистон.

Аз ин ҳам ғам надорам, нест қасре
Баланд аз қуллаҳои кӯҳи Помир.
Баланд аз кӯҳсори Хоҷамӯъмин,
Баланд аз ҳиммату фаҳми ҷаҳонгир.

Аё эй Тоҷикистон, меҳани ман,
Бувад ҳар гӯшаат узви тани ман.
Наҷӯям гулшани дигар, наҷӯям,
Тӯӣ, эй Тоҷикистон, гулшани ман.

## МАНЗАРИ ЧАШМИ ДИЛУ БАҲОРИ МАНӢ

Ту ки як ганҷи худододаи қисмат ҳастӣ,
Дили гаҳвораву ҳам пояи давлат ҳастӣ.
Ҳама мо шод зи рӯи ту, баиқбол шудем,
Парчами тори сари шаҳри адолат ҳастӣ.

Душанбе, пойтахти қавми ҳама ори манӣ,
Ту ибтидои ҳама кор дар диёри манӣ.
Душанбе, манзари чашми дилу баҳори манӣ,
Душанбе, хонаи умеду ҳам барори манӣ.

Ба арчаҳои якбари ту ман назар созам,
Ба дами субҳи сафоят ба кор пардозам.
Равам чу дур аз канори ту, дилам гӯяд:
Ки Худо бар Ватани хеш расонад бозам.

Душанбе, пойтахти қавми ҳама ори манӣ,
Ту ибтидои ҳама кор дар диёри манӣ.
Душанбе, манзари чашми дилу баҳори манӣ,
Душанбе, хонаи умеду ҳам барори манӣ.

Ба тарҳи рӯи туам сурати ҷавонӣ аст,
Ба ҳама рӯву раҳат номаи ишқам хонам.
Оби Варзоб садои дили ёрам орад,
Дар нигоҳи дили ту сурати ишқам монам.

Душанбе, пойтахти қавми ҳама ори манӣ,
Ту ибтидои ҳама кор дар диёри манӣ.
Душанбе, манзари чашми дилу баҳори манӣ,
Душанбе, хонаи умеду ҳам барори манӣ.

## РАВШАНГАРИ ДИЛҲО

Ноби Роғун бар диёрам барқ афрӯзад,
Хасм аз нанги ватандории ман сӯзад.
Чун бубинад нақши ободӣ Ватан дар худ,
Бар дили фарзандҳояш дида андӯзад.
    Саҳм бигзорӣ, шавад бунёд Роғунам,
    Ҷумла хотирҳо намояд шод Роғунам.
    Бо ҳама шаъну ҷалоли хештан бахшад
    Сарбаландиро бар ин аҷдод Роғунам.
Тоҷикистон мулки серобу баҳори мо,
Айни ободиву ҳам авҷу барори мо.
Лозим аст аз як гиребон мебарорад сар,
Кӯҳро талқон намояд нангу ори мо.
    Саҳм бигзорӣ, шавад бунёд Роғунам,
    Ҷумла хотирҳо намояд шод Роғунам.
    Бо ҳама шаъну ҷалоли хештан бахшад
    Сарбаландиро бар ин аҷдод Роғунам.
Аз азал будем мо равшангари дилҳо,
Равшанӣ бар кӯи хешу дигарон бахшем.
Дида дӯзад оламе бар сӯи мо аз нав,
Мо ба шоми умр чун Маҳтоб мерахшем.
    Саҳм бигзорӣ, шавад бунёд Роғунам,
    Ҷумла хотирҳо намояд шод Роғунам.
    Бо ҳама шаъну ҷалоли хештан бахшад,
    Сарбаландиро бар ин аҷдод Роғунам.

## БУНЁД РОҒУНРО НАМО

Эй Худо, омодагиро соз ту омодатар,
Риштаипуруқдаи Меҳан шавад бикшодатар.
Роҳи озодипарастӣ буд моро аз азал,
Дар раҳи озодагӣ моро бикун озодатар.

То гиреҳ бикшода гардад, кор фармо нохунат,
То шавад равшан Ватан, бунёд бинмо Роғунат.

Пешрафтанҳои худ аз ёр мебинем мо,
Хуфтагони хешро бедор мебинем мо.
Об менӯшад ниҳоли умр аз ҷӯи амал,
Нангу номуси Ватан дар кор мебинем мо.

То гиреҳ бикшода гардад, кор фармо нохунат,
То шавад равшан Ватан, бунёд бинмо Роғунат.

Аз азал халқи маро гар ормонҳо санг шуд,
Рӯйсурхӣ пеша карду оразаш гулранг шуд.
Такя дорад бар Худову сарвари боҳимматаш,
Дар раҳи созандагӣ иқболи миллат нанг шуд.

То гиреҳ бикшода гардад, кор фармо нохунат,
То шавад равшан Ватан, бунёд бинмо Роғунат.


ДИЁРИ
ИШҚ

# БА ҲУНАРПЕШАИ СИНАМОИ ҲИНД ШРИ ДЕВӢ

## I

Ба хаёлам ба синамои Ҳинд
Бо ту дорам ба гулшане бозӣ.
Сар расад бар самои хонаи дил,
Аз нигоҳат кунам сарафрозӣ.

Дар дилам оби Ганг, бо сад меҳр
Сару рӯи ту шустушӯ дорам.
Атри гул аз тани ту меояд,
Бӯ тани ҳамчу нозбӯ дорам.

Оби борон, ки лағжад аз рӯят
Қатра-қатра ба рӯи нофи ту.
Гуфтам, эй нозанини мулки Ҳинд,
Оям аз дур бар тавофи ту.

Аз ту бошам ҳазор фарсах дур,
Лек наздик бар дил астӣ ту.
Бе ту дунёи дил ҳамемирад,
Тифли ишқам намепарастӣ ту.

Гар ту бошӣ зи миллати ҳинду,
Тоҷ дорам, нишони тоҷикам.
Момаву бобии ману ту як,
Ба дилу дидаи ту наздикам.

Чист хобу хаёли як шоир!
Дӯстат доштаст чун ҷонаш.
Дар ҷаҳон, дар ҷаҳони бебунёд,
Раҳм бинмову шав ту дармонаш.

**II**

Дилам дар рақс меояд
Ба ҳар як рақси мавзунат.
Маро ту об месозӣ
Ба гашти рӯи нохунат.
Танат дар саҳна меларзад
Ба оҳанги нигоҳи ман.
Шавад рӯзе, ки афтад кор
Туро бо дарду оҳи ман.

**III**

Манам мафтуни бозиҳову рақси ту,
Шудам муштоқ бар як дидани рӯят.
Худоям гар насиби диданат созад,
Кушоям боли парвози дилам сӯят.

Тамошоят кунам дар синамои Ҳинд,
Туро мебинаму дар ишқ месӯзам.
Ба уммеде, ки меоӣ суроғи ман,
Чу пазмоне ба роҳат дида медӯзам.

## ИШҚИ ДЕВӢ АЛОВИ ДАРГИР АСТ

Бисту як сол сӯи мулки Ҳинд
Мақсаду нияти сафар дорам.
Барги рӯяш надидам аз наздик,
Ҳарф дар сафҳаи ҷигар дорам.
Нақшбозиву рақси ӯ дида,
Нақш бозам дар қатораш ман.
Ин ҳама дарди дуриям як сӯ,
Бошам эй кош дар канораш ман.
Бисту як сол мешавад дар ишқ
Роҳ пӯям, хамӯш месӯзам.
Ишқи Девӣ алови даргир аст.
З-он алав пурхурӯш месӯзам,
Бисту як сол нахли ишқашро
Парваридам ба меҳр то ин дам.
Кам шавад бори умри ман ҳар сол,
Самари ишқи ӯ нагардад кам.
Зиндагӣ, ки ба ёди ӯ кардам,
Дар назар инчунин ҷавон мондам,
Ишқи ӯ, ки ҷаҳони ман бошад,
Дар дили хеш як ҷаҳон мондам.
Бисту як сол ҷон диҳам дар худ,
Бисту як сол интизорам ман.
Бо умеде равам ба пеши ӯ,
Дар ғамаш зору дилфигорам ман.

# ХОТИРАИ САРБОЗ



## ҲАМДАРДӢ

*(Нидои модари тоҷик бар модари афғон)*

Чаро як умр менолем мо аз чархи каҷгардон,
Чу оби бом гардад ҷамъ, мерезад зи новардон.
Ба рӯзи бад гирифторем мо аз дасти номардон,
Наӣ танҳо, манам ҳамдарди ту, эй модари афғон.

Ба мисли ту биҷӯям аз ҷаҳон нақши ҷигарбандам,
Бувад оинаи чашмон хумори акси фарзандам.
Ки фарзанди азизам шохи умрам буду пайвандам,
Наӣ танҳо, манам ҳамдарди ту, эй модари афғон.

Ба чашми хеш дидам марги ӯ, хуни ҷигар гаштам,
Қатораш мурдаму аз олами ҳастӣ бадар гаштам.
Ба монанди ту зори дидани рӯи писар гаштам,
Наӣ танҳо, манам ҳамдарди ту, эй модари афғон.

Сари гӯри ҷигарбанди азизам нола дорам ман,
Агарчи хаставу пиру маризам, нола дорам ман.
Сари тобути он ноёб чизам, нола дорам ман,
Наӣ танҳо, манам ҳамдарди ту, эй модари афғон.

Дару деворҳои манзилам бар хок яксон аст,
Бародар қотили ёру бародар гашта ҳайрон аст,
Ҳазорон шукр, кунҷи хонаам гаҳворачунбон аст,
Наӣ танҳо, манам ҳамдарди ту, эй модари афғон.

Зи баъди ғуссаҳо халқи азизам боз дилшод аст,
Ки тоҷаш бар сару фардои мулкаш боз обод аст.
Аз ин пас мурғи иқболи ту ҳам аз банд озод аст,
Наӣ танҳо, манам ҳамдарди ту, эй модари афғон.

## РӮСИЁҲ АСТЕМ

*(Аз номи писарбачагоне, ки дар*
*мулки Афғон адои хизмат мекарданд)*

Бегуноҳи пур аз гуноҳ астем,
Дилсафедони рӯсиёҳ астем.

Хоки Афғон ба рӯи мижгонҳо,
Зери поҳо чу гарди роҳ астем,

Худ нарафта ба марзи бегона,
Дар ғарибӣ ба амри шоҳ астем.

Ҳаст огаҳ зи марги мо Оллоҳ,
Боғи айёми тирамоҳ астем.

Оташеро хасе наёрад зӯр,
Пеши оташ ба мисли коҳ астем.

## ХИЗМАТИ МОДАР ГАРОН ДАР МУЛКИ ҒАЙР

Тоҷикистонам, туро ёд оварам,
Аз ҳама ошӯби дунё хастаам.
Дар ҳамин мулке, ки бунёдаш ғам аст,
Ман ба хористони ту дил бастаам.

Рӯ ба рӯю зери поям сад хатар
Ёд кардам Ёламу тори Балар,
Ёд орам вақти торон чиданам
Бигзарад ҳоло ҷавонӣ бесамар.

Гоҳ дар Багрому гаҳ дар Тотахон,
Мекунам хизмат ба ёди кишварам,
Хизмати модар гарон дар мулки ғайр,
Ғофилам аз он чӣ ояд бар сарам.

## ДОРАМ БА МУЛКИ ҒАЙР ҶАНГ

Имрӯз дар роҳи Саланг
Бодест пур аз хоку чанг.

Ман худ надонам аз чӣ рӯ
Дорам ба мулки ғайр ҷанг.

Дар мулки оҳу нолаам,
Аммо надонам чораам.

Уммед дорам аз Худо,
Гарчи зи ғамҳо пораам.

Имрӯз бинӣ зумрае,
Аз чӣ гунаҳкорам кунад.

Баргӯ гуноҳ аз мо чӣ буд?
Меҳри Ватан зорам кунад.

Сад кас ба ғам борам намуд,
Эй дӯст, афгорам намуд.

Дурӣ зи ёру аз диёр
Бисёр озорам намуд.

# БА МАРГИ Ӯ НАЁМАД
# БОВАРИ МАН

*Ба сарбози ношиносе, ки*
*дар роҳи Толиқони кишвари*
*Афғонистон ҷавонмарг шуд*

Зи Багром то Кӯҳандиз роҳ рафтем,
Агарчи ҳар қадам пур аз хатар буд,
Ба Толиқон назар бинмуда рафтем,
Валекин Толиқон зеру забар буд.

Бародар қотили ёру бародар,
Ҳама мегуфт мулки оҳу дард аст.
Кӣ овард оҳу афғони зиёде,
Ба рухсор оби ҳар як дида сард аст.

Зи Толиқон гузаштан таркише шуд,
Ба рӯ ҳар лаҳза чангу хок мерехт.
Аҷал ғирболу мо чун хок будем,
Зи хокам дер ё ки зуд мебехт.

Ба он танки бузурги оҳанинаш
Чашид ӯ шаҳди умри охиринаш.
Бишуд сад пора айни таркише ӯ
Куҷо он мӯю рӯи нозанинаш.

Фиристоданд баҳри модари зор
Ҳамон ҷисми рафиқи бесари ман,
Назар кардам ба сандуқ вопасин бор,
Ба марги ӯ наёмад бовари ман.

# ХАТИ РОҲ



## ҚАДРИ ХУД ҲАРГИЗ НАДОНАД ОДАМИН

Маънии тақдири одам бошад ин:
Хӯрда ҳасрат
Рафтан аз рӯи Замин,
То нагардад марг меҳмон бар дараш
Қадри худ ҳаргиз надонад одамин.

## ЗАНГӮЛА

Саҳни мактабхона дар оғӯш мегирад маро,
Боз з-оғӯши дили гармаш раҳоям мекунад.
Роҳи тақдирам зи ёрон гар ҷудоям кардааст,
Боз ҳам зангӯлаи мактаб садоям мекунад.

## ОРМОНӢ

*Барои Кароматуллои Қурбон*

Ба ҳар соат суруди тозае меофаридӣ ту,
Ба қадри санъати гардида хорат мерасидӣ ту.
Суруди хайрбодатро басо барвақт бишнидем,
Зи гулшан ин баҳорон дастаҳои гул начидӣ ту.

Хазонбарге надида чашми дунё дар баҳоронат,
Вале шаҳди аҷал дар нимаи умрат чашидӣ ту.
Куҷо рафтӣ, баландовозасози нангу номи халқ,
Барои номи халқи хештан умре давидӣ ту.

Халоиқ ҳаст охир ташнаи шеъру суруди ту,
Зи олам зуд рафтӣ, синаи моро даридӣ ту.
Баҳор асту зи ҷайби хок гулҳо сар бурун оранд,
Чу гулҳои баҳорӣ кошки сар мекашидӣ ту.

## ЁДИ УСТОД

*Ба муаллими аввалинам, марҳум*
*Абдураҳим Алиев*

То дами бигзаштани устоди ман,
Ҳеҷ кас нашнида буд фарёди ман.
Нола карда теппаи Устофидо,
Мерасидӣ гӯӣ бар имдоди ман.

Эй дилам, дарди ту ҳам аз дарди ӯст,
Гиря кун дар хонаи ободи ман.
Дар ҳавои шеърҳо бахшида буд
Болу пар мурғи дили озоди ман.

Кош ӯ мехонд пеш аз марги худ
Шеърҳои ин дили ғамзоди ман.
Ҳамчу кору хулқи неки додааш
Зинда бошад номи ӯ дар ёди ман.

## ДАР РӮЗИ ДАФНИ УСТОД ЛОИҚ

Дорам хабар аз ҳасрати оҳи дили ранҷури ту,
Боди алам орад паём аз дилбари раҳдури ту.

Омӯхтам з-исёни ту бебокиҳо дар роҳи шеър,
Ганҷи дили дунёи шеър, олам ҳама манзури ту.

Халқи ба ғам борат мудом баҳри видоят омаданд,
Дар роҳи базми охирин дорам азо, ку сури ту?!

Дилҳои моро кардаӣ равшан ту, эй нури хирад,
Умре чароғи базми мо равшан шавад аз нури ту.

Девону ашъори ғазал умре гирифтӣ дар бағал,
Дурдонаи файзи сухан афзуд дар ганҷури ту.

Дарёи Варзобам намуд имрӯз овозаш баланд,
Дорад ба сад дарду алам ёд аз дили пуршӯри ту.

Хоҳад зи ҳасрат гӯркан бар ҷои ту худ дар кафан,
Бо гиряҳо берун кунад ӯ хокро аз гӯри ту.

Гӯяд забони хомаам аз пандҳои додаат,
Содиқ, ба назди атши марг хас бошад охир зӯри ту.

## ДАР ВАСФИ УСТОД ЛОИҚ

Ғамгусорӣ, лоиқи ғамҳо туӣ,
Дил ки дорӣ, ошиқи шайдо туӣ.
Шоирони халқ сад пайдо шаванд,
Шоири яктову беҳамто туӣ.

Бе муҳоботе ба номат лоиқӣ,
Лоиқи халқи худу шеъри дарӣ.
Бо сухан дарҳои дил бикшода ту
То ба кӯи шодмонӣ мебарӣ.


ХАНДАИ
БАРҚ

## МАН ШАРМ МЕКУНАМ

Ман шарм мекунам
Пеши худои ишқ.
Аз ишқи бемурувввати худ нола сар кунам,
З-ин шаҳри ғам, ки подшаҳаш чокари худ аст.
Сӯи диёри хилвати осӣ сафар кунам,
Ман шарм мекунам.
Пеши худои ишқ,
З-ин мулки орзӯ, ки нигаҳи ҳақ ба рӯй дошт.
Ёрон арӯси хешро бе парда мебаранд,
Дар дида шарм нест.
Лаб во дигар зи боби ҳақиқат намекунад,
Бинмуд дар замини дилам хона тарсу ваҳм.
Гум гашт нақши раҳм,
Қаҳру ғазаб ба ҷангу ҷадал ҷо бадал намуд.
Бар бадниҳоди хеш бидодем дастро,
В-андар диёри ман.
Ашки ғариб орзӯи рӯи кас накард,
Гирад замоне домани меҳанпарастро.

## ҚУРБОҚА НАЪЛ МЕЗАНАД

Ҷоҳил насиби худ бикунад ҷоҳу мансабаш,
Оқил ба кулбаи ғаму мотам нишастааст.
Борон бибор, зуд намо тоза рӯи дил,
Гардест рӯи дидаи олам нишастааст.
Гардест рӯи мижжаи одам нишастааст,
Ду тори мӯи хеш кунад шона кал агар.
В-ин ҷои ҳайрат аст.
В-ин ҷои ҳайрат аст.
Осори меҳр дар дили аҳли ҷамоа нест,
Мулки суханварон
Ҷои маломат аст.
Ҷои маломат аст.
Аз ҷаҳли мо саманди адл аз по фитодааст,
Қурбоқа наъл мезанад дар пои хештан,
Қурбоқа наъл мезанад дар пои хештан.

## ҒАМДОР

Олудаам ба хуни дили насли хештан,
З-ин рӯ ба чашми оламиён ҳамчу қотилам.
Ҳарчанд фасли сабзи баҳори дили ман аст,
Гулҳои орзӯ маҷӯ аз гулшани дилам...

## ТАЪКИД

Рафт тоҷик аз Ватан, ҳамроҳ бурд армони худ,
Мо ҷудо гаштем ҳам аз дину аз имони худ.

Сабз ҳастӣ, эй Душанбе, гарчи аз файзи баҳор,
Лек гаштӣ лолазор аз хуни фарзандони худ.

Оҳи ҳасрат дар гулӯ печида мемонад, дареғ,
Сӯи гӯристон нигаҳ дорем аз айвони худ.

Хонаи худро ба дасти хеш вайрон кардаӣ,
Ин замон обод созӣ хонаи вайрони худ.

Нек буд вирди забон номат агарчи дар ҷаҳон,
Бад шуд охир номи ту аз дасти номардони худ.

Дӯстиро ҷустуҷӯ мекард халқам аз қадим,
Риштаҳои меҳр бигсастем бо дандони худ.

Ашк мерезад ғарибӣ бенаво дар мулки ғайр
Ҳар замон, эй дӯстон, аз дидаи ҳайрони худ.

Аз Самарқанду Бухоро дур гаштан бас набуд?!
Дур гардидем аз нав мо зи пайвандони худ.

## МИЛЛАТИ ХУДРО
## БА КУШТАН МЕБАРЕМ

Мо, ки акнун қотили якдигарем,
Гӯ ба рӯи хештан чун бингарем.

Гарчи аз як кӯву аз як сангарем,
Миллати худро ба куштан мебарем.

Гарчи андар зиндагӣ худбоварем,
Ғофил аз найрангҳои дигарем.

Тоҷикам бигрифт истиқлоли худ,
Парчами озодӣ аз чӣ медарем?!

Дода зар, тоҷики худро кушта мо,
Ҷони ёрони дигарро мехарем.

«Пеши насронӣ мусалмонем агар
Аз нигоҳи муслимин мо кофарем».

## ХУДРО ШИНОС

Аз дасти чанд Аҳриману деви фитнакор
Бинмудаӣ ту кишвари худро харобазор.
Макри адӯ бибурд туро бар раҳи фирор,
Худро шинос, тоҷики бегонадӯстдор.

Оғушта гаштаӣ ту ба хуни бародарат,
Аз рӯи ҷаҳл бева намудӣ ту хоҳарат.
Гиряд ба дард аз ғами фарзанд модарат,
Хонанд фандкардаҳо чун хеш кофарат.

Аз кинаи бародари худ беватан шудӣ,
Саргаштаву ғариб ба дашту даман шудӣ.
Чун андалеб зор ба рӯи чаман шудӣ,
Охир ба вақти мурдани худ бекафан шудӣ.

Бар ваҳдат ой, миллати бе сарпаноҳи ман,
Халқи «гуноҳкарда»-и ман, бегуноҳи ман.
Дарду ғами ту гашт кунун дарду оҳи ман,
Гирён шавад фалак ба сари дардгоҳи ман.

*Соли 1993*

# ДАЪВАТ

*(Аз номи ашхосе, ки дар ғарибӣ афтода буданд)*

Ало! Ёрон ғарибам ман, ғарибам,
Ба мулки ғайр мӯҳтоҷи табибам.
Агар мирам, ба рӯи мурдаи ман
Нагардад ҷамъ хешони қарибам.

* * *

Зи ёру дӯстони худ ҷудоям,
Халад хори ғарибӣ зери поям.
Парешонҳолии ҳаммиллатонро
Зи кину ҷаҳли худ донам, Худоям.

* * *

Ватандоре, ба мулки ғайр хуфтаст,
Ғами худро надонам бар кӣ гуфтаст.
Баҳорон мерасад хоҳам, ки ой,
Душанбешаҳр ҳамчун гул шукуфтаст.

* * *

Ту рафтӣ аз Ватан донам, ки хорӣ,
Ба мулки ғайр ашк аз дида борӣ.
Биё, эй ҳамватан, бар хонаи худ,
Ба мулки худ агарчи зери дорӣ.

* * *

Чӣ мегӯед мардони Хутанро,
Бимонам булбули дур аз чаманро.
Касе хоб аст дар оғӯши Меҳан,
Чӣ донад ҳоли зори беватанро.

* * *

Душанбе гарди раҳ аз дида рӯфтаст,
Ғами худро агар бар дил нуҳуфтаст.
Биёву зиндагӣ бинмо ба Меҳан,
Ба мо ҷанҷол карданро кӣ гуфтаст?!

* * *

Надонам то кучоҳо дида дӯзам,
Ба ёди Меҳанам бигзашт рӯзам.
Шудам маҳрум аз дидори ёрон,
Агарчи то саҳар чун шамъ сӯзам.

* * *

Дил арчи дур аз ёри куҳан буд,
Ба ёди Меҳанам ҷон дар бадан буд.
Намегаштам зи мулки хештан дур,
Куҷо барномаи хоки Ватан буд?!

* * *

Ба мулки ғайр кас афтад ғариб аст,
Ба дарди хеш танҳо худ табиб аст.
Намуди ӯ ба чашми кас ҳақир аст,
Ба мисли он ки ҷон бар тан асир аст.
Нагардад ҳеҷ шахсият дар олам,
Чӣ қонун бофтаст фарзанди Одам...

* * *

Дар ғарибӣ талх дар комам ҳаметобад асал,
Сад амал дорам, ба чашми ғайр монам бе амал.



# КОШОНАИ МЕҲР

## ДАЪВАТ

Чун насими субҳ о бар хонаам,
Ошно шав бо дили бегонаам.
Ҳамчу мурғи дар қафас парбастае
Интизор аз баҳри обу донаам.

## ГУНАҲКОР

Мехарошидам ба нохун ҳар шабе
Ман ба сад мушкил бари девори ту.
Бо садояш гӯӣ хонад рози ишқ
Нимашаб аз ошиқи бедори ту.

Карда ин девори сахти бегунаҳ
Хонаи бахтат ҷудо аз хонаам,
Лек девори дили пайвастаро
Кандаву кардӣ ту чун девонаам.

Сабз кардӣ гарчи дар кӯи дигар
Он ниҳоли навбаре, ки тоза буд.
Ту гунаҳкорӣ, бикуштӣ дар дилат
Тифли ишқе, ки баландовоза буд...

## МАРО МАЪЗУР ДОРЕД

Маро маъзур доред, дилбарони оқилу зебо,
Ки бо дасти Шумо ман ҷоми ишқи хеш нӯшидам.
Маро созед ҳам маҳкум, аз он хотир,
Ки як дам бо Шумо будам.

Ба дунёи сафо будам,
Ҳар он чӣ, ки тавонистам
Бари коми дили зебопарасти хеш кӯшидам,
Дари бахти Шумо бикшодаму он лаҳза пӯшидам.
Ҳама буду набудам буд охир
Ба рӯи шоҳтахти ишқ,
Ба боли мурғи бахти ишқ.
Фазои ишқро парвоз мекардам,
Давоми ишқро оғоз мекардам...

## ХОҲИШ

Дилам аз ишқи ҷонсӯзи ту розист,
Агар додӣ ба умри худ азобам.

Ҳар он вақте ки ғам гирад туро дӯст,
Варақ гардон, варақ гардон китобам.

Ту бо ёрат кунун хурсандӣ, эй ёр,
Ба ғам бинам туро танҳо ба хобам.

Раҳи ишқи дилат шуд роҳи шеърам,
Варақ гардон, варақ гардон китобам.

## ЧОКҲОИ ДИЛИ ХУД МЕДӮЗАМ

Хонае, ки ту дар он будӣ хоб,
Дар ҳамон хона маро ҷо доданд.
Хабарат ҳаст, маро дар раҳи ишқ
Аз азал ошиқи шайдо зоданд.

Дар дили тори шаб истораву моҳ
Бо ғаму дарду алам месӯзанд.
Ахтарон чодари туйӣ то рӯз
Баҳри Маҳтоб ту гӯӣ дӯзанд.

Ногаҳ аз сақфи фалак канда бишуд
Нигаҳи меҳр сӯи хонаи ту.
Дид гардида саросар торик
Дару тирезаю кошонаи ту.

Бигӯ охир, ки чаро пеш зи вақт
Кушта ту шамъи дари хонаи дил.
Маргу хоб аст яке медонӣ
Андар ин кулбаи вайронаи дил?!

Чун дили сӯхтаам, гирёнам,
Шамъи кошонаи ман буд рӯшан.
Ба хаёлам, ки набудӣ ту шабе
Ошно бо дили бегонаи ман.

Баъд аз ин шеър гарон бофтанам,
Бигзарад чун шаби торе рӯзам.
Ҳамчу бо сӯзане гӯё бо қалам
Чокҳои дили худ медӯзам.

## ИШҚИ ҶОНСӮЗАМ НАМЕМИРАД

Дар замири волаву шайдо
Ишқи ҷонсӯзам намемирад.
Дар дили чагдони рупӯше
Зери боми тӯпи хокистар
Ин манам як ахгари пинҳон.
Бод оҳе гар барорӣ ту,
Аз танӯри синаам боз о,
Хандаму нуре биафрӯзам
Аз замири ишқи ҷонсӯзам.

## АЗ ҲАМА ДИДА ТУ ЗЕБО ҲАСТӢ

Аз ҳама дида ту зебо ҳастӣ,
Худ чӣ, аз Олами рӯъё ҳастӣ?

Ба фазои дили овораи ман
Дидаи ахтари шабҳо ҳастӣ.

Чашм бар пайраҳаи хонаи ту
Ман ба сад дарду алам медӯзам.

Вақти пайдо шудани ту аз дур
Ман зи сар то ба қадам месӯзам.

Бо нигаҳҳои пур аз оташи меҳр
Дили ман гарм бикун, дилсардам.

Баски дар зиндагии пур аз дард
Туӣ дармону туӣ ҳамдардам.

## АЗ МАН ТУ ЁД МЕКУНӢ

Вақте ба дидаи дилат номард мард шуд,
Аз қатраҳои ашки дилат хона сард шуд,
Чун сабзаҳои мижжаат дар ҳукми гард шуд.
Аз ман ту ёд мекунӣ, эй ёри худписанд.

Вақте ба кунҷи хонаат ғам лона мекунад,
Мӯи туро ба панҷаи худ шона мекунад.
Ободии диёри худ вайрона мекунад,
Аз ман ту ёд мекунӣ, эй ёри худписанд.

Вақте насим пардаи сунбул дарида рафт,
Аз гулшани умеди ту булбул парида рафт.
Дар дил ҳазор ҳасрату як гул начида рафт.
Аз ман ту ёд мекунӣ, эй ёри худписанд.

Вақте ба гулшани дили худ хор мешавӣ,
Ағёр дида дар талаби ёр мешавӣ.
Бар тори мӯи Содиқи худ зор мешавӣ,
Аз ман ту ёд мекунӣ, эй ёри худписанд.

## АЁДАТ

Хабар омад, ки гаштаӣ бемор,
Омадам, то туро хабар гирам.
Ҳоли зори туро бидида, хамӯш
З-оташи ишқу меҳр дар гирам.

Талх будаст гӯӣ қисмати ман,
Зодаи дардманди дунёям.
Нестам сарбаланди олами ҳусн,
Гар зи дунёи ҳусни дороям.

Рӯз бегаҳ шуду ба домани кӯҳ
Рӯи худро намуд пинҳон шед.
Дилам аз дарди ту ба фарёд аст,
Гаштӣ аз зиндагонӣ ту навмед.

Аз бароям чу гул ту камёбӣ,
Гар фалак дод ба ту ранги зард.
Вақти беморӣ аз гудоз манол,
Ки хазон мекунад туро ин дард.

Нестӣ гарчи розӣ аз қисмат,
Ту ба сад меҳр кун нигаҳ сӯям.
Гарчи дар хонадони чашмат нест
Заррае меҳр, ман вафо ҷӯям.

Ҳама ғамҳо зи хом будани мо
Ҷамъ гашта, ба кунҷи дил хобанд.
Мо ба ҳам ёр агар шавем, эй ёр,
Дардҳомон давои хуш ёбанд...

## УЗР

Қасам бар ишқи покам ёд кардам,
Набӯсам ғайри лабҳои ту ман лаб.
Қасам хӯрдам ба ғайри хонаи ту
Намехобам ба кӯи дигаре шаб.

Бубахшоям, гуноҳе сар зад аз ман,
Туро эй ёр, имшаб хор кардам.
Надида бӯса карданро зи мастӣ,
Лабони дилбаре хуншор кардам.

Шабе, ки айни мастӣ рӯз кардам,
Ба ёди он лабу рӯи ту бигзашт.
Танеро гарчи бигрифтам ба оғӯш
Хаёлам аз раҳи кӯи ту бигзашт...

## ХОБ

Ҳамин шаб хешро ёри ту хондам,
Сарамро байни гесӯи ту мондам.

Назар кардам ба чашмони сиёҳат
Лабонам бар лабу рӯи ту мондам.

Ба хоби хеш бо ту дар хаёлам,
Тамоми умр дар кӯи ту мондам.

## ФАРЁД

Дар дил ғубори ғам,
Дар дида ашки гул,
Дар сина дарди ёр,
Дастам ба рӯи хор.

О-ваҳ насими субҳ
Аз барги гул начид,
Бозида рафт, рафт,
Нозида рафт, рафт.

Бовар намекунам
Бар ровиёни ишқ,
Бе парда мераванд
Бар ошёни ишқ.

Ду дил ба ҳам буданд,
Ҳамроҳи ғам буданд.
Аз лутфу марҳамат
Оре, на кам буданд.

Аз ишқи бенасиб
Ман ёд мекунам.
Дар ошёни дил
Фарёд мекунам...
Фарёд мекунам...

## БО МАН ФАСОНА СОЗ

Абри сияҳ гирифт
Ҳар як шуои шед,
Чун ашки ҳасратам
Дар водии умед.

Дар шаҳри ошиқон –
Шаҳри пур аз гудоз.
Бо ман фасона соз,
Эй ёри дилнавоз.

Аз як нигоҳи ту
Дар гӯшаи дилам
Сар бар само кашид
Гулҳои орзӯ.

Н-ой ба назди ман,
Як рӯз мекашӣ
Ту оҳи сарди ман,
Эй ёри дилнавоз.
Бо ман фасона соз,
Бо ман фасона соз!

## ИШҚИ ТУ
## БО ЛУТФИ МАН РАФТ

Ишқи ту бо лутфи ман рафт,
Меҳри ту дар кунҷи дил монд.
Бахти бепайванд дорӣ,
Ту маро хоҳӣ ба ёрӣ.
Меравам ман аз ту имрӯз
Мисли оҳуи гурезон.
Аз нигоҳи макри сайёд
Хоки пои хештанро
Бар абас ту дода барбод.
Оҳу сӯзам рафт аз даст,
Дидаам аз ашки ту тар.
Дил ба кӯи номуродӣ
Рафт, рафт, эй ёри худсар...

## ХАЙРХОҲ

Эй гулам рафтӣ, гаҳе ёдам бикун,
Бо дуруди вопасин шодам бикун.
Гар ғамат бигрифт, фарёдам бикун,
Ман саногӯи туям, роҳат ба хайр!

Шодмонӣ гарчи бо ёри дигар,
Ёд кун, дорӣ ту ғамхори дигар.
Ошиқи Содиқ, вафодори дигар,
Ман саногӯи туям, роҳат ба хайр!

Панҷаҳоям гесувонатро набофт,
Ин дили ғамдидаям ҳамдил наёфт.
Гӯиё қисмат зи ман рӯяш битофт,
Ман саногӯи туям, роҳат ба хайр!

Ёд овар ҳарду пои бастаам,
Шишаҳои ин дили бишкастаам.
Риштаҳои қисмати бигсастаам.
Ман саногӯи туям, роҳат ба хайр!

Ёд овар навбаҳори рафтаро,
Соату рӯзу шаби ин ҳафтаро.
Гавҳари он шеърҳои суфтаро,
Ман саногӯи туям, роҳат ба хайр!

Мерасад рӯзе, ғам афгорат кунад,
Аз барои хандае зорат кунад.
Дар гулистони дилат хорат кунад,
Ман саногӯи туям, роҳат бахайр!

Дар баҳорон кори гул хандидан аст,
Ишқ бо ҳамрози худ варзидан аст.
Орзӯям рӯзи некат дидан аст,
Ман саногӯи туям, роҳат ба хайр!

## БИРАВ АЗ МАН

Яқин донам, набудӣ бо ғами дил
Чӣ шуд имрӯз мепурсӣ маро ту.
Ба ҷуз модар надорам ғамгусоре,
Чӣ сон гирӣ, чӣ сон ҷои варо ту?!

Бирав аз ман, ба ишқам сода будам,
Бирав, бигзорам охир бо ғами худ.
Бирав, танҳо наям, ман шукр гӯям
Ҳазорон бор бо бешу ками худ.

Наям танҳо, ба дил ман шеър дорам,
Ҳазорон мисрае бо сеҳр гӯям.
Наҷӯям меҳру шафқат аз дили ту
Зи ҳар як мисраи дил меҳр ҷӯям.

Марав, эй дил, паси он ёри худком
Ба дарёи ҷунун созӣ ғариқам.
Бирав! Хоҳам дар ин даҳрӯза дунё
Ҳамон ёре, ки бошад ғамшарикам.

## ХУДПИСАНД

Доғи ишқи ту чун гули лола
Монд аз навбаҳори гулпӯшам.
Бар суханҳоям ин замон зорӣ,
Дӯш кардӣ агар фаромӯшам.

Ҳама он давр буд дилдорат,
Ҳамаро банди ишқи худ дидӣ.
Дилам афсӯс мехӯрад, афсӯс,
Ишқи поки маро нафаҳмидӣ.

## ХОҲИШИ ДИЛ

Дилам дар осмони шоирӣ парвоз мехоҳад,
Ҳар он чӣ дода буд аз даст, боз оғоз мехоҳад.

Замоне бори рахтамро бубандам з-ошёни хеш,
Ба роҳи шеъри оламгир мемонам нишони хеш.

Зи баъди асрҳо бо Содиқи ошиқ сухан гӯям,
Шавам ман садқаи ин хок, гар шеъри Ватан гӯям.

## ПУШТИ ҒАМ БОЛИДАӢ, ЭРОН

Дар набарди зиндагӣ умре
Хешро санҷидаӣ Эрон.
Аз ниёзи дардҳои хеш
Пушти ғам болидаӣ, Эрон.

Ту фақат ҷо мекунӣ дар дил
Ин ҳама шӯру шари ғамро.
Дастгире нест дар дунё,
То бигирад дасти одамро.

Одамӣ бо ёди хашму кин
Рӯзи марги хеш меҷӯяд.
Абри шодӣ ҳам гузашт аз пушт,
Рӯи қабрам хас намерӯяд.

Ҳайф, бо ғирболи хасми худ
Бехтам хоки диламро муфт.
Дар замири пуштаи таърих
Лолаҳои ғуссаам бишкуфт.

Дар замини мулки аҷдодӣ
Тухми бад рӯяд агар, сӯзад.
Саъйи қавмам дар шаби торик
То чароғи меҳр афрӯзад.

Хоки гӯри Бӯалӣ Сино
Бӯи хоки деҳи ман дорад.
Ёди шеъри ҳазрати Ҳофиз
Ҳамраҳӣ дар роҳи ман дорад.

Чун ба гӯри ту назар кардам,
Акси худ дар чашми ту дидам.
Ёфтам, гуфтам таборамро,
Дидаат аз меҳр бӯсидам.

Пуштибони қавмҳои ман,
Пуштибонат мешавам Эрон.
Гар халад хоре ба пои ту,
Сӯзи ҷонат мешавам Эрон.


Д И Ё Р И
ҲАМЕШАБАҲОР

## ЧУ ҶОНАМ ДӮСТ ДОРАМ КИШВАРИ РУСАТ

Агар қисмат диҳад дастам, туро бинам чу аз наздик,
Лабу рӯву тани барфи туро бо меҳр мебӯсам.
Кушоям боли парвозу барои диданат оям,
Ки ман дилбастаи хоки диёри кишвари Русам.

Ту рахши ахтари ишқу умедӣ дар самои меҳр,
Манам чун дигарон аз равшаният нур мехоҳам.
Ту бикшо ин гиреҳи мушкиламро то шавад осон,
Ки ман дар комёбиҳои ту як умр ҳамроҳам.

Наӣ огаҳ чу ҷонам дӯст дорам кишвари Русат,
Замину сангу хоку шермардони баномусат.
Чу як олиҳаи ҳуснанд ҳаққо, дилбарони Рус,
Ки месозанд бо лутфу карам аз ғам фаромӯшат.

Ба ҷангалзори сабзи беназират дида медӯзам,
Худовандам замини хубро бар дӯст мебахшад.
Аз он ки дар замири ҳар якетон адлу инсоф аст,
Ба дунё Офтоби меҳр аз ин сина мерахшад.

## ЧӢ ОРОМ АСТ,
## ОРОМ МЕРАВАД ДАРЁИ МАСКАВ

Ба мисли рӯди Панҷам
Ҷасту хезу шӯру мастӣ нест,
Чӣ ором аст, ороме равад дарёи Маскав,
Насими субҳи ӯ ором-ороме навозад
шонаи барги дарахтонаш.
Ба лабҳо бӯса дорад мушти хоку буттаҳояшро,
Гули сурху сафеду зарду гулобиву хорашро
Ба зебоӣ надидам кишвареро
ин қадар зебо баҳорашро.

Ба тобистон саҳобаш беибо
аз дидагонаш ашк мерезад,
Ки то ҳалқи заминаш доимо аз об бошад тар.
Чӣ сон зангӯла овезанд бурҷи ҳар калисояш,
Риоят то кунанд андарзи  Исои Масеҳояш.
Барафрӯзад чароғи ишқи кӯи хеш
аз рафтору имояш,
Саманди адлро чун ӯ саворе нест ҳампояш.

Ба девори даҳони худ забон дорад,
Ба рағми зиндагонӣ як ҷаҳон дорад.
Барояд аз забони ин қадар зангӯлаҳо овозҳои сеҳр,
Ки то бофанд мардум риштаҳои дӯстӣ аз меҳр.

Насиҳат дошта фарзандҳошонро?!
Ба дарёи фаромӯшӣ нагашта ғарқ рӯзе,
бе худо монанд,
Ки бо худ будаву ёди худо, то бе ҷазо монанд.
Ва обиди насорӣ аз дилаш ёди худо дорад,
Бубахшад то худо авҷу барори беш
ёбад то қарори хеш,
Чӣ ороме равад, ором-ороме равад дарёи Маскав.

Хаёлам об хӯрда халқи он як умр з-ин дарё,
К-аз ин рӯ дар ривоҷи зиндагонӣ гаштанд ором.
К-аз ин рӯ тӯшаи  умр дар сафар ором мегиранд,
К-аз ин рӯ зиндагиҷӯяндаанду бо ду
дастшон ҷом мегиранд.
Ва хомиҳои халқони дигарро дида
бар худ хом мегиранд,
К-аз ин рӯ ҳар масоилро ба оромӣ намояд ҳал.
Ба мисли мо,
Барои мӯбарориҳо наҷӯяд доруе бар кал.
К-аз ин рӯ пешвои мардуми дунё бубин Рус аст,
Ба ҳар як кунҷи олам пайкари меҳру вафо Рус аст.
Худовандо, хаёлам, тухми инсофаш,
чу гӯям бемуҳоботаш,
Тухми меҳру, ҳам тухми эҳёи адолатро
Аввалу охир ба хоки Рус пошидаст.
Ҳама зарқу разолатро ба рӯи
душмани манҳус пошидаст.

Ба ҳам оранд маҷрои умеди гумшуда ин халқ,
Ба ҳам бандад охир риштаҳои
қалби инсонҳои дунёро,
Ба ҳукми адл гирад сарҳади имрӯзу фардоро.
К-аз ин рӯ халқи бо фикру банангаш кардааст Оллоҳ,
Ба меҳру ҳам бузургу зидди ҷангаш кардааст Оллоҳ.
Ба ҳар як кунҷи олам пайкари меҳру вафо бошад,
Ба кӯҳи илтиҷои даҳр ҳамдасти садо бошад.

## ЭЙ ЗАН

Эй зан, дили маро
Бо хеш бурдаӣ.
Дар ҷои хоби хеш
Гирам шабе ба бар,
Раҳме намой ту
Бар ҳоли раҳгузар.
Пеши худои ишқ
Осӣ шавам агар,
То вақти субҳдам
Оғӯш кун маро,
Аз бӯи атри худ
Мадхуш кун маро.
Эй зан, ту оташӣ,
Эй зан, ту оташӣ.
Мафтуни ҳусни хеш,
Дарёи саркашӣ.
Гирдоб гаштаӣ,
Моро ту мекашӣ
Эй зан!
Худои ишқ
Бо оташи ғамаш
Дунё чӣ сохта?
Имшаб тани маро
Бо ту гудохта
Бо ту гудохта!..

## ИШҚИ МАН СОФ АСТ
## ЧУН ЧАШМОНИ ТУ

Духтари насронӣ, дар оғӯши худ
Гарм бинмудӣ дили сарди маро.
Бо вуҷуди хандаҳои беғамам
Дарк бинмудӣ ғаму дарди маро.

Гесувони зарди мушкини туро
Панҷаҳоям шона мезад то саҳар.
Чашмҳои осмониранги ту
Гуфт, хушбахтем мо бо якдигар.

Осӣ будем арчи дар чашмони шаб,
Риштаҳои меҳри дил пайваста буд.
Бехабар будиву дар оғӯши ту
Шоири дилдодаи дилхаста буд.

Бӯи атри гесувонат то ҳанӯз
Маст месозад маро бо бӯи худ.
Ёд меорам тани барфи туро,
Мебарӣ ҳушу хаёлам сӯи худ.

Бо нигоҳи меҳр меҳӯрдам қасам,
Ишқи ман соф аст чун чашмони ту.
Ханда мезад бахт дар мулки дилам
Аз нигоҳу чеҳраи хандони ту.

Духтари насронӣ дар оғӯши ту
Дур гаштам з-олами ғамҳои худ.
Дар канори ту ҳамон шаб то саҳар,
Ман намедонам канори ғам кӣ буд?!

## ДИЛАМ ХОҲАД, КИ ГАРДАМ САБЗ

Нигаҳ бар чашму рӯи дилкашат дорам,
Аҷаб бошад,
Худованд ин қадар зебо намуда тарҳи одамро,
Ки бо як дидан аз дил мебарад селобаи ғамро.
Намедонӣ,
Хурад нахли умед аз чашмаи ишқи ту об охир,
Зи хотир бурда тифли ишқ имшаб нуқлу хоб охир.
Диламро бурдаӣ, хоҳам ба сӯям чашм андозӣ,
Ту як олиҳаи ҳусниву бар дил марҳами розӣ.
Диламро ғарқ бар дарёи ишқи хеш месозӣ,
Ба ҳусни хеш менозӣ.
Қасам бар чашму рӯи дилкашат, ки ошиқат ҳастам,
Ки то ҷон дар бадан дорам, ғуломи содиқат ҳастам.
Бимон бо меҳр бӯсам чашмҳои сабзгунатро,
К-аз ин чун хадраҳои тут ҳар дам ғӯра бандам ман.
Ба мисли ранги чашми ту дилам хоҳад,
ки гардам сабз,
Ҷудоӣ аз тани ман ҷони ширин менамояд қабз.
Забони ишқ аз миллат намепурсад,
Мутарҷим ӯ намеҷӯяд,
Гули ишқу умеди хеш мебӯяд.

Миёни муслиму насронӣ ар мазҳаб дигар бошад,
Надидам, ки ба роҳи ошиқӣ мактаб дигар бошад.
Чу бороні ғаму шодӣ бирезад бар сарам,
бар ту панаҳ орам.
Ба мулки бовариат мушти нур аз рӯи Маҳ орам,
Бари чагдони ишқат соз кардан регу санг
аз рӯи раҳ орам.
Ба ҷанги душмани ту аз дилу ҷонам сипаҳ орам.
Гадои мулки зебоӣ ту шаҳ гирам,
Шаҳи мулки ҷафоро назди меҳрат хоки раҳ гирам...

* * *

Дар баҳорон дӯстон айёми гулгардонӣ буд,
Дар барам то субҳи содиқ духтари насронӣ буд.

Ҳар кучо рафтем, буд дасти навозиш бар сарам,
Қисмати умри хушам аз номаи пешонӣ буд.

Баччаи қишлоқиям, даврони кӯдак буданам
Хуш ба ёд ояд, агар дунёи саргардонӣ буд.

Хештанро оқилу фарзона мепиндоштам.
Бо замони худ нарафтанҳоям аз нодонӣ буд.

## ДЕҲА ДАР ХЕШ
## ЯК ҶАҲОН ДОРАД

Хати иқболи туро мехонам
Аз раҳи деҳи Тараскои[1] ту.

Оби дарёи Ока меорад
Оби дунёи ҳавасҳои ту.

Аз забони ғӯрамаргони ҷанг
Навдаи ҳар дарахт гӯяд роз.

Чашми дунё, ки дида қатли беш,
Зиндагӣ меравад ба роҳаш боз.

Деҳа дар хеш як ҷаҳон дорад,
Ҳама побанди рӯзгори хеш.

Нони осудагӣ ба ҳам хӯрда,
Бурди деҳ бинад аз барори хеш.

---

[1] Тараскова – деҳае дар қабати дарёи Ока, тахминан 120-130 км дуртар аз шаҳри Маскав ҷойгир аст.

# СУРУДҲО



## БЕ ТУ ҶАҲОНИ ИШҚАМ БЕ ДАРДУ ОҲ МОНАД

Бе ту баҳори умрам охир хазон бигардад,
Чун ту наёбад ин дил, гирди ҷаҳон бигардад.
Бе ту наметавонам, боз о, зи ғам раҳонам,
Ҳарфи дилам ки ишқ аст, вирди забон бигардад.
Бе ту ҷаҳони ишқам бе дарду оҳ монад.
Ин корвони умрам дар нимароҳ монад.

Бе ту чӣ суд бошад як лаҳза зиндагонӣ,
Рӯзе бувад ки дилро аз дарду ғам раҳонӣ.
Ин даҳр баҳри ҳар кас кӯи иҷора бошад,
Дорад нигаҳ Худоё аз марги ногаҳонӣ.
Бе ту ҷаҳони ишқам бе дарду оҳ монад,
Ин корвони умрам дар нимароҳ монад.

Бе ту диёри ишқам дар чашм танг бошад,
Ин чашмаи умедам бе обуранг бошад.
Аз ман ту рӯй тобӣ, як умр дар азобӣ,
Оинаи нигоҳам дар зери санг бошад.
Бе ту ҷаҳони ишқам бе дарду оҳ монад.
Ин корвони умрам дар нимароҳ монад.

## ГИРЯ МАКУН

*Ба ҳамсари роҳинтизорам*

Ту ба ҳоли дили ман гиря макун, гиря макун,
Гиря бас кун, ки маро гиряи худ бас бошад.
Равам он ҷо, ки маро ҳеҷ касе нашносад,
Хуб не, Содиқи ту сархами нокас бошад.

Ту ба ҳоли дили ман гиря макун, гиря макун,
Гиря бас кун, ки равам тори дилам ҷӯр кунам.
Охир аз хотири ишқи ту кашам ранҷу алам,
Номи ту дар вараки зиндагӣ машҳур кунам.

Ту ба ҳоли дили ман гиря макун, гиря макун,
Гиря бас кун, ки аз ин кор нагардам хушҳол.
Ман ба сад меҳр аз ин дашту даман гул чидам,
Ҳар куҷое ки равам, боз биёям бар Ёл.

## МАРАВ АЗ МАН...

Ба роҳи интизорӣ хуни дил гаштам, намеоӣ,
Ба рӯи дида ашки ҳасрат аст аз ранҷи раҳпоӣ.
Зи хотир бурдаӣ аҳду вафои бастаи худро,
Ба кӣ гӯям надонам дарди ҳиҷрону шикебоӣ.

Марав аз ман, ба дил ҷоӣ, надорам тоби ғамҳоям,
Бубахшоӣ ту дунёям, валекин бе ту танҳоям.

Ба дунёи дили нокас биафтию фано гардӣ,
Ба ғамҳои дили ноошноят мубтало гардӣ.
Накардӣ раҳм бар ҳоли дили озурдаи зорам,
Шавад рӯзе пушаймон гашта аз роҳи ҷафо гардӣ.

Марав аз ман ба дил ҷоӣ, надорам тоби ғамҳоям,
Бубахшоӣ ту дунёям, валекин бе ту танҳоям.

## БА ҶОН ДӮСТ ДОРАМ ТУРО, ЗИНДАГОНӢ

Ба ҷон дӯст дорам,
Ба ҷон дӯст дорам туро, зиндагонӣ,
Чӣ сонӣ, ки қурби ҳаётам надонӣ.
Хазонам бирезад ҳама барги умрам
Валекин ту сарсабзи дунё бимонӣ.

Нигаҳ дорам арчи гаҳе аз баландӣ,
Гурезам зи пастӣ, ки дур аз нигоҳам.
Ба сад шӯр рӯзе вазад боди маргам,
Надорӣ ту парво ба фарёду оҳам.

Ба ҷон дӯст дорам,
Ба ҷон дӯст дорам туро зиндагонӣ,
Чӣ сонӣ, ки қурби ҳаётам надонӣ?!
Хазонам бирезад ҳама барги умрам,
Валекин ту сарсабзи дунё бимонӣ.

## ҒАМИ ҶУДОӢ

Пазмон ба сари раҳам кучҷоӣ ту,
Эй ваъдахилоф, кай биёӣ ту?!
Бе ту ҳама ғам бувад ҳаёти ман,
Як умр кашӣ ғами ҷудоӣ ту.

Аз роҳи муҳаббат гузарам бе ту,
Дар қисмати ман буда зи ту дурӣ.
Дилмонда шавӣ аз ғами танҳоӣ,
Он рӯз маро ҷӯӣ, ки бенурӣ.

Пазмон ба сари раҳам кучҷоӣ ту,
Эй ваъдахилоф, кай биёӣ ту?!
Бе ту ҳама ғам бувад ҳаёти ман,
Як умр кашӣ ғами ҷудоӣ ту.

Як умр, ки дар ишқи ту месӯзам,
Аз дарди дили хеш кун огоҳам.
Аз ман равию бо дигаре бошӣ,
Ман зиндагии хуби туро хоҳам.

## БЕ ТУ БИГЗАШТ ШАБАМ, БЕ ТУ

Ёр, бетобу табам бе ту,
Бе ту бигзашт шабам, бе ту.
Ҳар қадар бода ҳаменӯшам,
Талх бошад бар лабам бе ту.

Дар ҳама ҳол маро ёрӣ,
Ба нигоҳи дили ман зорӣ.
Аз дилат, ёр, хабар дорам,
Талаби ишқи маро дорӣ.

Ёр, бетобу тобам бе ту,
Бе ту бигзашт шабам, бе ту.
Ҳар қадар бода ҳаменӯшам,
Талх бошад бар лабам бе ту.

Ту ҳама сӯзи маро сӯзӣ,
Ту ҳама шоми маро рӯзӣ.
Дар дилам шамъи шабафрӯзӣ,
Ахтари бахтӣ, зарандӯзӣ.

## ТУ БЕ ДАРДИ ИШҚАМ ИЛОҲО НАМОНӢ

Ту бе дарди ишқам илоҳо намонӣ,
На ман дар амонам, на худ дар амонӣ.
Бирӯяд гул аз нав агар ҳар баҳорон,
Ба боғи дили ман ҳамонӣ, ҳамонӣ.

Нахоҳам, ки гардам ба умрам пушаймон,
Нафас дар вуҷудам шуда аҳду паймон.
Ба кӣ ҳолу рози дили худ бигӯям,
Ки бар ҳоли ёрам шуда дида ҳайрон.

Ту бе дарди ишқам илоҳо намонӣ,
На ман дар амонам, на худ дар амонӣ.
Бирӯяд гул аз нав агар ҳар баҳорон,
Ба боғи дили ман ҳамонӣ, ҳамонӣ.

Нишони ҷафоят илоҳо намонад,
Ки нақше ба дилҳо зи ғамҳо намонад.
Раҳи худ ту ёбӣ ба мулки дили ман,
Ки ишқи дили мо ба расво намонад.

## ДАРДИ ТАНҲОӢ

Ман аз дунёи ишқи бебарорам ор мехоҳам,
Гули хушбӯйиро ёрон, ман аз гулзор мехоҳам.
Ту, ки имрӯз аз ҷоми дигар кас май ҳаменӯшӣ,
Ба қасди ту, ба расми ту нигоҳи ёр мехоҳам.

Наменолам дигар аз ҷабри ёру ранҷи раҳпоӣ,
Намехоҳам дигар поям кашам аз роҳи савдоӣ,
Ба кӣ гӯям суханҳои дили дардошнои худ,
Аз ин дунё равам бе ту зи дасти дарди танҳоӣ.

Дуои ман, савоби ман ту худ донӣ, Худои ман,
Сафои тоза меорӣ ба қалби бенавои ман.
Дигар дунболи ёрони навам асло намегардам,
Ки ёрони куҳан бошанд бар дардам давои ман.

## ЁД КАРДАМ

Ёд кардам лаззати ишқи гуворои туро,
Ёд кардам дар муҳаббат шӯру савдои туро.
Кош чун дерина боре меҳмони дил шавӣ,
Ёд кардам бӯсаи ширини лабҳои туро.

То ба меҳру ишқи ту бошад маро рӯи ниёз,
Дар танӯри ишқ мехоҳам ҳама сӯзу гудоз,
Дар ҳама шебу фарози рӯзгори мушкилам
Рӯзгори хешро дар рӯи ту бинем соз.

Ёд кардам рӯзҳои бобарори ишқро,
Дур будан аз ғами дунё баҳори ишқро,
Беқарориҳои айёми ҷавонӣ давлат аст,
Ёд кардам рӯзгори беқарори ишқро.

## БО ТУ ХОҲАМ ЗИНДАГОНИРО

Навдаву барги умедам сӯхт
Оташи барқи нигоҳи ту.
Ахгару хокистари дилро,
Боди ғам пошад ба роҳи ту.

Рафтию бо чашми худ дидам
Рӯзи марги ногаҳониро.
Дар ҳамин дунё, ки ширин аст,
Бо ту хоҳам зиндагониро.

Ишқ бошад, ишқ байни мо,
Мо ҷудо аз ҳам намегардем.
Дар нигоҳи дардҳо як сӯ,
Дар диёри ишқ бедардем.

Рафтию бо чашми худ дидам
Рӯзи марги ногаҳониро.
Дар ҳамин дунё, ки ширин аст,
Бо ту хоҳам зиндагониро.

## ХУДОВАНД
## АЗ ҶУДОИҲО НИГАҲ ДОР

Худованд, аз ҷудоиҳо нигаҳ дор,
Надорад зиндагӣ бо дарду ғам кор.

Ба ҷое, ки кунам зикри худоро,
Ба дунёи дилам зикри ту дорам.
Ба ҷое, ки хӯрам фикри ғами худ,
Дар ин дунё фақат фикри ту дорам.

Худованд, аз ҷудоиҳо нигаҳ дор,
Надорад зиндагӣ бо дарду ғам кор.

Ба ёдат ҳаст дар роҳи дили ту,
Ба кӯи ишқ ман саргашта будам,
Ҳамон рӯзу ҳамон моҳу ҳамон сол
Ба оғӯши дилат баргашта будам.

Худованд, аз ҷудоиҳо нигаҳ дор,
Надорад зиндагӣ бо дарду ғам кор.

## НОЗ КУНӢ,
## НОЗИ ТУРО НОЗАМЕ

Ду чашмам чор мегӯяд ба зорӣ,
Туам танҳо ба кӯи ишқ ёрӣ.
Дар ин дунё ғами ишқи диламро
Набояд, ки ба ҳоли худ гузорӣ.

Ноз кунӣ, нози туро нозаме,
Дар лаби хандони ту овозаме.
Олами аз меҳр худододаро,
Бе ту бигӯ, бе ту чӣ месозаме?!

Ту ғамхорам шавӣ, аз ғам намирам,
Ба дунёи фараҳ мотам нагирам.
Ту пайванди дилу дардошноӣ,
Ки ғамҳои ту бошад дам нагирам.

Ноз кунӣ, нози туро нозаме,
Дар лаби хандони ту овозаме.
Олами аз меҳр худододаро
Бе ту бигӯ, бе ту чӣ месозаме?!

## ЗИНДАГӢ БЕ ҲАҶРУ БЕ ҒАМ НЕСТ

Бехабар аз шоми ҳаҷри ту,
Дар нигоҳи субҳ хандидам,
Бо садои қисмати ноҷӯр
Аз ҷафои даҳр ранҷидам.

То ба кай аз хеш меранҷем,
Зиндагӣ бе ҳаҷру бе ғам нест.
Аз ҳама чӣ дида бар одам,
Талхтар аз рӯзи мотам нест.

Бехабар аз шоми ҳаҷри ту,
Дар нигоҳи субҳ хандидам,
Бо садои қисмати ноҷӯр
Аз ҷафои даҳр ранҷидам.

Дар ҳамин дунёи ғамолуд
Худ дар оғӯши фараҳ гирем,
Пеши пои зиндагӣ як рӯз,
Дер ё ки зуд мемирем.

Бехабар аз шоми ҳаҷри ту,
Дар нигоҳи субҳ хандидам,
Бо садои қисмати ноҷӯр
Аз ҷафои даҳр ранҷидам.

## БОРЕ ХАБАР ГИР АЗ ОҲУ ДАРДАМ

Эй ишқ дардат бо ҷон пазирам,
То дар ман астӣ, дастат бигирам.
Пои дилам дошт азми саёҳат,
Дигар надорад майли адирам.
    Боре хабар гир аз оҳу дардам,
    Коре вафо ҷуз бар ту накардам.
    Боре хабар гир.

Ҳарчанд имрӯз бе ёди дардем,
Он рӯз наздик мо пир гардем.
Дар панҷаи атши зиндагонӣ
Чун арсаи бозиҳои нардем.

Даврони ишқи мо ҳам дигар шуд,
Бо ёди васлат умрам сипар шуд.
Бас бошад охир аз ҳам будан дур,
Содиқ ба ишқат хуни ҷигар шуд.
    Боре хабар гир аз оҳу дардам,
    Коре вафо ҷуз бар ту накардам.
    Боре хабар гир.

## СУРУДИ ҶАВОНОН

Раҳи умеди мо ҳама ба олами садоқат аст,
Мароми мо ягонагӣ, салоҳи мо кафолат аст.
Зи роҳи неки зиндагӣ қадам бурун намезанем,
Ҷаҳони ҷустуҷӯи мо ҳақиқату ҳақиқат аст.

Фидоиёни меҳану баору нанги миллатем,
Муборизи ҳақиқатем, кафили роҳи ваҳдатем.

Ватан, ки дар канори мо, канори беканори мо,
Вафову меҳр пайрави суботи рӯзгори мо.
Давоми зиндагии мо, китоби бахти дигар аст,
Фаёзи дору мулки мо камоли ифтихори мо.

Фидоиёни меҳану баору нанги миллатем,
Муборизи ҳақиқатем, кафили роҳи ваҳдатем.

Фуруд сар ҷаҳон агар кунад, сари ҷаҳон шавем,
Ба чашми хеш хуб мо азизу меҳрубон шавем.
Гузаштаро кунем нав, нававари куҳан шавем,
Ба халқи хеш содиқу ба ҳифзи хештан шавем.

Фидоиёни меҳану баору нанги миллатем,
Муборизи ҳақиқатем, кафили роҳи ваҳдатем.

## ДАР ТАНӮРИ СИНАИ МАН ГУЛХАНӢ

Дар танӯри синаи ман гулханӣ,
Нурбахшу гармии ҷони манӣ.

Ишқ мирад, мирад аз дасти фиреб,
Ранг дар оби ту мегирад дурӯғ.
Бо нигоҳи гарм ҷон бахшо маро,
З-офтоби ишқи ту дорам фурӯғ.

Дар танӯри синаи ман гулханӣ,
Нурбахшу гармии ҷони манӣ.

Зуд резонад дарахти умри мо
Аз шамоли ҷабри ту барги умед,
Бе ман ар дорӣ сафар дар зиндагӣ,
Бо ҳама ғам хоҳамат роҳи сафед.

Дар танӯри синаи ман гулханӣ,
Нурбахшу гармии ҷони манӣ.

## ЗИНДАГИРО ДӮСТ ДОРАМ

Тори умрам меканад як рӯз аз бори аҷал,
Дида дӯзам лаҳзае бар рӯзгори беамал.
То насозад гарди гулҳо ҷамъ занбӯри асал,
Зиндагӣ бар бандагӣ асло намехоҳам бадал,
То маро ин зиндагӣ як умр гирад дар бағал.

Зиндагиро он қадар ман дӯст дорам,
Чун ниҳоле, ки ниёзи об дорад.
Зиндагиро он қадар ман дӯст дорам,
Ҳамчу он тифле, ки майли хоб дорад.

Хешро бар ҳалқаи доми фараҳ гирам,
Чунки дунёи ҷавон ҳар лаҳза мегӯяд,
ки ман «Пирам»!
Бо сухан, бо илтифоту меҳр,
Пеш аз он ки рӯи раҳ мирам,
Худ ба коми зиндагӣ гирам.

Зиндагиро он қадар ман дӯст дорам,
Чун ниҳоле, ки ниёзи об дорад.
Зиндагиро он қадар ман дӯст дорам,
Ҳамчу он тифле, ки майли хоб дорад.

## АЗ МАН МАРАВ

Аз ман марав, эй ҷони ман,
Дарди маро дармони ман.
Боди ҷудоӣ мевазад
Аз гӯшаи айвони ман,

Гирям чу абри навбаҳор
Бе ту зи барқи рӯзгор.
Субҳи пур аз нурам шавад
Бе ту ба мисли шоми тор.

Ҳамроҳи ту монам ҷавон,
Бе ту ҷавонӣ бигзарад.
Ҳар лаҳза бо ту умри ман
Бо шодмонӣ бигзарад.

## ТУ БА МАН ҲАР ЧӢ КИ МЕГӮӢ, БИГӮ

Ту наоӣ ба дари хонаи дил,
Дари дил боз накардан беҳтар.
Ту ки дур аз алами ишқи манӣ,
Ҳаваси ишқ нахӯрдан беҳтар.
Ту ба ман ҳар чӣ ки мегӯӣ, бигӯ,
Ту ба ман, ту ба ман,
Бизанам қуфли хамӯшӣ ба даҳан.

Ба раҳам қофилаи васли ту нест,
Чӣ кашам бори ҷудоӣ бар дӯш.
Ман, ки имрӯз харидори туам,
Куртаи васл барои ман пӯш.
Ту ба ман ҳар чӣ ки мегӯӣ, бигӯ,
Ту ба ман, ту ба ман,
Бизанам қуфли хамӯшӣ ба даҳан.

Ба танӯри дили ту бод манам,
Ахгари ишқи туро шӯъла занам,
То даме дар тани худ дорам ҷон,
Аз раҳи кӯи дилат по наканам.
Ту ба ман ҳар чӣ ки мегӯӣ, бигӯ,
Ту ба ман, ту ба ман,
Бизанам қуфли хамӯшӣ ба даҳан.

## ТУ ҲАСТӢ МАРЗБОНИ САРҲАДИ ДИЛ

Т у дорӣ посбонӣ марзу буми Тоҷикистонам,
Ки то ман рӯи хоки кишварам осуда по монам.
Маро, ки Тоҷикистони азизам ҷону тан бошад,
Ту ҳастӣ марзбони сарҳади дил, ҳам тану ҷонам.
Нигоҳи сарҳади тоҷик
Ба сад уммед сӯи туст.
Ки сар боло намуданҳо
Дар ин дунё зи рӯи туст.

Ба мулки хонаи чашмат
Агарчанде ки бехобӣ кашиданҳо гарон бошад,
Ҳама хобу ту бедорӣ,
Ки то фарзандҳои меҳани ту дар амон бошад.
Нигоҳи сарҳади тоҷик
Ба сад уммед сӯи туст.
Ки сар боло намуданҳо
Дар ин дунё зи рӯи туст.

Ту пайванди ҳамин хоку замини хеш мебошӣ,
Ба ин обу ҳаво кардаст ҷисму ҷони ту одат.
Ҳама ҳушу хаёли ту ба сарҳад банд мебошад,
Ки андар хонаат истода натвонӣ ту як соат.
Нигоҳи сарҳади тоҷик
Ба сад уммед сӯи туст.
Ки сар боло намуданҳо
Дар ин дунё зи рӯи туст.

## МОНАМ БЕДАВО БЕ ТУ

Марав аз ман табиби ман, ки монам бедаво бе ту,
Марав аз ман ҳабиби ман, ки монам бенаво бе ту.
Ҳама ҷабру ҷафои ман, навои бенавои ман,
Кунад дасти нафас тангам, бимонам беҳаво бе ту.

Ҳама дармонда дил дармони худ як рӯз меёбад,
Агар аз ман равӣ ту, лек дармонам намеёбам.
Ба ҷисми ман ту худ ҷонӣ, марав ки зуд мемирам,
Биҷӯям ман гар аз ҳафт осмон ҷонам, намеёбам.

## ХУДОҶОН ОШИҚАТ СОЗАД

Ба ҳоли ман ту механдӣ,
Ба умри хеш хурсандӣ.

Худоҷон ошиқат созад,
Ки бар ёре ту дил бандӣ.
Ки огаҳ аз ғаму оҳи дилам гардӣ,
Ба ёд орӣ ту то аз лаҳзаи умри фараҳмандӣ.

Ба ҳоли ман ту механдӣ,
Намедонам чӣ шуд бар ман.
На дар ғам, не ба шодӣ дида метонам туро охир,
Ки дорам дӯст дар дунёи ишқам
беш аз ҷонам туро охир.
Агарчи дур рафтам, ёри ҷон, аз ёдҳои хеш,
Маро аз гӯшаи хотир ту боре ҷустуҷӯям кун.
Нагардам то хазон барвақт дар фасли баҳори хеш,
Нигоҳи обдори хешро ту боз сӯям кун.

Ба ҳоли ман ту механдӣ,
Ба умри хеш хурсандӣ.

## БОДИ ҶУДОӢ МЕВАЗАД

**Ҳарду**: Ин субҳ сӯи хонаам
Боди ҷудоӣ мевазад
Танҳо маро дигар намон,
Ки марг бар ман мерасад.

**Бача**: Дар осмони бахти мо
Наҷме наметобад дигар.

**Духтар:** Фардо навозишҳои ман
Қалбат намеёбад дигар.

**Ҳарду**: Ин субҳ сӯи хонаам
Боди ҷудоӣ мевазад
Танҳо маро дигар намон,
Ки марг бар ман мерасад.

Субҳи сафои зиндагӣ
Бар мо чу рӯ бикшодааст,
Дар ишқ омезам, ки Ҳақ
Дилро ба дил раҳ додааст.

## ДУРӮҒАМ ГӮ...

Дурӯғам гӯ, ки то ман дил канам аз ту,
Дурӯғам гӯ, ки ин ҷону танам аз ту.
Дили беишкрову ҷисми беҷонро намехоҳам,
Намехоҳам, намехоҳам.

Дурӯғам гӯ,
Ба ҷуз ман боз ёри дигаре дорӣ,
Варо ҳам ғарқ дар коми фиреби хеш месозӣ.
Бигӯ то кай ба фанду лӯълабозиҳои бемаврид
Ба дунёи дили худ ёри ҷонам ишқ мебозӣ?!
Дурӯғам гӯ, ки ин сон зиндагӣ кардан намехоҳам,
Гули номеҳрубонӣ то нарӯяд бар сари роҳам.

Дурӯғам гӯ,
Ба ҳар вақте ки хоҳӣ мечашӣ шаҳди ҷудоиро,
Ба танҳоӣ кашӣ ранҷу азоби бевафоиро.
Дурӯғам гӯ, дурӯғи ту зи садҳо рост ширин аст,
Дурӯғам гӯ, хаёли ту ба сӯи ёри дерин аст.
Дурӯғам гӯ, ки рӯ бар манзили ту ман намеорам,
Дурӯғам гӯ, чу ҷонам гар туро ман дӯст медорам.
Дурӯғам гӯ.
Ки охир хуб донам, ҳар дурӯғат рост мебошад.
Ба ҳар ҷое ки бошӣ, дар амон бошӣ,
Амонатхоҳиям аз даргаҳат дархост мебошад.
Дурӯғам гӯ дурӯғи ту бароям рост мебошад.

## ИМШАБ, КИ ТУ МЕҲМОНИ ДИЛИ МОӢ

Имшаб, ки ту меҳмони дили моӣ,
Ширин ба дилу дидаи мо ҷоӣ,
Аз роҳи муҳаббат гузарад бо ту
Умри мани дилдода ба раҳпоӣ.

Аз ишқ бигӯ таронаҳо бар ман,
Бе сӯзиши ишқ баски ман хомам.
Ман маст бе шароб зи рӯи ту,
Лаъли лаби ту ҳаст лаби ҷомам.

Имшаб, ки ту меҳмони дили моӣ,
Ширин ба дилу дидаи мо ҷоӣ,
Аз роҳи муҳаббат гузарад бо ту
Умри мани дилдода ба раҳпоӣ.

Фардо, ки саҳар боз равӣ аз ман,
То омаданат роҳи туро поям.
Як лаҳза нафас намекашам бе ту,
Дар кунҷи дили хеш бидеҳ ҷоям.

## ҒАМХОРИ ДИЛАМ ШАВ

Ғамхори дилам шав, ки замоне ба худ оям,
Аз васл хабар нест, зи рӯи ту ҷудоям.
Аз ишқ нанолам, ки ба даргоҳи худоям,
То хори ҷудоӣ кашам аз бахт зи поям.

Ҳайрони дили зору нигоҳи ту манам, ман,
Дилбастаи гесӯи сиёҳи ту манам, ман.
Аз гулшани ишқи дилам озода гузар кун,
Пазмони руху дида ба роҳи ту манам, ман.

Ғамхори дилам шав, ки замоне ба худ оям,
Аз васл хабар нест, зи рӯи ту ҷудоям.
Аз ишқ нанолам, ки ба даргоҳи худоям,
То хори ҷудоӣ кашам аз бахт зи поям.

Аз меҳр нигоҳе ту ба мо ҳеҷ надорӣ,
Аз ман ки равӣ, нест маро ҷуз ғами ёрӣ,
Фардо, ки зи ишқи ту насибе натавон бурд,
Ин ҷони зи тан рафта фусурд аз ғами зорӣ.

## ТУ НАБОШӢ, БА ХУДО, НОДОРАМ

Дар дилам ишқи ту ҳаст, эй ёрам,
Ҳар қадар аз ту расад озорам.
Ганҷи дунё кафи дастам дорад,
Ту набошӣ, ба Худо, нодорам.

Аз манӣ, бӯсаи лабҳо аз ман,
Аз манӣ, нозу тарабҳо аз ман.
Ба хаёли ту шабам рӯз кунам,
Аз манӣ, қиссаи шабҳо аз ман.

Дар дилам ишқи ту ҳаст, эй ёрам,
Ҳар қадар аз ту расад озорам.
Ганҷи дунё кафи дастам дорам,
Ту набошӣ, ба Худо, нодорам.

Бе ту дунёи дилам дунё нест,
Бе ту дарёи дилам дарё нест.
Дар дили хеш туро ҷо додам,
Ҳеҷ кас ғайри ту дар дил ҷо нест.

Дар дилам ишқи ту ҳаст, эй ёрам,
Ҳар қадар аз ту расад озорам.
Ганҷи дунё кафи дастам дорам,
Ту набошӣ, ба Худо, нодорам.

## МУРОДИ ВАСЛ

Рӯмолаки гулдӯзӣ чӣ зебанда ба ту,
Як ханда бикун, ки зебад ин ханда ба ту,
Ангушта ба лаб газӣ касеро бинӣ,
Ҳоло ту надонӣ, ки ман арзанда ба ту.

Аз саргаҳи Ёл гул биёрам бари ту,
Ман ошиқи ту, куҷо бувад бовари ту.
Эй кош, ки дар кишвари бахтат ёбӣ,
Ман бошаму ҳамқисматию ёвари ту.

Ҳар гаҳ, ки фитад ба деҳи Боло гузарат,
Эй кош расад ба ҷониби мо назарат.
Як умр муроди васл дорам дар дил,
Бошад, ки шабе маро бубинӣ ба барат.

## ДИЛАМ ХОҲАД, КИ НАЗДАМ ҲАР ДАМ ОӢ

Дилам хоҳад, ки наздам ҳар дам оӣ,
Надонистам туро, охир, куҷоӣ,
Магир асло гули номеҳрубонӣ,
Нахоҳам аз ту расми бевафоӣ.

Чӣ созам бе ту дунёро, чӣ созам?
Ба кӣ гӯям ман аз андӯҳу розам?
Надорад хоб ғам асло ба берун,
Ба сози дил ғаму дардат навозам.

Ба дунёи дилам маъво ту дорӣ,
Дили пуршӯру пурсавдо ту дорӣ.
Нахоҳам зиндагонӣ бе ту, эй ёр,
Чӣ расме, зиндагӣ бе мо ту дорӣ?!

## МАРО АЗ ТУ ҶУДОИВУ ТУРО АЗ МАН РАҲОӢ НЕСТ

Ҳаёти хешро дар зиндагонӣ бо ту мебинам,
Гули уммедро аз гулшани рӯи ту мечинам.
Зи танҳоӣ раҳониям, ки бе ту зору ғамгинам,
Дилам хоҳад, ки умре бо ту бошам, ёри деринам.

Маро аз ту ҷудоиву туро аз ман раҳоӣ нест,
Ба роҳи ишқи мову ту нишони бевафоӣ нест.

Кунам васфи худоро, баски зебоӣ туро додаст,
Сано он модареро, ки бар ин дунё туро зодаст.
Ба қадри умри ширину ҷавониҳо бирас, эй ёр,
Ҳаёти дар сипанҷи мо чу хас дар панҷаи бод аст.

Маро аз ту ҷудоиву туро аз ман раҳоӣ нест,
Ба роҳи ишқи мову ту нишони бевафоӣ нест.

## АЗ ТУ БУДАМ

Аз ту будам, зи раҳи ишқи дилам бигзаштӣ,
Кош ғамхори ману ёри дилам мегаштӣ.
Аз ту будам, аз ту будам.
Аз ту будам.

Чӣ кунам дар бари ман ёри дилозорам нест,
Қисматам талх, ки он давлати бедорам нест.
Шаби ҳиҷрону фақат ёди ту андар дили ман,
Ҳама хушбахту маро бо дигаре корам нест.

Аз ту будам, зи раҳи ишқи дилам бигзаштӣ,
Кош ғамхори ману ёри дилам мегаштӣ.
Аз ту будам, аз ту будам.
Аз ту будам.

Ба Худо аз ҳама, эй ёр, ту зебо ҳастӣ,
Дили моро ту маёзор, ки аз мо ҳастӣ.
Зи ғами ишқи дили ман, ки надорӣ ту хабар,
Ғофил аз ишқи дили Содиқи шайдо ҳастӣ.
Аз ту будам, аз ту будам.
Аз ту будам.

## НАМЕНОЛАМ ЗИ ДАРДИ БЕВАФОӢ

Наменолам зи дарди бевафоӣ,
Куҷоӣ?
Ба дӯшам мекашам бори ҷудоӣ,
Куҷоӣ?
Ту аз ман дуриву ман аз ту дурам,
Худоё,
Мани бемор меҷӯям давое,
Куҷоӣ?
Бе ту ба дунё бар худ наоям,
Васли ту созад аз ғам раҳоям.

Чӣ созам бо дили танҳо чӣ созам?
Чӣ созам?
Ба кӣ ифшо кунам андӯҳу розам?
Чӣ созам?
Аз ин дунёи пурфанду фиребо,
Оҳ, чӣ гирам?
Ба роҳи ишқи ту ҷонро бибозам.
Оҳ, чӣ созам?
Бе ту ба дунё бар худ наоям,
Васли ту созад аз ғам раҳоям.

Агар дарди дилам бахшам бароят,
Оҳ, чӣ дардӣ?
Надорӣ тоқати дардам, надорӣ.
Оҳ, чӣ сардӣ?
Ба қадрам мерасӣ он рӯз дер аст,
Оҳ, Худоё,
Ба пеши пои ман афтӣ ба зорӣ.
Оҳ, чӣ кардӣ?
Бе ту ба дунё бар худ наоям,
Васли ту созад аз ғам раҳоям.

## ДИЛ КАНАМ АЗ ЁР,
## ҶОН АЗ ТАН БАРОЯД

Қасди биншастан надорад ёр бо ман,
Тоқати дар кӯи ғам биншастанам нест,
Чун равам з-ин шаҳр бар як шаҳри дигар,
Қудрати аз ёри худ дил канданам нест,

Дил канам аз ёр, ҷон аз тан бараояд,
Чун қатора аз раҳи оҳан барояд.

Дод аз каф хешро аз худписандӣ,
Худ намудам ҷо варо бар дидагонам.
Хостам гӯям пушаймон мешавӣ ту,
Наздаш оям, боз мегирад забонам.

Дил канам аз ёр, ҷон аз тан барояд,
Чун қатора аз раҳи оҳан барояд.

Дардманди ишқаму аз ман хабар гир,
Бин ба чашми хештан беҳолиямро.
Як ҷигархунам, маро ту дар ҷигар гир
Пур кун аз лаззат сабӯи холиямро.

Дил канам аз ёр, ҷон аз тан барояд,
Чун қатора аз раҳи оҳан барояд.

## ФАҚАТ ЯК ХАНДААТ БАС БУД БАРОЯМ

Сухан бисёр гуфтам аз вафоям,
Ки ман дар зиндагонӣ худнамоям.
Дар ин даҳрӯза роҳи зиндагонӣ
Фақат як хандаат бас буд бароям.

Ба кӯи дигаре рафтӣ, дареғо,
Наметонам ба назди ту биёям,
Дар ин дунё, ки сар то по фиреб аст,
Фақат як хандаат бас буд бароям.

Туро мехостам ман аз худоям,
Вале қисмат намуд аз ту ҷудоям,
Дилам осоишаш аз ту талаб дошт,
Фақат як хандаат бас буд бароям.

## АЗ ҚАФОИ ЗИНДАГОНӢ МЕДАВӢ ТО КАНДАНИ ҶОН

«Ризқи мо дар шохи оҳӯ, оҳӯ бошад дар биёбон»,
Аз қафои зиндагонӣ медавӣ то кандани ҷон.

Зиндагӣ пурсӣ зи ман чист?
Арсаи бенақшбозист.
Муфлисе аз дард нолад,
Розӣ аз ин зиндагӣ кист?
Дардманде зори ёрист,
Бодаҳои дида холист.

«Ризқи мо дар шохи оҳӯ, оҳӯ бошад дар биёбон»,
Аз қафои зиндагонӣ медавӣ то кандани ҷон.

Он яке дар фикри ҷон аст,
Дигаре дар фикри нон аст.
Ин яке дар рӯи тахт аст,
Қутти ӯ аз мурғи бахт аст.
Дигаре дар рӯзи сахт аст,
Рангзарду лахт-лахт аст,
Ин яке бардида маст аст,
Дигаре андар шикаст аст.

Боми кӯи рӯзгораш
Аз ҳама чӣ дида паст аст.

Зиндагӣ дар ин миён аст,
Зиндагӣ дар ин миён аст.
Зиндагӣ реги равон аст,
Роҳи пурпечаш аён аст.
Рӯ ба беҳбудӣ наёрем,
Зиндагӣ кардан гарон аст.

«Ризқи мо дар шохи оҳӯ, оҳӯ бошад дар биёбон»,
Аз қафои зиндагонӣ медавӣ то кандани ҷон.



# МАСНАВИҲО

## ЗИНДАГӢ МЕБУД ДОМАНГИРИ МАРГ

Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард,
Гавҳаре дошт вале назри Қубоду Ҷам кард.
Яъне аз хӯи ғуломӣ зи сагон хортар аст,
Ман надидам, ки саге пеши саге сар хам кард.

М. Иқбол

Домани дунё ба чашмам танг нест,
Тори умри даҳр беоҳанг нест.
Хоки умрамро ба элак бехтам,
Оби чашми худ ба новак рехтам.
Хоки дастамро агар зар мекунам,
Бар қиёми хеш бовар мекунам.
То даме дорад рамақ ҷон дар танам,
Дил қавӣ дорам, ки мисли оҳанам.
Дар дили мардум навои най шудам,
Марди хокӣ монда нақши пай шудам.
Нест лозим хоксории зиёд,
Хоки по мемонад андар ҳукми бод.
Раҳбалад дар зиндагонӣ дида шуд,
Даҳри бебунёд ҳам санҷида шуд.
Офтобам парчами олам гирифт,
Одамӣ бар синаи худ ғам гирифт.
Чашми дунё бо баландиву хамист,
Ноқисӣ хилватнишини одамист.
Сели мулки бебарорӣ шуд қарор,
Чашми одам монд аз хешу табор.

Садди роҳи ман, ки обу оташ аст,
Дар насиби ман саманди саркаш аст.
Тори дил бо чӯби шӯлаш[1] мезанам,
Хешро дар коми оташ мезанам.
Хонаи ҳастӣ, ки пайванди фаност,
Дидаи бемор мӯҳтоҷи давост!
Раҳм гум гардад мисоли нақши по,
Хеш бояд дод рӯи дида ҷо.
Мо нишони новаки оҳи худем,
Қавми раҳгумзодаи роҳи худем.
Саъй ҷавлон мекунад бар азми мо,
Ғайр одат мекунад бар разми мо.
Ғунчасон лаб гарчи во кардам, нашуд,
Хешро бар дида ҷо кардам, нашуд.
Дур мемонад ҷаҳони эътибор,
Зулм домангири марди хоксор.
Даҳри бебунёдро пешу пасам,
Мисли соҳил обро доманкашам.
Дар талоши зиндагӣ мо роҳибем,
Дар нигоҳи дида акси ҷолибем.
Хонаам дар пастиву номи баланд,
Зиндагӣ дар ҳалқаи дунёи фанд.
Иддае бар фанд мемонад асос,
Баъд аз ин аз хештан дорам ҳарос.

[1] Шӯлаш–дарахтест чӯбаш тоб хӯрда мешавад, аз он химча бурида дарза мебананд, инчунин аз хадраҳои он сабад мебофанд.

Ки дигаргунам нашуд дунёи ман,
Аз Азал чун буд магар фардои ман?!
Нола раҳгум зад чу дар коми нафас,
Ҷои холӣ нест дар кунҷи қафас.
Ҳукми мо роҳатрасони худ нашуд,
Дарди мо дарди замони худ нашуд.
Хомсӯз оташ шуда дуди талаб,
Қуфли хомӯшӣ натонам зад ба лаб.
Мисли дарёе талотум мекунам,
Тарсам аз сел аст раҳ гум мекунам.
Зиндагӣ мебуд домангири марг,
Навдае аз худ намерезонд барг.

## РУҶӮИ ЗАМИН – МОДАР БАР ДАРГОҲИ ХУДОВАНДИ МУТТАОЛ

Замин аз дасти фарзандони хеш ба фарёд аст ва аз назари Худованди муттаол шарм медорад. Дар ин ҷо замин изҳор менамояд, ки аз дасти фарзандони қотил ба хун оғӯшта гаштааст. Аз инсоне менолад, ки барои манфиату ҷоҳу ҷалоли хеш ба куштор даст зада, заррае дар дил меҳр надорад ва боре ҳам аз худ суол намекунад, ки месазад барои яклаҳзаина умр ин қадар дилсиёҳиву кашмакашҳо кард? Аз дасти чунин фарзандон хоки дили Замин ғамноку дарднок аст. Тоқаташ тоқу сабр аз дилаш рафта ба Ҳақтаоллоҳ арза медорад, ки оқибаташро ба хайр биёрад ва дар дили инсон бештар раҳму шафқат, меҳру муҳаббату дӯстиро нисбат ба якдигар ато намояд.

Эй Худо, бикшо дари хайру сахот,
Ман, ки меҷӯям зи ту роҳи наҷот.
Саркашӣ кардам , надодам мушти хок,
То ки бо худ бошаму дар хеш пок.
Кардаӣ аз мушти хокам подшоҳ,
Созбуни умри ӯ дар нимароҳ.
Сархамиҳоям зи дасти одам аст,
Ғарқи хун кардаст ҷонам, беғам аст.

Дидаӣ вақти аҷал ҳайҳоти ӯ
Бар кӣ нисбат донӣ хулқи зоти ӯ.
Ӯ нагӯяд, ки равам з-ин анҷуман,
Дар насибам ҳаст ё не «як кафан».
Карда тар қалби маро бо хуни хеш,
Мисли каждум мезанад бар хеш неш.
Дасти аблаҳ мерасад дар кори дун,
Ақли одам хира шуд бе раҳнамун.
Оҷизам андар сифотат, эй Худо,
Одамӣ худро бигирад бенаво.
Бо ҷафои даҳр бошад созгор,
Айби худ бар дӯши ман орад ба бор.
Баъди маргаш хуб донад зиндадор,
Дар дили ман хеш гирад дар канор.
Ҷои ҳар як банда охир зери хок,
Ӯ зи айби худ надорад ҳеҷ бок.

## ТАЪКИД:

(Ишора бар он аст, ки хирс нисбат ба дӯсташ Одам меҳру муҳаббат, ишқ дошт, аммо ақл, ки надошт, одамро ба вартаи марг, ҳалокат бурд).

Иддае ҳам имрӯз дар дил ишқ доранд ва танҳо ба меҳр нигоҳ карда, аммо хирадро намебинанд, ки оқибатҳои нохуб дорад.

## ҲИКОЯТ

Хирсаке бинмуд сайёде калон,
Ҳамраҳи ӯ буд фориғ аз ҷаҳон.
Байнашон меруст нахли шафқате,
Дӯстишон то биёбад зиннате.
Хирс ҳар дам буд ӯро ёвараш,
Беш з-одам буд бар ӯ боварaш,
Хоб одам рафт андар нимарӯз.
Шамъи умраш бармаҳал монд аз фурӯз.
Масти хобу хирс болои сараш,
Буд хушдил ҳаст ӯ дармонгараш.
Давр мезад пашшаҳо гирди сараш,
Пашшаҳоро пеш кардӣ ёвараш.
Ишқ дар дил дошт, аммо ақл не,
Дӯст бо бадзот кори саҳл не.

Хост ронад пашшаҳо аз рӯи дӯст,
То шавад дар зиндагӣ дилҷӯи дӯст.
Пашша ронам гуфта, санге зад бар ӯ,
Дар баромад рӯҳ зи тан шуд з-андар ӯ.
Ҷӯи хун ҷорӣ бишуд аз рӯи ӯ,
Н-омад овозе дигар аз сӯи ӯ.
Ибтидову интиҳои шӯрбахт,
Рӯҳи ӯ дар як дам аз тан баст рахт.
Хирс з-ин аҳвол буд андар шигифт,
Боми ақлашро хирад мекард шифт.
Ҷурм он бошад, ки марги хеш дид,
Хизмати хирсона з-он дам шуд падид,
Аз азал, эй дӯст, дорад зинда ёд:
Ақл раҳ пӯяд ба мулки эътиқод.

## ТАЪКИД:

Донишманди илми табииёт (физика), барандаи ҷоизаи Нобел (Алберт Эйнштейн мегӯяд: «Илм бидуни диёнат ланг аст ва диёнат бидуни илм кӯр».

«Ҳар оина офаридани осмонҳо ва замин бузург-тар аст аз офаридани одамиён, валекин аксари мардумон намедонанд». (Сураи Ғофирун, 57).

**Нидои рӯҳи Эйнштейн бар инсонҳои рӯи замин**

## ҶАНГРО БАР МО КАСЕ ФАРМУДА НЕСТ

Вой бар ин меҳнати бешу камам,
Қотили дунё ба чашми Оламам.
Ҷумла олам рӯсиёҳам мекунад,
Бе Худову бе паноҳам мекунад.
Нақши инсоф нест гум андар раҳам,
Аз нигоҳи даҳр бар умқи чаҳам.
Ихтироъ кардам бари беҳбуди ту,
Пешкори олами мавҷуди ту.
Хуб гардад рӯзгори одамӣ,
Хеш бинад дар ҷаҳони беғамӣ.
То зи аввал дида инсонтар шавад,
Хешро ҳамқисмату ёвар шавад.

Даст бурд аммо бари нобуди худ,
Нест дорад олами мавҷуди худ.
Иддае дар ғам тару бе бому дар,
Нахли зулмат сабз дар хоки башар.
Дида мепӯшам, ки хун аз дида рехт,
Обрӯи буда носанҷида рехт.
Ҷангро бар мо касе фармуда нест,
Ин ҷаҳон аз дасти мо осуда нест.
Дод мегӯянд аз ман «Зарраҳо»,
Вонамудимон чаро бар дидаҳо.
Ки кунад инсон барои қатли хеш,
Ҳар куҷо хоҳад ба дил моро пареш.
Хештанро байни оташ мезанем,
Рӯзгоре дар кашокаш мезанем.
Пешрафти хешро нодида мо,
Пешбурди хешро коҳида мо.
Даҳр тоқат мекунад бар ҷабри мо,
Осмон нодида гирад абри мо.
Хештан ғамдида мегирем мо,
З-арсаи ҳақ дур мемирем мо…
Рӯзи равшан, ки бароям шуд сияҳ,
Рӯҳи ман гӯяд: куҷо орам панаҳ?!

## ҲИКОЯТ

*(Аз Расули Худо)*

Ташнагӣ ғолиб шуда бар марди роҳ,
Дид аз раҳ дуртар ӯ канда чоҳ.
Об ошомиду з-он чаҳ шуд бурун,
Дид як саг ташналаб хору забун.
Беҳ аз он к-аз ташнагӣ гардад ҳалок,
Бо забонаш саг ҳамелесид хок.
Гуфт марди раҳ: чу ман саг ташна аст,
Хуб мебуд гар варо гирам ба даст.
Об чун саг нӯшад аз чоҳи чуқур?
Чор поясту бувад з-ин кор дур.
Коса ё ки кӯзае дар даст нест,
Об берун ор, ҷойи раст нест.
Аз барои об додан чора ҷуст,
Ақл кард андешаи афкор пӯст.
Мӯзаи худро зи чаҳ пур карда об,
Сер кардӣ з-об саг, баҳри савоб.
З-ин амал Аллоҳ варо подош дод,
Дар мақоми ал-муқарриб ҷо-ш дод.

# НИДО БАР ҲАЙКАЛТАРОШ

(Тоифае ҳаст, ки мехоҳанд санъатро нест созанд, зеро ба гуфти эшон ба санъат сару кор гирифтан гуноҳ аст. Ин тоифа бехабар аз онанд, ки дар зиндагӣ ба пеш ҳаракат кардан мебояд. Аммо ба ақидаи архаистии хеш риштаи тараққиёти дунёро ба қафо мехоҳанд бикашанд. Аҷаб дорам, ки ин ҳама пешравиҳо илми Худованд аст, ки бар бандагонаш арзонӣ доштааст. Аммо ҳайрон аз онам, ки ин ҳамаро нодида гирифтан ва аблаҳона рафтор карданашон чӣ маънӣ дошта бошад?!

Чун тарошӣ баъди маргам ҳайкалам,
Дар ниҳоди санг бидҳӣ сайқалам.
Ҳайкале, ки безабону бенавост,
Дар нигоҳи чеҳраам сози вафост.
Шод гардӣ аз қудуми ранҷаат,
Резад ар ганҷи ҳунар аз панҷаат.
Ҷоҳилон дар кори бад доранд даст,
Аз нигоҳи шон ту бошӣ бутпараст.

Бар саманди ҳукм гардида савор,
Ҳарчӣ месозанд аз номи диёр.
Ҳам ба ҷисму рӯҳи ту гиранд кор,
Айб дар рафтори ту созанд бор.
Зуд бо айби ҳунар борат кунанд,
Беимонат хонда бар дорат кунанд.
Сохта рӯҳат ҷудо аз ҷисми ту,
Аз куҷо пурсанд ибни исми ту.
Тарс мебояд аз ин сон ҷаҳли дӯст,
Медаранд аз тан туро чун ваҳш пӯст.

**«Маърифати Ғарб аз чашмаи Шарқ об менӯшад»**

## МАЪРИФАТ АЗ ҶАҲЛ ОЗОДАТ КУНАД

Маърифат аз ҷаҳл озодат кунад,
Сарбаланду хонаободат кунад.
Маърифат рӯҳ аст охир бар танам,
Ки ба разми зиндагӣ шуд ҷавшанам.
Маърифат эъҷози афкори улум,
Маърифат бар худ тавонистан ҳуҷум.
Маърифат охир дарорад дар низом
Рӯзгори оқилу қавми авом.
Мекунад тавлид дунёи маро,
Бахшадам озод фардои маро.
Маърифат аз «зод»-и мо гар зодааст,
Дар пахоли умр алав сар додааст.
То куҷо донем помонии худ,
То куҷо хомию нодонии худ.
То дарорем ақлро доим ба кор,
То нагардем назди мардум шармсор.
Маърифат нурест дар арзи вуҷуд,
Ки ҳаме занги дили моро зудуд.
Маърифат бахшад ба дилҳо равшанӣ,
Хони фаҳми даҳр месозад ғанӣ.

Маърифат парвоз бар сайёраҳо,
Маърифат дар қисмати тайёраҳо.
Маърифат тавлидсози қонун аст,
Маърифат дар мову дашту ҳомун аст.
Маърифат аз хок кӯе сохтан,
Маърифат бар хок ҷисмат бохтан.
Мерасад бар рутбаи олимақом,
Ҳар касе з-ин шаҳди дониш бурда ком.
Маърифат рушду нумӯи одамӣ,
Худ барорад то зи дунёи камӣ.
Маърифат тавлидсози ному нанг,
Оварад аз шеди дониш ақл ранг.
Маърифат дорад ба дунё сарварӣ,
Аз нигоҳи одаму одамгарӣ.
Омад оёти Худоям бо Расул,
Маърифат ҷузъу дар ӯ бин ҷумла кул.
Маърифат илми Худованди ман аст,
Дидаи ақли пасованди ман аст.

## ҲИКОЯТ

Марди дунёдидаву соҳибкалом,
Бо накӯиву саховат бурда ном.
Панҷ фарзанде будаш бас рӯҳбаланд,
Кору бораш буд бар мардум писанд.
Рӯи ҷогаҳ монду гашта синареш,
Хонд фарзандони худро назди хеш.
Ӯ накард умри суханро бас дароз,
Хостӣ дар зиндагӣ бошанд соз.
Сахт ин ҷорӯб бо ҳам баста ман,
Хоҳишам бинам ҷудо аз даста ман.
Дасти худро бурд фарзанди калон,
Дар шикастан монд зору нотавон.
Чашм во бинмуд ӯ аз диди хеш,
Бар абас ҳар як ҳамезад зӯри беш.
Аз ҳама фарзандҳо фарзанди хурд,
Бишканад ҷорӯб то ки, даст бурд.
Банди ҷорӯб аввалан аз ҳам кушод,
Навдаҳо якто ба як бишкаста дод.
Офарин гуфто падар бар кори ӯ,
Бахт дар он лаҳза гашта ёри ӯ.
Қувваташ аз боҳамӣ чун сахт буд,
Иттиҳоди қувва аз даст рафт зуд.
Боварӣ кардед он чӣ дида дид,
Роҳи дигар нест, бошед муттаҳид.
Бигсалад аз ҳам чу банди иттиҳод,
Шоҳ бидҳад тоҷу тахти худ ба бод.

## ХАР БИАФТОНАД
## ЗИ ПУШТАШ БОРИ СУСТ

Қиблаҷӯйӣ ҳаст ҳақҷӯёшавӣ,
Хуб не умре ба роҳи каҷ равӣ.
Аз руунат[1] нақши пои меҳр гум,
То ба кай аз лой месозӣ ту хум.
Зиндагӣ парвоз мехоҳад зи мо,
Баъди буд оғоз мехоҳад зи мо.
Аз дари найранг ворид мешавем,
Боз бар даргоҳи эзид мешавем.
Рӯсиёҳӣ карда бас бо рӯзгор,
Дар замини корами мо беш хор.
Ақл кардӣ раҳбарӣ дар кори мо,
Дар гулистон гул ҳамешуд хори мо.
Ними дунё қап зада, гуфтем кам,
Ғофил аз ҷабру ҷафои зеру бам.
Ақл кардӣ раҳбарӣ дар кори мо,
Чашми ҳайрат во шуд аз рафтори мо.
Бо тамаъ пайки нигоҳам раҳ гирифт,
Чашми дун аз ҳиллаи ман дар шигифт.
Пои хешон канда шуд аз кӯи мо,
Хуни бенангӣ давид аз рӯи мо.
Пойдориҳои пушт аз қавм ҷуст,
Хар биафтонад зи пушташ бори суст.

---

[1]Руунат–беақлӣ.

## ЗИНДАГӢ ЧУН ҒӮЛАКУ МО САНГИ Ӯ

Зиндагӣ чун ғӯлаку мо санги ӯ,
Зиндагӣ обу вале мо ранги ӯ.
Зиндагӣ бо хеш даровехтан,
Хештан дар элаки ғам бехтан.
Одамиро карда андар ҳила гум,
Дар биёбон ташналаб безори қум.
Пои муфлис саг газад тори шутур,
Бахт рӯ метобад аз рӯи футур![1]
Зиндагӣ марди банангат мекунад,
Мисли мум астиву сангат мекунад.
Даст гаҳ бидҳем мо бар бадниҳод,
Риштаҳои сулҳ то аз ҳам кушод.
Зиндагӣ озоду мо дар доми ӯ,
Дона ӯ, моем мағзи хоми ӯ.
Зиндагӣ ширину бунёдаш ғам аст,
Қаҳ-қаҳаш дар байн охир мотам аст.
Зиндагӣ гармӣ ҳамебахшад ба дил,
В-арна одам пакашолак рӯи қил.
Зиндагӣ ишқ асту ишқи олам аст,
Дар замири ӯ ниҳоди одам аст.
Зиндагӣ бо меҳр кун, ёдат кунанд,
В-арна не, чун гард бар бодат кунанд…

[1] Футур–шахсе, ки рӯзгори паст дорад, камбағал, эҳтиёҷманд.

**Руҷӯи муаллиф**

## ФИКРИ ФАРДОИ ВАТАН ДОРАМ БА ДИЛ

Акси дунёи ҳақиқат дар китоб,
Сол бепарвост з-умри дар шитоб.
Зулм дар дунёи умри коргар,
Зиндагиро шуд фиребаш бештар.
Атши ноҳақ шӯъла зад, хомӯш ист,
Нанги мардӣ мурдаву як зинда нест.
Аз Азал мардум баробар, ки набуд,
Дар талоши зиндагӣ ҷон мерабуд.
Пеши инсофаш набудаш боварӣ,
То ба мурдан хеш дорад доварӣ.
Шеди сӯзон оби ҷӯро кард бӯғ,
Музди ночизе ба чизе шуд дурӯғ.
Пой худро мекашонад бар нишеб,
Рӯзгори мо ба гирдоби фиреб,
Зиндагӣ гӯшаш қапида дар гурез.
Мешитобам аз қафояш бо ситез.
Мардумам гӯяд забон бе устухон,
Аз ҳақиқат лаҳн мегирад забон.
Рою рафтори дили ман дигар аст,
Зиндагӣ як саҳнаи бозингар аст.
Нанг мебояд, ки дар дил доштан,
Сангро аз меҳр нарм ангоштан.

Нанг дорад домани шарму ҳаё,
Нанг дар созиш ба фармони қазо.
Фикри фардо мешавад бо роҳи нанг,
Мардуми мо пухт нонаш рӯи санг.
Мо ҳама дар фикри ҳукму сарварӣ,
Қомати девори давлат дар тарӣ.
Бар дари уммед н-ояд то шараф,
Рӯзгори хуб монад бетараф.
Ин яке гуфтаст бо хуни ҷигар,
Ки ту аз он мазҳабӣ ман аз дигар.
Чӣ ҳанафиву шафеӣ, ҳанбалӣ
Дар нигоҳи даҳр аз як ҷангалӣ,
Ё ваҳҳобӣ ё ки суннимазҳабӣ,
Дар самои нур аз як кавкабӣ.
Дарди ман дарду давои миллат аст,
Хешсӯзиҳо-м баҳри миллат аст.
Ҷонфидоеро зи ҷонаш бок нест,
Мурдаро, ки ҷош рӯи хок нест.
Эй Худо, рӯзе бигардам мӯҳташам.
То сари боло набинам ҳеҷ хам.
Деги фаҳми мо ба атши занҷабил.
Фикри фардои Ватан дорам ба дил.


РУБОИЁТ
(Гуфтугӯ бо рӯҳи Хайём)

Хайём, маро кушоиши кор бидеҳ,
Хушбӯй гиёҳе чу гули хор бидеҳ,
То раҳ ба дили шеъру сухан дарёбам,
Дар роҳи сухан марҳамату ор бидеҳ.

Аз Содиқи мо пайк ба Хайём баред,
Бар марди сафоҷӯву накӯном баред.
То пухта намояд майи хоми дили мо,
Аз хумми дилам ба ӯ майи хом баред.

Бо рӯҳу равони ту сару кор мааст,
Аз панҷаи ин алав сари хор мароост,
Бо неку бади ҷаҳон надорам коре,
Бо дарду ғами хеш фақат кор мароост.

Ин умр бувад каму ғамаш афзун аст,
Аз рафтани ҳар ҷавон дили мо хун аст.
Он рӯз, ки кӯи хамушон ҷоям шуд,
Аз хок бипурсед, ки ҳолам чун аст?!

Бо бехирадон, ки майпарастӣ накунам,
Дар роҳи дили хеш аластӣ накунам.
Эй он ки ба пастӣ биравӣ дар мастӣ,
Нӯшам зи лаби кӯзаву пастӣ накунам.

Хайём, маро фотиҳаи роҳ бидеҳ,
Зебосанамеро чу рухи моҳ бидеҳ,
Ҳукми суханам то ки ба ҷое бирасад,
Дар мулки тараб мартабаи шоҳ бидеҳ.

Паймона ба лаб бишкану бо сар машикан,
Дар маҳфили мо хотири дилбар машикан.
Бар расму русуму тинати хеш нигар,
Бутхонаи мардумони дигар машикан.

Аз оташи афрӯхтаат бишносам,
Аз хаймаи нодӯхтаат бишносам,
Хайём, туро надидаам дар умрам,
Аз бӯи дили сӯхтаат бишносам.

Ин ҷоми ба дасти ман ба дасти дили туст,
Ин ҳалқаи дасти ман ба шасти дили туст,
Имшаб, ки ба кӯи дили ман меҳмонӣ,
Ин қаҳ-қаҳи дил қаҳ-қаҳи масти дили туст.

Дар маҳфили меҳр нотифоқӣ нашавад,
Бе лоларуху чақ-чақи соқӣ нашавад,
Рӯ гарчи биёрем ба парҳезгарӣ,
Дар зиндагӣ бе шароби боқӣ нашавад.

Он рӯз мабодам, ки туро хор кунам,
Дар банди ғами даҳр гирифтор кунам.
Як умр сафар кунам, вале охири кор
Раҳтӯшаи маргро ба худ бор кунам.

Рӯзе чу маро ба хок афканда кунед,
Як лаҳза Шумо ёди мани банда кунед.
То марг нахандад ба мани бечора,
Дар чашми аҷал аз таҳи дил ханда кунед.

Ин як нафасе, ки зиндагонӣ аз мост,
Ҳам ишрату осори ҷавонӣ аз мост.
Дар як нафаси хеш биёмез мудом,
Бар дори фано чу комронӣ аз мост.

Дунё ки матояш ҳама мебофт зи ғам,
Дил баста ба рӯзгору охир мотам.
Мақсуд дар ин даҳр ғами дил хӯрдан,
Ғамҳои гузашта ҷамъ созед ба ҳам.

Бисёр махоб, оқибат хоб кунӣ,
Дар маҳфили мо қиссаи аҳбоб кунӣ.
Май нӯш, вале ту ақли худ хира макун,
К-аз хирагӣ ҷони хеш нотоб кунӣ.

Аз дори фано ту ҳеҷ ғамнок машав,
Аз ишрати дурӯза фараҳнок машав.
Ин лаҳзаи умр аз барат мегузарад,
Хуш бош, вале дар ғами афлок машав.

Сад шиква агарчи аз қазо медорӣ,
Сад ҷабр ҳамекашӣ, вафо медорӣ.
Ёрӣ ту нахоҳӣ аз касе айни шубоб,
Пирӣ ки расад, дасти асо медорӣ.

Аз бад бигурезу ҳама дам некӯ бош,
Раҳдидаву раҳнамову ҳам раҳҷӯ бош.
Бе ишқ ҷаҳон ҳеҷ надорад маънӣ,
Ҳар лаҳза ба ёди дилбари маҳрӯ бош.

Аз хоки ғамам, ки ғамгусорам ҳама умр,
Аз чашми дилам меҳр биборам ҳама умр
Бар даҳр, ки ҳафтмоҳа тавлид шудам,
Ором ба ҳеҷ ҷо надорам ҳама умр.

То субҳ чу хобӣ ту бари гулбаданат,
Шарме на зи худ дорӣ, на аз пираҳанат.
Содиқ ту ба хешу охири дунё бин,
Аз лоларухе сер нашуд нафси танат.

Паймонаи дасти дили худро шиканам,
Осори бадӣ ба зери поям фиканам,
Аз сарвати дасти кас тамаъ нест маро,
То лаҳзаи қабри дили худро биканам.

Бо тарсу ҳаросеву ниҳон май хӯрдӣ,
Бо қудрату шони худ ба ҷон май хӯрдӣ.
Аз ҷаҳли замон, ки кофират мехонанд,
Дур аз нигаҳи бебасарон май хӯрдӣ.

Дар шеъру сухан маърифати оллоҳ аст,
Ӯ шоҳи ҷаҳону аҳли ин даргоҳ аст.
Гар сояи ақли худ аён нест ба мо,
Дар ҳар қадаму роҳи диле ҳамроҳ аст.

Бар дафтари мо ашки қалам мемонад,
Аз мурдаи мо дидаи нам мемонад.
Ёрон ба сари тобути мо гиря кунед,
Баъди сари мо дарду алам мемонад.

Ғофил зи раҳи хеш, ки мо раҳгузарем,
Дурем зи ёру ҳама бе ҳамдигарем.
Сӯзан назада дард чӣ донем ба тан,
Аз ҷабри ба кас кардаи худ бехабарем.

Дар олами ҳастӣ ману ту як нафасем,
Дар панҷаи ин алов монанди хасем.
Гар дасти фитодагон нагирем, эй дӯст,
Пас гӯй, ки мо ба зиндагонӣ чӣ касем?

Аз дарду ғами ту умрҳо хорам, дӯст,
Аз хотири ишқ, ман туро дорам, дӯст,
Ҳарчанд ҷафо ту мекунӣ нисбати ман,
Ман нисбати ту ёри вафодорам, дӯст.

Эй Ёл, нишон мондаӣ аз аҷдодам,
Мероси гузаштагонию авлодам.
Ҳар қуллаи болои сарат мегӯяд:
Фарбеҳ будани хоки ту шуд аз одам.

Эй Ёл, бувад ёлаи ту меҳробам,
Хуб аст агар аз қиблаи хобам ёбам.
Он рӯз, ки таслим ба ҳақ созам ҷон,
Дар синаи хоки гарми ту мехобам.

Дарду ғами ин ҷаҳон, ки дар синаи мост,
Наҷме чу фитод, ёри деринаи мост.
Дар сояи бед шин, ки чӯбаш охир,
Гаҳвораи зиндагию ҳам зинаи мост.

Андоми ман аз хоки пури ғам доданд,
Шодию нишот бар дилам кам доданд.
Анҷоми ҳама кори ҷаҳон гирякунист,
З-ин рӯ, ҳамаро барои мотам зоданд.

Рафтӣ зи барам, вале туро ёд кунам,
Бо ёди ту хотири дилам шод кунам.
В-ар бод барад бӯи маро ҷониби ту,
Хоки сари кӯи дили худ бод кунам.

Чашмони чу оҳут пур аз гард шудаст,
Аз зиндагӣ оташи дилат сард шудаст.
Дар гулшани сабзи ишқ аз дурии беш
Гулҳои вафою меҳри мо зард шудаст.

То он, ки ба кунҷи дили одам дард аст,
Рӯи хаси мижжаҳош ҷои гард аст.
Ҳар кас, ки қадам баробари вақт ниҳод,
Эй дӯст, ба боварӣ бигӯ, к-ӯ мард аст.

Сад марди раҳе миёни роҳ аст, эй дӯст,
Дар зери замин фақиру шоҳ аст, эй дӯст.
То он даме одамӣ чашад шаҳди аҷал,
Пур синаи даҳр аз оҳу воҳ аст, эй дӯст.

Мо фард ҳама фарқ ба синну солем,
Дар банди аҷал чу мурғаки беболем.
Донем ҳама бирафту мо ҳам биравем,
Аз дасти аҷал боз чаро менолем?!

Дар дил ғаму ҳасрати туро дорам ман,
Чун абри баҳор ашк меборам ман.
Зардӣ ба рухи барги дарахтон бинам,
Аз барги гули рӯи ту ёд орам ман.

Имсол агар фасли баҳорон дидам,
Аз пуштаи деҳи Ёл торон чидам.
Аз мурдаи нав ба нав ҳама шуд монда,
Шарме бинамо фалак, зи ту ранҷидам.

Ҳар ҷо, ки назар кунам, ҳама ҷо ҷанг аст,
Одам ҳама як шакл, вале ҳар ранг аст.
Ҳарчанд ки домони ҷаҳон аст кушод,
Дар дидаи дунёталабонаш танг аст.

Майдони набард насиб гардон бари мо,
Бар қудрати паҳлавон бувад бовари мо.
Ҳар ду тараф аз барои ӯ як бошад,
Аз чашмаи ҳақ нӯш кунад довари мо.

# ДУБАЙТИҲО



Ба дунё гарчи марди комил астем,
Зи ҷаври зиндагонӣ ғофил астем.
Руҷӯъ дорем агар бар умқи дарё,
Вале дилмондаҳои соҳил астем.

Шумо поку ҳалолу безиноед?!
Маро бо айшу нӯши худ бимонед.
Агар хоҳед асли ман бидонед,,
Китоби зиндагиамро бихонед.

Анису ғамгусорат будам, эй гул,
Вале дур аз канорат будам, эй гул.
Қарори хешро аз худ накардам,
Ки ёри беқарорат будам, эй гул.

Бигӯ, эй ёр, мо кай бар худ оем,
Ба умри хештан аз ҳам ҷудоем,
Худои ишқ ғамгин гашта аз мо?!
Ки дар банди ғаму қаҳри худоем.

Ба ин дунё ҳама ошиқ наояд,
Табиб ояд, вале ҳозиқ наояд,
Зи чашми ман ҳамеша ту гурезон,
Ба назди ту дигар Содиқ наояд.

Ба дарёи дили ту монд шастам,
Аз ин девонагиҳои ту мастам,
Фақат ёди ту бошад дар дили ман,
Агарчанде туро додам зи дастам.

Ба ёдат то саҳар бедорам, эй гул,
Ба дил ганҷи муҳаббат дорам, эй гул.
Зи баъди дидани дарди ҷудоӣ
Ба ҳар як тори мӯят зорам, эй гул.

Аз он рӯзе ба ту дил додам, эй гул,
Зи дарду ғуссаи худ шодам, эй гул.
Дар ин дунё, ки сар то по фиреб аст,
Барои ту хаёлам зодам, эй гул.

Дари ишқи дилат во кардам, эй гул,
Туро бар дидаам ҷо кардам эй гул.
Агарчи дур рафтӣ аз бари ман,
Туро гум карда, пайдо кардам, эй гул.

Туро ман сад сухан мегӯям, эй гул,
Ба тарфи сад чаман мебӯям, эй гул,
Ба шодӣ гарчи дорӣ зиндагонӣ,
Туро аз кӯи ғам меҷӯям, эй гул.

Зи ту гар мерамидам, эй гули ман,
Ғаму дардат кашидам, эй гули ман.
Зи ҳар як пушта дидам чидани гул,
Гул аз рӯят начидам, эй гули ман.

Дили пур аз садоқат дорам, эй гул,
Ба дурии ту одат дорам, эй гул.
Туро, ки дӯст медорам чу ҷонам,
Ба ғамҳои ту тоқат дорам, эй гул.

Маро хору забун кардӣ, ту эй гул,
Ҳақиру нотавон кардӣ,ту эй гул.
Ба ёди ту накардам хоб ҳар шаб,
Ду чашмам лолагун кардӣ, ту эй гул.

Ба ишқи ту бисӯзам сахт, эй гул,
Зи дунё бе ту бандам рахт, эй гул.
Нигоҳи ман ба сад зорӣ ҳамегуфт,
Намесозӣ маро хушбахт, эй гул?

Ба ту дил додаму дилбар надорам,
Ба дунё ганҷу симу зар надорам.
Раҳи ишқат бувад роҳи дили ман,
Ба ҷуз ин раҳ раҳи дигар надорам.

Зи ишқи ту ҳанӯз андар азобам,
Туро дар ханда мебинам ба хобам.
Суханҳои диламро ёд овар,
Ҳар он вақте ки мехонӣ китобам.

Ба ёди ту накардам хоб, эй ёр,
Будам лабташна назди об, эй ёр,
Барои он ки бе ёдат набошам,
Намехӯрдам шароби ноб, эй ёр.

Бигӯ, эй кафтари дилҳо, куҷоӣ,
Бигӯ, эй давлати дунё, куҷоӣ.
Ту будӣ ахтари равшанзамирам,
Бигӯ, эй ахтари шабҳо, куҷоӣ?

Ҳама дардам, табиби ман нагаштӣ,
Ба танҳоӣ ҳабиби ман нагаштӣ,
Ғами ишқат барои ман азиз аст,
Азизи ман, насиби ман нагаштӣ.

Ба дарди одамон сӯзад дили ман,
Ба марди ин замон сӯзад дили ман.
Дар ин дунёи зӯру нотавонӣ
Ба ҳоли нотавон сӯзад дили ман.

Камоли ганҷ бошад хоксорӣ,
Нишони ранҷ бошад пойдорӣ.
Кунам ман сарҳисоби дарду ғам гум
Дар ин дунёи зори бебарорӣ.

Аз ин дунё чӣ хоҳам, худ надонам,
Ба дунёи дили фарди ҷаҳонам
Нишонамро пас аз мурдан наёбӣ,
Зи лавҳи гӯр меҷӯӣ нишонам.

Ту медонистӣ арчи хоҳиши ман,
Вале майлат набуд бар созиши ман.
Нигоҳам буд вақти дарс сӯят,
Ту будӣ хонишу ҳам дониши ман.

Агар дар зиндагонӣ рӯи дастӣ,
Машав ғофил ту аз болову пастӣ.
Ба ёдат метапад ин дил ба сина,
Аз он шодам, ки дар олам ту ҳастӣ.

Агарчи рафт сӣ соли баҳорам,
Зи ҳамсолони худ ёди ту дорам.
Ҳама якҷову танҳо мо ҷудоем,
Ба наздам о, ғам аз дил то барорам.

Ғами дунё махӯр, дунё чӣ дорад?
Ба ҷуз ғам ин дили шайдо чӣ дорад?
Аё ишқам, ҷаҳони ҷовидонӣ,
Бигӯ бар ман ҷаҳони мо чӣ дорад.

Хато кардӣ, бирафтӣ аз бари ман,
Надонистӣ чӣ омад бар сари ман.
Дар ин шабҳои зулмонӣ ту бояд
Ба кӯи ман дурахшӣ, ахтари ман.

Ҷаҳони одамӣ ғам дорад, эй дӯст,
Сари болову гаҳ хам дорад, эй дӯст.
Замин дунёи сар то по фиребо,
Гаҳе хушку гаҳе нам дорад, эй дӯст.

Ба дунё дил мабанд, он бовафо нест,
Ҳарими мулк бе шоҳу гадо нест.
Ҷафоҷӯён раванд аз олами мо,
Ҷафо дар олами Содиқ раво нест.

Ба дармон зораму дардам, куҷоӣ,
Нигори гашта дилсардам, куҷоӣ.
Ба номардӣ кунун ёрон қаринанд
Куҷоӣ душмани мардам, куҷоӣ?!

Ҳама дам дилбари раъно гирифтам,
Ҳамон ганҷ аз дили дарё гирифтам.
Намемонам ба дунё ҷовидонӣ,
Ҳама айши дил аз дунё гирифтам.

Канорат лаҳзае хуш буд бароям,
Нафас аз ишқ буд обу ҳавоям.
Ман аз ту ганҷи дунёӣ нахоҳам,
Фақат мӯҳтоҷи як меҳру вафоям.

Ба мулки ҳусн қурби бебаҳоӣ,
Ҳама тарси дилам буд аз ҷудоӣ.
Ба ҳам овардани мову ту мушкил,
Ба тарҳи дидагонам камнамоӣ.

Мани ошиқ фақат дилхоҳи ишқам,
Ба мулки ёри хушгил шоҳи ишқам.
Агар нақши дилам ҷӯед, ёрон,
Маро пайдо кунед аз роҳи ишқам.

Тамоми пухтагӣ бе ишқ хом аст,
Сароби ишқ ҷои ташнаком аст.
Ба ашъори дилам боре назар кун,
Суханҳои дили ман нотамом аст.

Ҳар он гаҳ ҳофизе хонад сурудам,
Ба гӯши ту расонад ӯ дурудам.
Агар дар синаат бошад муҳаббат,
Ту мебинӣ ҳама буду набудам.

Худои ишқ медонад суҷудам,
Ки ишқи ту фақат буд дар вуҷудам.
Зи сӯзи ишқи ту месӯхт қалбам,
Намедидӣ ба чашми ақл дудам.

Нагуфтам қиссаи ногуфта, рафтӣ,
Ба хубӣ гуфтамат, ошуфта рафтӣ,
Аз он шодам ба кӯи бахт, эй ёр,
Пайи хушбахтиат олуфта рафтӣ.

Ман аз дунё чӣ хоҳам? – худ надонам,
Бақои қисматам нодида хонам.
Бигӯ бар ман ҳамин дунё чӣ дорад?
Кашокашҳои дунё зад ба ҷонам.

Агарчанде ту марди комил астӣ,
Вале дар зиндагонӣ ғофил астӣ.
Набошӣ ҳамчу дарёи равоне,
Ба ҷо истодаӣ, чун соҳил астӣ.

Гаҳе бо мардуми фарзона шинам,
Гаҳе бо мардуми бегона шинам.
Ба он маҳфил, ки қадрамро надонанд,
Ба ҷои хеш ман шоҳона шинам.

Ба дунё қадри одам ҳеҷ гашта,
Ба назди пул сари хам ҳеҷ гашта.
Ҳама шодии дунё ҷамъ созанд,
Бари як лаҳзаи ғам ҳеҷ гашта.

Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ,
Саманди хешро аз чӣ давонӣ.
Равӣ аз мо ҳаме бо шодмонӣ,
Чаро, ки қимати умрам надонӣ?!

Дили моро накардӣ дилситонӣ,
Манам бо шеъри ту, ту бенишонӣ.
Ҷавон будӣ, надонистӣ ту қадрам,
Ба пирӣ чун расӣ, қадрам бидонӣ.

Маро ишқи ту гар хуни ҷигар кард,
Ба дунёи муҳаббат пухтатар кард.
Ҳамон вақте ки поён ёфт таҳсил,
Ҷудоӣ аз раҳи дилҳо гузар кард.

Нигоҳи меҳрборамро чӣ созам,
Дили аз ғам фигорамро чӣ созам.
Намеомад ба мо раҳми дили ӯ,
Канори бекanoрамро чӣ созам?

Зи ҳамдарсони ман сад ёд рафтаст,
Ҳам аз дунё басо ношод рафтаст.
Ҳама бо ишқи худ гаштаст якҷо,
Фақат, ки ишқи ман бар бод рафтаст.

Агарчанде ба дунё марди тезам,
Ба элак хоки ғамҳоям набезам.
Агар ёрам зи ҳоли ман бипурсад,
Маризам гар, зи ҷои худ бихезам.

Шаби моро сабо донад, надонад,
Ғами моро гадо донад, надонад,
Ҳамон ёре дилаш бар мо намесӯхт,
Дили моро худо донад, надонад.

Дилам аз рӯи ту дунё талаб дошт,
Сари пуршӯру пурсавдо талаб дошт.
Нагаштӣ аз чӣ хотир моили ман,
Ба як болин сари як ҷо талаб дошт.

Намедонам ба ишқам доғ ҳастӣ,
Ба умри хеш дур аз боғ ҳастӣ.
Манам дунболагири кафтари ишқ,
Ту аммо ҳамнишини зоғ ҳастӣ.

Дар ин рӯзе, ки ман дорам ҷавонӣ,
Ба ёри худ натонам дилфишонӣ.
Раҳи дунёи мо пур аз силоҳ аст,
Ба худ ҷӯям фақат роҳи амонӣ.

Яке аз тахти дил савдои ишқ аст,
Яке дур аз ҳама паҳнои ишқ аст.
Бигӯ, эй ёр, ин дунё чӣ дорад,
Ки ин дунё фақат дунёи ишқ аст?!

Ҷавоне, ки ба ту дил дод вақте,
Сухангӯ буд ҳам озод вақте.
Ба ҳоли Содиқи ошиқ бигирям,
Ки пеши пои ту афтод вақте.

Ба анҷомам дигар оғоз н-ояд,
Зи ҳар кӯҳу дара овоз н-ояд.
Баҳори рафта боз ояд, валекин
Ҷавониҳои рафта боз н-ояд.

Пушаймон гаштаӣ, ёрам нагаштӣ,
Давобахши дили зорам нагаштӣ.
Ба чашмони ту дидам бахти худро,
Ту чашми бахти бедорам нагаштӣ.

Дилам бар мулки ишқи ту сафар дошт,
Хаёлам аз раҳи кӯят гузар дошт.
Шикоят кардам аз ағёр наздат,
Надонистӣ дилам оҳи дигар дошт.

Ба дунёи дилам гар по намонӣ,
Барои ман ҳамониву ҳамонӣ.
Ба ёд овар ҳамехондам ба гӯшат,
Ки танҳо бо ту хоҳам зиндагонӣ.

Агар дар зиндагӣ қадрат накардам,
Ба наздам омадӣ, қадрат накардам,
Ту бе ман менамудӣ чун ҳилоле,
Аё бадри дилам, бадрат накардам.

Нагаштам ман қафо, кардӣ садо ту,
Набудӣ чун ба дунёи вафо ту.
Ту бахти хеш кардӣ зери поят,
Раҳо кардӣ маро охир раҳо ту.

Зи бӯи мушки мӯи ёр мастам,
Лаҷоми аспи ашрат асту дастам,
Фақат ёрони зебо дар насибам,
Ба дунёи дилам зебопарастам.

Душанбе, шаҳри ишқу орзӯям,
Нигоҳи меҳр дорад ҷустуҷӯям.
Забони мӯи мушки ёр гӯяд:
Фақат Содиқ бидонад атру бӯям.

Ба дил ишқи туро гарчи нуҳуфтам,
Ҳама шеъри дилам баҳри ту гуфтам,
Ба умри худ ба ёди ишқи ноком
Бигӯ Содиқ, шабе осуда хуфтам?

Ту будӣ хуб бо нури илоҳӣ,
Ҷавонӣ буд моро базми шоҳӣ.
Тавалло менамудам, лек охир,
Дили ман дур шуд аз бенигоҳӣ.

Дили ман реш-решу сина чок аст,
Баҳои зиндагонӣ зери хок аст.
Бихон асрори дилро аз китобам,
Суханҳои дилам аз ишқи пок аст.

Ба мижгон гарди ғамро руфта будем,
Суханҳои дили худ гуфта будем.
Ба роҳи зиндагӣ рафтем танҳо,
Ба гулгашти муҳаббат хуфта будем.

Аё гумкардаам, ёдат намудам,
Зи банди ғусса озодат намудам.
Ба ёди ту накардам хоб то рӯз,
Ба шаббедориям шодат намудам.

Маро як умр аз дунёи худ ҷӯ,
Зи ашки дидаи бинои худ ҷӯ.
Ҳар он чӣ буд аз ту, додӣ аз даст,
Маро аз олами рӯъёи худ ҷӯ.

Ало ишқам, ҷаҳони ман, куҷоӣ?
Аё рӯҳу равони ман, куҷоӣ?
Туро гум кардаам дар роҳи шеърам,
Ту, эй шеъри равони ман, куҷоӣ?

Ба ғам бигзашт моҳу солам, эй гул,
Намепурсад касе аз ҳолам, эй гул.
Ба дунёи дилам меҳри ту ҷо дошт,
Ман аз тақдири худ менолам, эй гул.

Ба умрам аз касе ҳаргиз нанолам,
Мадад донам, агар пурсӣ ту ҳолам.
Фалак хонад гаҳе Гулчеҳра Содиқ,
Биёяд аз сурудаш бӯи Ёлам.

Назар бар кӯи ту, эй ёр, дорам,
Намепурсӣ чаро аз ҳоли зорам.
Ғами танҳоӣ роҳамро бигирад,
Ба кӯи ту натонам рӯ биёрам.

Ба мулки ишқ марди ошиқам ман,
Ба дарди ту табиби ҳозиқам ман.
Хатои ман маҷӯ, кардӣ хато худ,
Ба номи хеш лоиқ, Содиқам ман.

Дили садпораи худро чӣ дӯзам?
Ба ғамҳои ту рафта моҳу рӯзам.
Надонистӣ ту қадрамро, агарчи
Ба оташхонаи ишқат бисӯзам.

Ба ёдат то саҳар бедорам, эй гул,
Ба дил ганҷи муҳаббат дорам, эй гул.
Зи баъди дидани дарди ҷудоӣ
Ба ҳар як тори мӯят зорам, эй гул.

Дари ишқи дилат во кардам, эй гул,
Туро бар дидаам ҷо кардам, эй гул.
Агарчи дур рафтӣ аз бари ман,
Туро гум карда, пайдо кардам, эй гул.

Ба кӯи дилбари ман гирдбод аст,
Фалак ёри вафодорам надодаст.
Ҷафоям деҳ аё чархи ҷафокор,
Маро модар ҷафокоре назодаст.

Бигӯ он дилбари раҳдури моро,
Маранҷонад дили ранҷури моро.
Бадам ё нек, мегӯям, накобед,
Пас аз мурдан нишони гӯри моро.

Садоят мерасад пайдоӣ, эй дил,
Зи сӯзат огаҳам шайдоӣ, эй дил.
Манол охир зи нодории қисмат,
Ки дар дунёи ман дороӣ, эй дил.

Ҷафокорӣ ба олам рои мо нест,
Дар ин раҳ, ҷои нақши пои мо нест.
Ба кӯи бовафоён раҳ бигиред,
Ки кӯи бевафоён ҷои мо нест.

Гирифторам ба банди мӯят, эй гул,
Нигоҳи меҳр дорам сӯят, эй гул.
Баҳоре чанд рафт аз фасли умрам,
Намедонад машомам бӯят, эй гул.

Чу пире ёд мекард аз ҷавонӣ,
Зи садҳо достони паҳлавонӣ.
Ду дасташ бар асою лек имрӯз
Ҳаменолид ӯ аз нотавонӣ.

Миёни оташи ғамҳоӣ, эй дил,
Ғуломи ёри бепарвоӣ, эй дил.
Надонистӣ чу додӣ хеш аз даст,
Манол акнун ту аз танҳоӣ, эй дил.

Мани танҳо сафар дорам, азизам,
Раҳи пур аз хатар дорам, азизам.
Ба хона рафта мегӯям ба модар,
Ки ман ёри дигар дорам, азизам.

Бубин имрӯз пири дилҷавонро,
Зи хотир бурда ғамҳои ҷаҳонро.
Навои нои ӯ дар ҷӯш, гӯӣ,
Надида барги рӯи ӯ хазонро.

Ғами дилдодаро бедил надорад,
Ғами мирандаро қотил надорад.
Супорад ҷони худ гар ошиқи пок,
Ба ғайр аз кӯи ӯ манзил надорад.

Суханро майда кардам мӯ ба мӯят,
Дари дилро кушодам рӯ ба рӯят.
Пушаймонам, ки рози дил бигуфтам,
Бимондам аз нигаҳ кардан ба сӯят.

Ҳамон вақте дилам шайдо буд, эй гул,
Ҳама гумкардаам пайдо буд, эй гул.
Набуд ғофил дил аз сӯзи муҳаббат,
Муҳаббат ғофили дилҳо буд, эй гул.

Маро аз Оли Сомонам мапурсед,
Маро аз наҳси кайвонам мапурсед.
Пас аз кушторҳои муслиминам
Сухан аз дину имонам мапурсед.

Бимон дар оташи ғамҳо бисӯзам,
Ба ёди дилбари раъно бисӯзам.
Ба мисли шӯълаи ҷовиди Зардушт
Бимон дар синаи шабҳо бисӯзам.

Макун бисёр хору зорам, эй гул,
Ғами ишқи ту дар дил дорам, эй гул.
Агар сад сол роҳи умр пӯям,
Ба сӯи кӯи ту рӯ орам, эй гул.

Ба гулбоғи муҳаббат хуфтаӣ ту,
Сухан аз ишқ ҳар ҷо гуфтаӣ ту.
Пас аз рӯовариҳои ту донам,
Ба дил ишқи маро бинҳуфтаӣ ту.

Хуш он вақте будам дар кӯят, эй гул,
Ба дастам буд банди мӯят, эй гул.
Ҷудоиҳои роҳи ошиқонро
Бихондам аз хати абрӯят, эй гул.

Ба қалбам сӯзи ишқат ҷо буд, эй гул,
Забони хомаам гӯё буд, эй гул.
Ту бо ман будию аз ман набудӣ,
Агарчи меҳр байни мо буд, эй гул.

Ба кӯи ту фақат рӯ орам, эй гул,
Бишав дар зиндагонӣ ёрам, эй гул.
Аз он вақте ки ту аз ман бирафтӣ,
Ба кӯи айш мотам дорам, эй гул.

Ту рафтӣ аз барам, ғам ёри ман шуд,
Аниси ин дили бемори ман шуд.
Марон аз хонаи дил тифли ғамро,
Фақат ӯ шоҳиди асрори ман шуд.

Маро аз гулшани рӯят ҳавас буд,
Ба гӯшат нолаам бонги ҷарас буд.
Намегаштӣ зи чашмони дилам дур,
«Маро як дидани рӯи ту бас буд».

Муҳаббат давлати дунё буд, эй гул,
Ба кунҷи синаи ман ҷо буд, эй гул.
Ҳама чун турнаҳо якҷо бирафтанд,
Ҷудоӣ дар насиби мо буд, эй гул.

Ба дунё дилбари ҷони ту бошам,
Дилам бурдӣ, ба фармони дили ту бошам,
Сухан гӯям агар бо лафзи ширин,
Сухангӯю сухандони ту бошам.

Ту ҳам дил дорию инсонӣ, эй гул,
Дили пурҳасратам медонӣ, эй гул.
Чаро бо ваъдаҳои бардурӯғат
Маро дар нимараҳ мемонӣ, эй гул.

Ту ишқатро ба дил эҳё намоӣ,
Маро дар дидаи худ ҷо намоӣ.
Агар рӯзе маро ҷӯё шавӣ ту,
Зи кӯи ошиқон пайдо намоӣ.

Касе, ки ошиқи дунё набошад,
Канори ёри бепарво набошад.
Маро, ки бо ғаму дард офариданд,
Даме ҳам дарду ғам бе мо набошад.

Ғамам сӯи фараҳ афсӯс хӯрдаст,
Диламро зиндагӣ бар хеш бурдаст.
Ҳамон рӯзе канад ҷон аз тани мо,
Бигӯ бар мардумам Содиқ бимурдаст.

Сикандар Шоҳ дар ҳирси ҷаҳон буд,
Ба нисфи даҳр гӯё ҳамзабон буд.
Ба дунё буд ӯ шоҳи тавоно,
Ба назди марг аммо нотавон буд.

Хушомадгӯиҳоят сарсарак буд,
Кафи дасти дили мо бенамак буд.
Ба некиҳои ман пиндошт фарде,
Зи фанди даҳр Содиқ бедарак буд.

Фақат некӣ намудам дар ҳаётам,
Ҳамин як ганҷ дорам дар бисотам.
Нигаҳ кардам, набуд дар ҳафт пуштам
Нишоне аз бадӣ дар хулқи зотам.

Ба каф гандум ҳамекоранд мардум,
Ба солаш рӯз бишморанд мардум.
Касе парвои Ёли ман надорад,
Валекин зиндагӣ доранд, мардум.

# ҚАТРАҲО

Тифли ишқам зинда бо номи ту буд,
Ошиқи чашмони бодоми ту буд.
Ту надонистӣ, ки дар дунёи зулм
Ишқи ман оғозу анҷоми ту буд.

* * *

Бар дили осмон назар кардам,
Дидаам, ахтарон ба ҳам ҷуфтанд.
То дами субҳ, ёр, кардам гӯш,
Сухан аз тоқагии мо гуфтанд.

* * *

Саъй бинмо, ки ҳисоби мо баробар мешавад,
Аз муваффақ ғолибонро тоҷ бар сар мешавад.
Роҳи довар саҳл машмар дар набарди зиндагӣ,
Ростбину ростқавлу покгавҳар мешавад.



# БАЙТҲО

Сирри дунёӣ ба рӯи чашми олам фош нест,
Зиндагӣ сад сол мебинӣ, вале маънош нест.

Ба шеъри дили ман надорӣ ҳавас,
Ба чагдони фаҳми ту ҳайф аст хас.

Дар зери боли аҳди ту кӯи сафед нест,
Дар хирмани нигоҳи ту дони умед нест.

Ҳиммати паст ба мақсад нарасонад касро,
Об дар қаъри дили хеш нагирад хасро.

Рӯзгори сахт созад факр беандешаро,
Тангдастӣ мекушад марди саховатпешаро.

Дарди бедармон агар як рӯз беҷонат кунад,
Эй тани бадбӯй, танҳо хок пинҳонат кунад.

Ба рӯзи марг номардаш камону тирро гуфтем,
К-аз ин ҳам дида номардӣ ба хулқи одамӣ дидем.

Қалби сағонаҳо набувад ҷои мурдаҳо,
Танҳо ба зери хок бувад ҷои одамӣ.

Саъй кун луқма шавад шаҳд ба ком,
Ба нишастан нашавад кор тамом.

Дар кори сахт обрӯю эътибор нест,
З-ин рӯ насиби хар шуда ин кору бори мо.

Дунёталаб, ба дидаи таҳқиқ кун назар,
Афтӣ ба рӯзи сахт ба ҳар кӯй дар ба дар.

Парҳез аз ҳаром намо, дузд мешавӣ,
Аз кор дур гаштаву бемузд мешавӣ.

Кинае дар дил мапарвар, некхоҳат кам шавад,
Меҳр парвар, то дилат кошонаи олам шавад.

Ҳар касеро дӯст дорӣ, ҷон фидояш мекунӣ,
Ҳамдаму ҳамқисмату дардошнояш мекунӣ.

Зиёфат нест андар мурғи бирёну шароби нақд,
Ба он кӯе ба меҳмонӣ бирав бо обу дон бошад.

Дур аз ёрони худ гаштем, бепарво шудем,
Дур аз чашмони ёрон гашта бепарвоиям.

Ашкем, ба рӯву ба раҳи дида равонем,
Афсӯс, вале қимати як лаҳза надонем.

Болонишинӣ Содиқо, донам ту чун уқоб,
Дар мулки шеър хона ба пастӣ чӣ мекунӣ?

Аз гузашти умр, ёрам, ғам махӯр,
Назди маргем ахгари кӯи танӯр.

Роз гӯ, рози дилат то ба саҳар гӯш кунам,
Ранҷҳо дар раҳи тақдир фаромӯш кунам.

Шуғли кори хеш баҳри рӯзгори худ бикӯш,
Ноҳақӣ дар ин замон дидӣ, ту чашмонат бипӯш.

Ганҷи дунё бихӯрӣ, ҳеҷ наёбад итмом,
Ҳама ин моли ҷаҳон аз сари мо мемонад.

Бо баду неки ҷаҳон дар зиндагонӣ хӯ кунед,
Сурати ҳақ аз ниҳоди хеш ҷустуҷӯ кунед.

Дасти аҷал зи боғи ҳаётат канад ба шавқ
Дурдонаҳои меваи хоми начидаро.

Агар ишқи туро дар хонаи дил ҷо намекардам,
Ғаму дарди дили дунёи худ пайдо намекардам.

Бар сари халқ басо мушту лагад мекӯбем,
Ин нафас рафта, ки мо марсияхони хешем.

Ҷаҳолат по ба ҳар мулке ниҳад, мардум гадо гардад,
Чу боло дасти қотил мешавад, олам фано гардад.

Худовандо, назар кам кардаӣ оё ба халқи мо,
Ба зӯри дасти як бегона гӯри хеш мекобем.

Решаи авлоди мо аз хоки ғам дорад амал,
Ғамгусори мардумем андар таҳи боми сипеҳр.

Зиндагӣ кардан ба мулки ғофилон, ёрон, хатост,
Аз барои дардмандон бандагӣ кардан равост.

Гарди хоки пои мо як рӯз мерӯбад аҷал,
Бо нишону бе нишони хеш дар хоки худем.

Аз чӣ шармидан надорад факр аз дасти гадо,
Ки тамоми умр ӯро мебарад бо муфлисӣ?!

Аз лиҳозі саъй ганҷи даст ҳосил мешавад,
Хотири ҷамъи падар фарзанди қобил мешавад.

Халқи худро ҳар касе бо пушти пояш мезанад,
Аз саманди қудраташ афтида гардан бишканад.

Аз чашмаи фаҳми хеш нӯшед чу ман,
Бо бехирадон ҳайф насозед сухан.

Ба базми шеър шав хурсанд Лоиқ,
Ки меояд зи дунболи ту Содиқ.

Ниқоби шаб кашад аз рух, зи ҷои худ сабо хезад,
Ба рӯи хони мардум файзу эҳсони саҳар резад.

Дастони субҳ пардаи шабро зи рӯ кашид,
Файзи саҳар ба хонаи иқбол нур рехт.

Субҳи содиқ медамад, аз хоби ширин хез, хез,
То ки аз файзи саҳар ёбӣ бarори хешро.

Эй, ки аз хоб ба ҳар субҳдамӣ мехезӣ,
Ганҷ бар хони дил аз файзи саҳар мерезӣ.

Дасти иқбол дари кӯи дилат бикшояд,
Эй, ки барвақт зи хоби саҳарӣ мехезӣ.

Кӣ дари хонаи иқбол кушояд ба саҳар?!
Он ки барвақт зи хоби саҳарӣ мехезад.

Ҳар кӣ омад, хӯрд нон аз хони хуб ороста,
Ин чӣ меҳмон буд, ки аз дасташ намакдонам шикаст?!

Дасти одам ба дари ризқи ҳаром аст, мудом,
Меҳнати поку ҳалоле ба даҳон мӯр кунад.

Агар тӯфони нӯҳ аз сар бигирад рӯи оламро,
Зи нав одам шавад пайдо, дигар олам нахоҳад шуд.

Нест кун аз кишвари дилҳо ту тухми кинаро,
Суд ҳаргиз нест аз хӯрдан ғами поринаро.

Одамӣ гар аз камоли умр меёбад самар,
Ҳайфи умре бигзарад аз олами мо бехабар.

Мо шири хом хӯрда, ки чун пухта гаштаем,
Эй пухтахӯ ниҳон туӣ дар фикри хоми мо.

Асари рӯи ман аз чӯби сари гӯрам бин,
Чашми Содиқ ба раҳи раҳгузарон хоҳад буд.

Бин, ки Мӯсо ҷон надоду даст аз дунё нашуст,
Он ки меояд ба дунё, ошиқи дунё шавад.

Ба ҳусни хеш мафтун гашта Содиқро намедидӣ,
Тапиданҳои набзи қалби ошиқро намедидӣ.

Умре ба роҳи ҳақ, ки назар карда рафтаем,
Тадриси роҳи тарбиятам ҳақгузор буд.

Ба одам мушкил аз ҷо хестан буд,
Ду пои худ агар медид аз гил.

То даме дар сина оҳ аст,
Одамӣ чун хоки роҳ аст.

Ба хешон чора ҷӯ дар зиндагонӣ,
Ба маргу зиндаат хешу табор аст.

Ту, ки аз лаҳзаи маргӣ ғофил,
Дорад андеша зи маргаш оқил.

Мурда мебинад ба вақти ғусл кавни хешро,
З-он, ки рӯҳашро малоик рӯи чашмонаш кунад.

Хешро мо аз миёни коми оташ ёфтем,
Шеъри дилро аз рухи он ёри маҳваш ёфтем.

Дар зиндагонӣ ёд кун аз марг як нафас,
Дар олами кушод чу мурғем дар қафас.

Рӯзе, ки фоқагӣ ба дарат панҷа мезанад,
Бо дасти хеш панҷа мазан бар сарои кас.

Дар замони кӯдакӣ аз ғам раҳо будем мо,
Ғофил аз макри дилу роҳи хато будем мо.

Бесамар Содиқ дарахти бедро ҳаргиз магӯ,
Оқибат созанд тобути туро аз чӯби бед.

Нигоҳи меҳр сӯям буд, оҳанги вафо кардам,
Диламро дар раҳи ишқи ту ман обу адо кардам.

Хоксорӣ пеша кардам, аз пайи номам ҳанӯз,
Пухтафаҳмиҳо куҷо? Дар зиндагӣ хомам ҳанӯз.

Ризқи мо гарчи дар ин олам фароҳам будааст,
Моли дунё доштан худ марги одам будааст.

Бо чашми бад нигоҳ ба мардум намекунем,
Бар рӯи хас нигоҳ кунад хоки боми мо.

Ҳар он вақте ки ёрат аз лабонат бӯса мехоҳад,
Даме лаъли лабони бӯсахоҳамро ба ёд овар.

Ақл бинову бахт кӯр бувад,
Чашми бахт аст ақли инсонӣ.

Дилро нигаҳи масти ту обу адо бикард,
Дар пеши шоҳи ишқи ту моро гадо бикард.

Аз он рӯзе қадам бар коргоҳи ин дилам бинҳодаӣ,
ай дӯст,
Қасам бар рӯи зебову нигоҳи меҳрборат,
дӯстат дорам.

Зиндагониро бақо аз меҳнат аст.
Ҳеҷ меҳнаткаш ба сони мӯр нест.

Аз раҳи ҳақ дур гардад доваре,
Мефитад бар хок сад тоҷи саре.

Сели мулки бебарорӣ шуд қарор,
Чашми одам монд аз хешу табор.

Чашми дунё бо баландиву хамист,
Ноқисӣ хилватнишини одамист.

Зиндагӣ – бо хеш даровехтан,
Хештан дар элаки ғам бехтан.

Мурдаро то хок кардан нола аст,
Дарду ғам як лаҳза не, садсола аст.

Дар дили мардум зи хубӣ ҷо шавӣ,
Қатраи обӣ агар, дарё шавӣ.

Даҳрро асло мабин аз ҳам ҷудо,
Дӯстиро дӯст медорад Худо.

Файз не, дар хона мо ҳаҷ меравем,
Рост мегӯему худ каҷ меравем.

Зиндагимон меравад мисли кашаф,
Зуд гум гардад ба рӯи об хаф.

Маърифат аз «зод»-и мо гар зодааст,
Дар пахоли умр алав сар додааст.

Маърифат – тавлидсози ному нанг,
Оварад аз шеди дониш ақл ранг.

Бигсалад аз ҳам чу банди иттиҳод,
Шоҳ бидҳад тоҷу тахти худ ба бод.

Пойдориҳои пушт аз қавм ҷуст,
Хар биафтонад зи пушташ бори суст.

# МУНДАРИЧА

М.Ғоиб. Мусофири ҷӯяндаи раҳму шафқат ............ 3
Ғазалҳо ........................................................................ 5
Дунёи меҳр.............................................................. 141
Арсаи эътиқод ........................................................ 164
Васфи Ватан............................................................ 167
Диёри ишқ................................................................ 179
Хотираи сарбоз........................................................ 183
Хати роҳ ................................................................... 191
Хандаи барқ ............................................................ 197
Кошонаи меҳр.......................................................... 205
Диёри ҳамешабаҳор ................................................ 227
Сурудҳо .................................................................... 239
Маснавиҳо................................................................ 277
Рубоиёт..................................................................... 297
Дубайтиҳо ................................................................ 305
Қатраҳо..................................................................... 324
Байтҳо....................................................................... 325

**Содиқи Завқӣ**

**МАРОМИ ЗИНДАГӢ**
*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш Ромиш Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ Меҳрӣ Саидова
Мусаҳҳеҳ Мирзо Кенҷа

Ба матбаа 22.07.2011 супорида шуд. Чопаш 29.07.2011 ба имзо расид. Андозаи 70х108 1/32. Ҷузъи чопӣ 10,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а

Дар матбааи ҶДММ «Ёл» ба табъ расидааст
к. А. Деҳотӣ 9/1. тел. 918-21-81-94